Ҳама масрур аз омӯзгор аст,
Ҷаҳон пурнур аз омӯзгор аст.

Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,
Шавад тира аз бехирад рӯзгор.

ҲАФТАНОМА АЗ 20-УМИ ИЮЛИ СОЛИ 1932 НАШР МЕШАВАД

ОМӮЗГОР

№39 (12573)
1 октябри
соли 2026

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

КАЛОМИ ПЕШВО



Давлату Ҳукумат аз шумо, устодону омӯзгорони арҷманд, умед ва ба шумо эътимоди комил доранд, зеро инсоният ба омӯзгор ҳамеша ниёз дошту дорад. Маҳз муаллим аст, ки доимо меомӯзад ва он чӣ андӯхтааст, ба дигарон таълим медиҳад. Миллате, ки омӯзгори асил надорад, ҳеҷ гоҳ ба ягон мартаба намерасад. Омӯзгори дилсӯзу бомаърифат ва ба тарбияи инсон содиқ чароғи маърифат ва боигарии миллат аст. Ифтихор ва сари баланди мост, ки тоҷикон аз қадим соҳиби китобу қалам, илму маърифат ва олиму омӯзгор буданд, ҳастанд ва дар оянда низ чунин хоҳанд монд. Ниёгони мо доир ба заҳматҳо ва нақши муаллим дар таълиму тарбия гуфтаанд:

Тарбият чист? Хок зар кардан,
Қатраи обро гуҳар кардан.

Аз ин рӯ, бояд ҳар як омӯзгор донад, ки ӯ шахси масъулу равшанфикр ва пешбарандаи ҷомеаи мост. Ва мо аз шумо - омӯзгорону устодон умед ва бовар дорем, ки ин рисолати таърихии хешро сидқан ба ҷо оварда, дар таълиму тарбияи насли бомаърифату хушахлоқ, соҳиби касбу ҳунар, бонангу номус, ватандӯсту ватанпараст ва ба миллату Ватани хеш содиқу вафодор саҳми муносиб мегузоред. Дар иҷрои ин амри хайр ба шумо сарбаландиву барори кор орзу дорам.

Эмомалӣ РАҲМОН

ВАСФИЯ

ОМӮЗГОР



Эй сазовори ситоиш,
Эй сазовори ниёиш,
Гар ҳама ҳарфи накуе, ки башар андар забони хеш дорад,
Дар сифоти ту бигӯям, ин кам аст.
Гар ҳама меҳре, ки одам дар дилу дар дида дорад,
Армугон орам бароят, ин кам аст.
Чашмаи оби бақо дар синаи туст,
Офтоби пурзиё дар дидаи туст.
Кишти фарҳангу ҳунар аз заҳматат миноӣ бошад,
Ойини ту некиву хушбахтиву зебоӣ бошад.
Ту кашоварзӣ ба маънии дигар,
Ту кашоварзӣ, ки дар марзи дили ҳар кӯдаке
Тухми некиву ҳақиқатро бикорӣ,
Киштаҳоро дар баҳои ҷони худ сарсабз дорӣ.
Ту кашоварзӣ, равонро рӯзӣ бахшӣ,
Ақлҳоро ҳикмати худҷӯйӣ бахшӣ...
Ҳамшабеҳи ту дигар дар рӯйи дунё нест, нест,
Ҳамчу ту санъатваре, ки буд воло, нест, нест.
Ҳар қадар ки ганҷи дониширо ба тифлон додаӣ,
Боз ҳам доро бимонӣ,
Ҷовидонӣ, ҷовидонӣ.
Шаҳсутуни кохи миллат,
Эй аламбардори фитрат,
Ту баландӣ аз ситоиш,
Ту баландӣ аз ниёиш.

САРМАД

ДАР ИН ШУМОРА

8 Мақоми омӯзгор дар суханрониҳои Пешвои миллат: аз рисолати инсонсозӣ то масъулияти ояндасозӣ

11 Устод дар оинаи ҳикоятҳо

3 ПЕШРАФТИ МАОРИФ ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛ

9 Омӯзгор воломақом аст

12 Иродатманду қавидил бош!

Почтаи электронии «Омӯзгор»: n.omuzgor@maorif.tj
Телефон барои тамос: 225-81-55

Фаромӯш набояд кард: нобиғаҳо ҳам замоне шогирди одии омӯзгор буданд.

А. П. Чехов

ФАЙЗИ ИСТИҚЛОЛ



МУАРРИФИИ ЛОИҲАҲОИ ШАБАКАҲОИ ДОНИШКАДАҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ДБССТ

27 сентябр Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар идомаи сафари корӣ ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар минтақаи саноатии шаҳри Хоруғ бо лоиҳаи бунёди муассисаҳои байналмилалии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон шинос шуда, ба сохтмони иншооти мазкур санги асос гузоштанд.

Бунёди муассисаҳои нави таълимӣ дар шаҳри Хоруғ идомаи тадбирҳои созанда дар самти рушди низоми маориф, тақвияти заминаи моддию техникии муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва фароҳам овардани имкониятҳои мусоид барои омодасозии мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат мебошад.

Дар шароити рушди босуръати иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва демографии кишвар, баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот, рушди илм ва тайёр намудани кадрҳои баландихтисос аз самтҳои муҳимми сиёсати давлатӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, таъсиси муассисаҳои таълимии замонавӣ дар минтақаҳои кишвар барои рушди сармояи инсонӣ ва таҳкими иқтидори иҷтимоию иқтисодии мамлакат аҳамияти зиёд дорад.

Зимни шиносоӣ бо лоиҳаҳо ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки бинои муассисаи таълимӣ дар шаҳри Хоруғ аз 7 ошёна иборат буда, барои фарогирии 2500 донишҷӯ пешбинӣ гардидааст. Тибқи нақша, сохтмони он то соли 2030 ба анҷом расонида шуда, ба истифода дода мешавад.

Дар бинои мазкур барои ташкили раванди муосири таълимӣ 48 синфхона, аз ҷумла, 20-то барои машғулиятҳои амалӣ, 4 толор ва 4 лабораторияи компютерӣ ҷойгир карда мешаванд.

Бо мақсади ба роҳ мондани таълими амалӣ ва корҳои илмию таҳқиқотӣ 10 лабораторияи соҳавӣ ташкил карда мешавад. Аз ҷумла, лабораторияҳои саёҳат ва меҳмондорӣ, сайёҳии кӯҳӣ, иқтисоди минтақаҳои кӯҳӣ, соҳибкорӣ ва тиҷорат, иқтисоди сабз ва рушди устувор, технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ, тағйирёбии иқлим ва рушди устувор, инчунин, рушди оқилонаи минтақаҳои кӯҳӣ пешбинӣ гардидаанд.

Ҳамзамон, барои омӯзиши забонҳои хориҷӣ ду маркази махсуси омӯзиши забонҳо ташкил карда мешавад, ки ба баланд бардоштани сатҳи забондонии донишҷӯён ва омодасозии мутахассисони рақобатпазир мусоидат хоҳад кард.

Тибқи лоиҳа, дар ошёнаи чоруми бино толори асосӣ бо 1000 ҷойи нишаст барои баргузории чорабиниҳои байналмилалӣ, як толори конфронсӣ барои 150-200 нафар ва толори бисёрфункционалии варзишию фарҳангӣ сохта мешаванд.

Дар муассисаи нав ба рушди захираҳои таълимӣ ва илмӣ низ таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардидааст. Барои ин китобхона ва Маркази байналмилалии захираҳои таълимӣ бо масоҳати тақрибан 500 метри мураббаъ ташкил шуда, дорои толори хониш барои 150 нафар, китобхонаи рақамӣ, утоқҳои кории гурӯҳӣ ва инфиродӣ, маркази таҳқиқотӣ ва фазои омӯзиши электронӣ хоҳад буд.

Барои фароҳам овардани шароити мусоиди иҷтимоию маишӣ барои донишҷӯён ошхона ва кафетерия бо 250 ҷойи нишаст пешбинӣ шудааст. Дар ин қисмати бино анборҳои маҳсулоти хушк ва хунук, ҳуҷраҳои махсуси шустушӯи зарфҳо ва дигар утоқҳои ёрирасон ҷойгир карда мешаванд.

Бо мақсади тарғиби тарзи ҳаёти солим ва фароҳам овардани имконият барои фаъолияти беруназсинфии донишҷӯён толори варзишӣ, фитнес, ҳуҷраҳои либосовезӣ ва ҳаммом низ пешбинӣ гардидаанд.

Яке аз самтҳои муҳимми фаъолияти муассисаи оянда ба рушди илм ва таҳқиқоти соҳавӣ вобаста хоҳад буд. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, ки бо дарназардошти хусусиятҳои табиӣ ва иқлимии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар муассиса Маркази илмӣ-таҳқиқотии рушди устувори минтақаҳои кӯҳӣ таъсис дода шавад.

Фаъолияти марказ ба омӯзиши иқтисоди кӯҳӣ, тағйирёбии иқлим, истифодаи оқилонаи захираҳои обӣ ва табиӣ, рушди иқтисоди сабз, сайёҳии устувор ва истифодаи технологияҳои рақамӣ равона хоҳад гардид.

Баъди шиносоӣ бо лоиҳаи шабакаҳои донишкадаҳои байналмилалии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои бунёди биноҳои нав дар шаҳрҳои Хоруғу Истаравшан ва ноҳияи Восеъ санги асос гузоштанд.

Ифтитоҳи 90 иншоот дар шаҳру ноҳияҳои ВМКБ

27 сентябр дар шаҳри Хоруғ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 90 иншооти таъиноти гуногунро, ки ба ифтихори ҷашни бузурги миллӣ – 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бунёд ёфтаанд, ба таври фосилавӣ мавриди истифода қарор доданд.

Дар шаҳри Хоруғ 8 иншоот, аз қабили корхонаи коркард ва басту банди партовҳои сахти маишии ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди Атрофи тоза бо 10 ҷои корӣ, корхонаи коркарди гиёҳҳои шифобахши Панасея бо 6 ҷои кории доимӣ ва 80 мавсимӣ, корхонаи бетони ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди Сомони давр бо 10 ҷои корӣ, кӯдакистони хусусии Ширинҷон барои 100 таълимгиранда, кӯдакистони хусусии Дилноза барои 60 кӯдак бо 6 ҷои корӣ, муассисаи таҳсилоти томактабии Рисолат барои 60 кӯдак бо 12 ҷои корӣ ва Маҷмааи муосири варзишӣ бо 20 ҷои корӣ ифтитоҳ гардида, 6 лоиҳаи роҳҳои дорои аҳамияти байналмилалию ҷумҳуриявӣ, ки дар ҳудуди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бунёд, навсозӣ ва мумфарш мегарданд, муаррифӣ карда шуд.

Дар ноҳияи Дарвоз 11 иншоот аз ҷониби Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ифтитоҳ гардид, ки бо бунёди онҳо ба ҳусни ноҳия зинати тозае зам гардид. Аз ҷумла, корхонаи обҳои ташнашикани ҶДММ Дарвоз аква бо 30 ҷои корӣ, муассисаи таҳсилоти томактабӣ барои 50 кӯдак, дар деҳаи Курговади Ҷамоати деҳоти Вишхарви ноҳияи Дарвоз муассисаи таҳсилоти томактабӣ барои 60 кӯдак, корхонаи истеҳсолии обҳои ташнашикани ҶДММ Парки иноватсионии саноатию технологӣ бо 6 ҷои корӣ, меҳмонхонаи Помир роҳи абрешим барои 30 меҳмон бо 10 ҷои корӣ, панҷ меҳмонхонаи муосир дар деҳаи Зеви деҳоти Қалъаи Хумб барои то 150 меҳмон бо 20 ҷои корӣ ва ҶДММ «Тоҷ Корея оид ба парвариш ва банду басти моҳӣ» бо 25 ҷои корӣ ифтитоҳ гардид.

Дар ноҳияи Ванҷ 12 иншоот, аз ҷумла, бунгоҳи тиббӣ дар деҳаи Садвадг бо 4 ҷои корӣ, маркази таъминоти бехатарии озуқаворӣ ва ташхиси ноҳиявӣ барои 24 корманд, муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 32 барои 100 хонанда дар як баст, муассисаи томактабии «Афсона» дар деҳаи Андарбак барои 60 тарбиятгиранда, муассисаи нави томактабии «Амина» дар деҳаи Удоб барои 60 кӯдак, Боғи фарҳангию фароғатии ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, се маркази хидматрасонӣ бо коргоҳҳои истеҳсолӣ ва меҳмонхона дар маркази ноҳияи Ванҷ бо 14 ҷои корӣ, муассисаи таълимии томактабии «Дурахшандагон» барои 60 кӯдак дар деҳаи Лугад, муассисаи томактабӣ барои 60 кӯдак дар деҳаи Рованд ва муассисаи таҳсилоти томактабии «Чашмаи дониш» барои 60 кӯдак ифтитоҳ карда шуд.

Дар ноҳияи Рӯшон 12 иншоот, аз қабили неругоҳи офтобӣ бо иқтидори 112 киловатт дар деҳаи Вранҷан, неругоҳи хурди обӣ бо иқтидори 25 киловатт дар деҳаи Бичрав, неругоҳи обӣ бо иқтидори 15 киловатт дар деҳаи Девлох, майдони варзишии маркази ноҳияи Рӯшон бо 10 ҷои корӣ, корхонаи саноатии банду басти мева ва тути хушк бо 20 ҷои корӣ ва хатти интиқоли барқи 110 киловолт дар масофаи 42 километр ба истифода дода шуд.

Дар ноҳияи Роштқалъа 15 иншооти таъиноти гуногун ба таври фосилавӣ ифтитоҳ гардид, аз ҷумла, муассисаи давлатии томактабии «Хирадмандон» дар деҳаи Шошбувад барои 60 кӯдак, муассисаи давлатии томактабии «Чеҳраи фардо» барои 60 кӯдак, муассисаи таҳсилоти томактабӣ барои 50 кӯдак, муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 24 барои 144 хонанда дар ду баст, парки саноатӣ бо 9 коргоҳ, гармхонаи муосир барои парвариши сабзавот ва муассисаи томактабӣ барои 200 кӯдак.



Дар ноҳияи Шуғнон 16 иншоот аз ҷониби Сарвари давлат ба таври фосилавӣ ифтитоҳ гардид, аз қабили муассисаи томактабии рақами 10 бо номи «Ганҷи миллат» барои 60 кӯдак, неругоҳи офтобӣ дар деҳаи Рож бо иқтидори 3 мегаватт, Парки саноатии ноҳияи Шуғнон иборат аз 6 коргоҳи саноатӣ бо 40 ҷои корӣ, гармхонаи муосир ва ҳавзи моҳипарварӣ дар деҳаи Пашор, муассисаи таҳсилоти томактабии деҳаи Нишус барои 30 кӯдак, муассисаи таҳсилоти томактабии «Дурахшандагон» барои 60 кӯдак, муассисаи хусусии таҳсилоти томактабии №2 бо номи «Насли Истиқлол» барои 80 кӯдак ва муассисаи таҳсилоти томактабии №7 «Меҳри Пешво» барои фарогирии 60 кӯдак.

Дар ноҳияи Ишкошим бошад, 9 иншоот дар рӯзи сафари корӣ Пешвои миллат ифтитоҳ карда шуд, аз ҷумла, муассисаи таҳсилоти томактабии №5 барои 60 кӯдак, 4 гармхонаи нави муосир бо 7 ҷои корӣ ва парки саноатӣ бо 80 ҷои корӣ ва қалъаи таърихии Ямчун баъди навсозӣ.

Дар ноҳияи дурдасти Мурғоб ба ифтихори ҷашни истиқлол 4 иншоот сохта, ба истифода дода шуд, аз қабили бинои нави шуъбаи Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, муассисаи таҳсилоти томактабии «Парасту» барои 60 кӯдак, муассисаи таҳсилоти томактабии «Дурахшон» барои 100 тарбиятгиранда, бинои нави нозироти андози ноҳия ва ду неругоҳи таҷрибавии бодӣ бо иқтидори умумии 200 киловатт неруи барқ.

Мавриди зикри хос аст, ки дар доираи сафари корӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба ғайр аз 90 иншооти тариқи фосилавӣ ифтитоҳшуда боз 185 иншооти таъиноти гуногун мавриди истифода қарор гирифт.

Дар шаҳри Душанбе Форуми байналмилалии «Савдои фаромарзии бекоғаз ва ҳамгироии минтақавӣ» баргузор гардид.

СОЗАНДАГӢ

Бинои нави таълимгоҳ дар Хоруғ



27 сентябр Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бинои нави муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №6-ро барои 1048 хонанда дар маҳаллаи ба номи Носири Хусрави шаҳри Хоруғ мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.

Иншооти нави таълимӣ бо мақсади фароҳам овардани шароити арзандаи таълиму тарбия ва баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсил бо маблағгузории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд ёфтааст.

Зимни шиносоӣ бо шароити иншооти нав ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки ҳангоми тарҳрезӣ ва сохтмони бино ба сифати корҳо, риояи меъёрҳои муосир ва истифодаи масолеҳи сохтмонии истеҳсоли ватанӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардидааст.

Сохтмони ин муассисаи муосири таълимӣ аз моҳи сентябри соли 2024 оғоз гардида, дар муҳлати муайяншуда бо риояи талаботи меъёрҳои муосир анҷом дода шудааст. Дар раванди бунёди иншоот 150 сокини маҳаллӣ бо кори муваққатӣ таъмин гардиданд.

Муассиса аз 20 синфхонаи таълимӣ, 10 утоқи корӣ, китобхонаи электронӣ ва як қатор ҳуҷраҳои ёрирасон иборат мебошад. Дар синфхонаҳои муассиса барои омӯзиши фанҳои гуногун, аз ҷумла, математика, физика, химия, биология, технологияи иттилоотӣ ва забонҳои хориҷӣ, заминаи зарурии моддию техникӣ фароҳам оварда шудааст. Ҳар як кабинети фаннӣ бо дар назардошти хусусияти таълимӣ ва талаботи барномаи таълимӣ муҷаҳҳаз гардидааст.

Дар муассисаи таълимӣ ҳоло 40 омӯзгор, ки 95 фоизи онҳоро бонувон ташкил медиҳанд, ба фаъолияти касбӣ машғул буда, дар тарбияи насли донишманду ватандӯст ва худогоҳу хештаншинос нақши муассир мебозанд.

Муассиса, ҳамчунин, дорои ошхона бо 90 ҷойи нишаст, толори варзишӣ ва толори маҷлис бо 170 курсӣ мебошад.

Толори варзишӣ бо таҷҳизоти зарурӣ барои баргузории машғулиятҳои гуногуни соҳандагон имконият медиҳад, ки дар шароити муносиб ба тарбияи чисмонӣ машғул шаванд ва маҳорати варзишии худро такмил диҳанд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъулин ва омӯзгорон дастур доданд, ки аз имкониятҳои фароҳамшуда самаранок истифода карда, барои баланд бардоштани сатҳи донишомӯзии хонандагон, такмили маҳорати касбии омӯзгорон ва тарбияи насли наврас дар руҳияи худшиносии миллӣ, ватандӯстӣ ва эҳтиром ба арзишҳои миллӣ талоши бештар намоянд.

ДАСТОВАРД

ПЕШРАФТИ МАОРИФ ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛ

Аз суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо роҳбарону фаъолони вилояти Суғд ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон

23.09.2026, шаҳри Хуҷанд

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд ба маблағи умумии 1,4 миллиард сомонӣ 986 муассисаи таълимӣ барои 470 ҳазор хонанда сохта, ба истифода дода шудааст.

Сохтмони муассисаҳои нави таълимӣ, бунёди синфхонаҳои иловагӣ ва муҷаҳҳаз гардонидани онҳо бо таҷҳизоти муосир ба беҳтар гардидани сифати таълим ва тайёр намудани кадрҳои ҷавобгӯ ба талаботи замон мусоидат намуда истодааст.

Бо дастгирии Ҳукумати мамлакат дар ин давра шумораи муассисаҳои томактабӣ ва фарогирии кӯдакон ба таҳсилоти томактабӣ мунтазам афзоиш ёфт.

Имрӯз дар вилоят 315 муассисаи томактабӣ фаъолият менамояд, ки дар онҳо 54 ҳазор кӯдак ва дар 724 маркази инкишофи кӯдак зиёда аз 27 ҳазор кӯдак ба таълиму тарбия фаро гирифта шудааст.

Танҳо дар 14 соли охир аз шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд 4300 нафар ҷавонон тибқи квотаи президентӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакат қабул гардидаанд.

Боиси қаноатмандист, ки хонандагони муассисаҳои таълимии вилояти Суғд ҳамасола дар озмунҳо ва олимпиадаҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ фаъолона иштирок карда, ба дастовардҳои назаррас ноил мегарданд.

Итминон дорам, ки ҷавонони соҳибмаърифати вилояти Суғд бо истифода аз имкониятҳои фароҳамсохтаи давлату Ҳукумати мамлакат дар пешрафти илму техника, рушди иқтисоди миллӣ ва таҳкими давлатдории тоҷикон саҳми арзандаи худро мегузоранд.

***

28.09.2026, шаҳри Хоруғ

Аз ҷониби Ҳукумати мамлакат дар даврони соҳибистиқлолӣ барои таҳкими заминаҳои моддиву техникии соҳаи маорифи вилоят ва баланд бардоштани сифати таълиму тарбия тадбирҳои муассир амалӣ карда шуданд.

Танҳо дар бист соли охир аз ҳисоби буҷети давлатӣ барои рушди соҳаи маорифи вилоят зиёда аз 2,3 миллиард сомонӣ равона гардидааст.

Ба ин мақсад соли 2026-ум 426 миллион сомонӣ пешбинӣ гардидааст, ки нисбат ба соли гузашта 25 фоиз зиёд мебошад.

Агар соли 1997 дар вилоят ҳамагӣ 9 муассисаи томактабӣ фаъолият дошта бошад, пас, имрӯз шумораи онҳо ба 40 ва марказҳои инкишофи кӯдак ба 215 расидааст.

Имрӯз беш аз 8 ҳазор нафар кӯдак ба таълиму тарбияи томактабӣ фаро гирифта шудааст.



Танҳо дар соли 2025-ум 35 муассисаи томактабӣ ва марказҳои инкишофи кӯдак сохта, ба истифода дода шуда, сохтмони 54 муассисаи дигар идома дорад.

Дар давраи соҳибистиқлолии мамлакат дар шаҳру ноҳияҳои вилоят ба маблағи зиёда аз 500 миллион сомонӣ 226 муассисаи таҳсилоти умумӣ бо зиёда аз 44 ҳазор ҷойи нишаст сохта, ба истифода дода шудааст.

Ҳоло ба маблағи 67 миллион сомонӣ сохтмони боз 10 муассисаи таълимӣ барои 2,5 ҳазор хонанда идома дорад.

Тайи солҳои соҳибистиқлолӣ зиёда аз 42 ҳазор нафар ҷавонони вилоят муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, аз ҷумла 6400 нафар муассисаҳои таҳсилоти олии хориҷи кишварро хатм намудаанд.

Солҳои охир нишондиҳандаи дохилшавии хатмкунандагони мактабҳои вилоят ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ мунтазам беҳтар гардида, соли ҷорӣ 94 фоизи хатмкунандагон барои идомаи таҳсил ба қайд гирифта шудаанд.

Ҳоло зиёда аз 1400 нафар ҷавонони вилоят дар муассисаҳои таҳсилоти олии давлатҳои хориҷӣ таҳсил менамоянд.

Аз соли 1997 то имрӯз барои ҷавонони вилоят тавассути квотаи Президентӣ 4129 ҷой, аз ҷумла, 2577 ҷой барои духтарон ҷудо гардидааст.

Барои солҳои 2026-2030 боз 1050 квотаи дигар пешбинӣ шудааст.

Ҳамаи ин пешравиҳо гувоҳи равшани таваҷҷуҳи давлату Ҳукумати мамлакат ба рушди соҳаи маориф буда, барои фароҳам овардани шароити мусоиди таълиму тарбия, рушди неруи инсонӣ ва пешрафти устувори иқтисодиву иҷтимоии вилоят заминаи боэътимод мегузоранд.

Мо дирӯз дар муаррифии шабакаи донишкадаҳои байналмилалии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон иштирок карда, санги асоси сохтмони онҳоро дар шаҳрҳои Хоруғ, Истаравшан ва ноҳияи Восеъ гузоштем.

Қобили зикр аст, ки имрӯз дар минтақаҳои гуногуни мамлакат, аз ҷумла, дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Левакант ва ноҳияи Данғара шаш донишкадаи байналмилалии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон фаъолият дорад.

Дар робита бо ин, Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон вазифадор мегардад, ки бунёди шабакаи донишкадаҳои байналмилалиро дар муҳлати муқарраргардида оғоз намояд.

Ҳамчунин, ба вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо, маориф ва илм, корҳои хориҷӣ, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ супориш дода мешавад, ки чиҳати дастгирии лоиҳаҳои пешниҳоднамудаи донишгоҳ дар самти ҷалби сармоягузориҳои дохиливу хориҷӣ тавассути ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ, барои бунёди биноҳо, таҳкими заминаи моддиву техникӣ, таъсиси озмоишгоҳҳо ва марказҳои муосири таълимӣ, рушди технологияҳои рақамӣ ва густариши ҳамкории байналмилалӣ чораҳои мушаххас андешанд.

Дар шароити рушди босуръати техникаву технологияҳо сатҳи дониш, малака ва касбияти ҷавонон омили асосии пешрафти давлат мебошад.

Ба ин мақсад, ҳоло дар ноҳияҳои Ванҷ ва Ишкошим сохтмони ду литсейи касбҳои техникӣ идома дорад, ки барои омода намудани мутахассисони соҳаҳои истеҳсолӣ аҳаммияти калон хоҳад дошт.

Рушди соҳаҳои иқтисодиёт тақозо менамояд, ки сифати таҳсил, омӯзиши фанҳои риёзиву табиатшиносӣ, аз худ кардани технологияҳои иттилоотӣ ва забонҳои хориҷӣ, инчунин, омода намудани кадрҳо ба талаботи бозори меҳнат мутобиқ карда шавад.

Бинобар ин, Вазорати маориф ва илм, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он барои баланд бардоштани сифати омода намудани кадрҳо тадбирҳои иловагӣ андешанд.

Илова бар ин, бояд ба рушди таҳсилоти касбӣ, густариши таълими рақамӣ ва дастгирии омӯзгорони ҷавон таваҷҷуҳи ҷиддӣ дода шавад.

Дар шароити торафт зиёд гардидани таҳдиду хатарҳои берунӣ ва таъсири номатлуби шабакаҳои иҷтимоӣ ба наврасону ҷавонон зарур аст, ки ба тарбияи ватандӯстиву ватанпарастии фарзандон аҳаммияти хосса дода шавад.

***

Боиси ифтихору сарбаландист, ки имрӯзҳо мо дар фазои сулҳу суботи комил ва ваҳдати устувори миллӣ ҷашни бузургу муқаддаси миллиамон – 35-солагии Истиқлоли давлатии кишвари азизамонро таҷлил карда истодаем.

Ба муносибати ин санаи бузурги таърихӣ кулли сокинони ватандӯсту заҳматқарини Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва ҳамаи шумо – ҳозирини гиромиро самимона табрик гуфта, ба ҳар як хонадон саломативу хушбахтӣ, рӯзгори обод ва файзу баракат орзу менамоям.

Ҳамчунин, вазифаи инсонии худ мешуморам, ки хотираи фарзанди некноми Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, собиқ раиси вилоят Алишер Мирзонаботро ба некӣ ёд намоям ва ҳамдардии худро ба падару модар ва наздикону пайвандони ӯ бори дигар иброз дорам.

Шодравон Алишери Мирзонабот аз ҷумлаи кадрҳое буд, ки садоқат ба давлату миллат ва масъулиятшиносӣ дар иҷрои вазифаро шиори зиндагии худ қарор дода буд.

Иншооти зиёде, ки дар шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба ифтихори 35-солагӣ истиқлоли давлатӣ бунёд гардиданд ва як қисми онҳоро мо имрӯз ифтитоҳ кардем, маҳз бо талоши ватандӯстонаи шахсии ӯ амалӣ гардиданд.

Ба падару модари шодравон Алишери Мирзонабот барои ба камол расонидани чунин фарзанди содиқу ватандӯст самимона сипосу миннатдорӣ баён мекунам.

Мо тасмим гирифтем, ки ба поси хизматҳои содиқонаву ватандӯстонаи шодравон Алишери Мирзонабот муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами шаши шаҳри Хоруғ ба номи ӯ гузошта шавад.

www.president.tj

Дар ноҳияи Дарвоз бахшида ба 35-солагии Истиқлоли давлатӣ 11 иншоот ифтитоҳ гардид.

Омӯзгор барои он ки ба шогирдон як сухан гӯяд, қаблан сад суханро бояд биомӯзад.
М. Монтен

ФАЙЗИ ИСТИҚЛОЛ



Биноҳои иловагӣ дар ноҳияи Спитамен

Дар доираи сафари корӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба вилояти Суғд ва ба муносибати 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷамоати деҳоти Куруши ноҳияи Спитамен бинои иловагии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №15 ба истифода дода шуд.

Дар маросими ифтитоҳ вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода, раиси Суди олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зебонисо Абдуллозода, Раиси ноҳияи Спитамен Ҷамшед Ҷӯразода ва сардори раёсати маорифи вилояти Суғд Гулсара Мирзозода иштирок намуданд.

Зимни суханронии масъулин аҳаммияти сохтани чунин иншоот барои рушди соҳаи маориф ва беҳбудии шароити таҳсили хонандагон таъкид шуд.

Бинои иловагӣ бо мақсади беҳтар намудани шароити таълиму тарбия ва фароҳам овардани ҷойҳои иловагии таҳсил барои хонандагон соли 2025 бо мабалағгузории 1 миллион сомонӣ аз ҷониби волидайни хонандагон ва сарпарастон, инчунин, 81 ҳазору 660 сомонӣ аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ бунёд гардид.

Бино барои фарогирии 320 нафар хонанда дар ду баст пешбинӣ шуда, дуошёна буда, дорои 7 адад синфхона, 1 ҳуҷраи омӯзгорӣ ва кабинетҳои фанҳои дақиқ риёзӣ мебошад.

Ба истифода додани ин бино дар остонаи соли нави таҳсил имконият фароҳам меорад, ки хонандагони деҳоти Куруш дар шароити муосир ва бо таҷҳизоти зарурӣ таҳсил намоянд. Дар ҳамин доираи сафар, дар Ҷамоати деҳоти Тағояк низ бинои иловагии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №16 ба истифода дода шуд. Сохтмони он соли 2024 бо маблағгузории ташкилоти байналмилалӣ ба маблағи 5 миллиону 620 ҳазору 459 сомонӣ оғоз гардида, ба истиқболи 35-солагии Истиқлоли давлатӣ ба анҷом расид. Бинои иловагии таълимӣ аз ду ошёна иборат буда, бо 18 синфхона барои 540 нафар хонанда дар ду баст пешбинӣ шудааст. Бинои иловагии муассиса барои фарогирии 480 нафар хонанда дар ду баст тарҳрезӣ гардида, дорои 12 адад синфхона, ҳуҷраи омӯзгорон, китобхона ва кабинетҳои фанҳои дақиқ мебошад.

Туҳфаҳои Пешвои миллат ба 100 нафар ятим ва кӯдак аз оилаҳои ниёзманд



Дар тарабхонаи «Малика»-и ноҳияи Спитамен ба муносибати 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода, раиси Суди олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зебонисо Абдуллозода, раиси ноҳияи Спитамен Ҷамшед Ҷӯразода ва сардори раёсати маорифи вилояти Суғд Гулсара Мирзозода чорабинии идона баргузор гардид.

Дар доираи чорабинии мазкур ба 100 нафар ятим ва кӯдаки аз оилаҳои ниёзманд ба муносибати 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз номи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон туҳфаҳои идона тақдим карда шуд.

Таъкид гардид, ки ғамхорӣ нисбат ба кӯдакону наврасон, бахусус, ятимон ва фарзандони оилаҳои ниёзманд яке аз самтҳои муҳимми сиёсати иҷтимоии давлат ба ҳисоб меравад. Дар сиёсати иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак, фароҳам овардани шароити муносиб барои таълиму тарбия ва дастгирии иҷтимоии онҳо мавқеи муҳим дорад.

Барои иштирокдорони чорабинӣ дастархони идона ороста шуда, ба кӯдакон фазои идона ва хотирмон фароҳам оварда шуд. Кӯдакону наврасон бо руҳияи болида дар чорабинӣ иштирок намуда, аз тухфаҳои тақдимгардида изҳори хушнудӣ карданд.

Рушди ҳамкориҳои Тоҷикистону Британияи Кабир

Дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо иштироки муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳомид Ҳошимзода, намояндаи тиҷоратии Ҳукумати Британияи Кабир дар Озарбойҷон ва Осиёи Марказӣ Лорд Ҷон Алдердайс, ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, намояндагони Сафорати Британияи Кабир дар Душанбе ва масъулони Вазорати маориф ва илм мизи мудаввар баргузор гардид.

Муовини якуми вазири маориф ва илм таъкид намуд, ки рушди маориф ва илм, баланд бардоштани сифати таҳсилот, омодасозии кадрҳои ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнат ва тавсеаи ҳамкориҳои байналмилалӣ аз самтҳои муҳимми фаъолияти соҳа ба ҳисоб мераванд.

Зикр гардид, ки 26 феврали соли 2026 дар шаҳри Лондон Ёддошти тафоҳум байни Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои хориҷӣ, Иттиҳод ва рушди Подшоҳии Муттаҳидаи Британияи Кабир ва Ирландияи Шимолӣ оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи илм, таҳсилоти олӣ ва забони англисӣ барои ҳадафҳои махсус ба имзо расидааст. Ҷонибҳо зарурати татбиқи амалии санади мазкур ва роҳандозии барномаҳои муштараки таълимӣ ва илмиро таъкид намуданд.

Дар идомаи чорабинӣ масъалаҳои таъмини сифати таҳсилоти олӣ ҳамчун заминаи таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ баррасӣ гардиданд. Зикр шуд, ки рушди низоми самараноки таъмини сифат барои таҳкими эътимоди мутақобилаи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, баланд бардоштани эътибори академӣ ва густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ аҳаммияти муҳим дорад.

Ҳамчунин, таҷрибаи муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар дар самти ҳамкорӣ бо шарикони британиявӣ муаррифӣ гардида, масъалаҳои такмили барномаҳои таълимӣ, рушди методикаҳои таълим, баланд бардоштани иқтидори касбии омӯзгорон ва татбиқи таҷрибаи байналмилалӣ мавриди муҳокима қарор гирифтанд. Аз ҷумла, таҷрибаи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон дар самти ҳамкорӣ бо коршиносони Британияи Кабир оид ба таъмини сифат ва таҷрибаи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода дар доираи барномаи AELLCA муаррифӣ шуд.

Дар ҷараёни мизи мудаввар масъалаи роҳандозии барномаҳои муштараки таълимӣ ва дудиплома дар самтҳои технологияҳои иттилоотӣ, зеҳни сунъӣ, муҳандисӣ, энергетика, иқтисоди рақамӣ, омӯзгорӣ ва дигар соҳаҳои мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифт. Ҳамзамон, имконияти таъсиси марказҳои муштараки таълимӣ ва дар дурнамо филиалҳои донишгоҳҳои Британияи Кабир дар Тоҷикистон таъкид карда шуд.

Ҳамзамон, ҷонибҳо масъалаҳои густариши таҳқиқоти муштарак, робитаи донишгоҳҳо бо иқтисод, табодули омӯзгорону муҳаққиқон, роҳбарии муштараки корҳои илмӣ, баргузории мактабҳои тобистона ва такмили ихтисоси кӯтоҳмуддатро баррасӣ намуданд. Дар ин замина, самтҳое чун идоракунии захираҳои об, тағйирёбии иқлим, ҳифзи пиряхҳо, энергетикаи сабз, технологияҳои рақамӣ, тандурустӣ ва кишоварзии устувор ҳамчун мавзуъҳои эҳтимолии таҳқиқоти муштарак пешниҳод гардиданд.

Дар бахши муҳокима ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар оид ба афзалиятҳои ҳамкориҳои байналмилалӣ, рушди барномаҳои муштараки таҳсилӣ, навсозии барномаҳои таълимӣ, баланд бардоштани сифати таҳсилот ва густариши робитаҳо бо муассисаҳои таҳсилоти олии Британияи Кабир андешаронӣ намуданд.

Дар фарҷоми чорабинӣ Лорд Ҷон Алдердайс омодагии ҷониби Британияи Кабирро барои баррасии имкониятҳои амалии ҳамкорӣ бо донишгоҳҳои Тоҷикистон иброз намуда, нақши таъмини сифати таҳсилотро дар рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ муҳим арзёбӣ кард. Ҳамчунин, омодагии Сафорати Британияи Кабир дар Душанбе барои мусоидат ба барқарор намудани робитаҳои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистон бо шарикони британиявӣ таъкид гардид.

Мактаби нав дар Шуғнон

Дар деҳаи Чашмасори Ҷамоати деҳоти Ванқалъаи ноҳияи Шуғнон МТМУ №52 баъд аз таъмири асосӣ ва таҷдиди пурра бо тарҳи муосири меъморӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуд. Муассисаи навбунёд ва навсозишуда барои фароҳам овардани шароити арзандаи таълиму тарбия ва баланд бардоштани сифати таҳсил барои хонандагон заминаи мусоид фароҳам меорад.

Дар маросими ифтитоҳи муассисаи таълимӣ муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Бадриддин Музаффарзода ва раиси ноҳияи Шуғнон Комил Шоисматуллозода иштирок намуданд.

Муассисаи таълимии мазкур тибқи нақшаи чорабиниҳо бахшида ба 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташаббус ва дастгирии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Шуғнон дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд таъмири асосӣ гардида, бо шароити муосири таълимӣ ба истифода дода шуд.

Дар доираи корҳои анҷомдодашуда бинои муассиса аз нав таҷдид гардида, барои хонандагону омӯзгорон муҳити муносиб ва ҷавобгӯ ба талаботи муосири соҳаи маориф фароҳам оварда шудааст.

Ифтитоҳи МТМУ №52 барои сокинони деҳаи Чашмасор ва махсусан, хонандагони ин маҳал рӯйдоди муҳим буда, туҳфаи арзанда дар арафаи ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Муассисаи нави таълимӣ дар ноҳияи Восеъ

Дар деҳаи Нонҷемаси Ҷамоати деҳоти Худоёр Раҷабови ноҳияи Восеъ бинои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №22 мавриди истифода қарор гирифт.

Дар маросими ифтитоҳи муассиса муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Равшан Каримзода, сардори раёсати маорифи вилояти Хатлон З. Абдулзода, муовини раиси ноҳияи Восеъ, менеҷери лоиҳаи «Муҳити таълим – асоси таҳсилоти босифат», намояндагони шуъбаи маорифи ноҳия, омӯзгорон ва хонандагони муассиса иштирок намуданд.

Муассисаи мазкур барои 640 ҷойи нишаст пешбинӣ шуда, корҳои таъмиру азнавсозии он анҷом дода шудаанд. Бинои муассиса дуошёна буда, дорои 25 синфхона мебошад. Аз ҷумла, лабораторияҳои фанҳои физика, химия ва биология, синфхонаи компютерӣ ва 20 синфхонаи таълимӣ дар он ҷойгир шудаанд. Ҳамчунин, муассиса дорои толори варзишӣ, толори маҷлис, ошхона, ҳуҷраи корӣ директор, ҳуҷраи омӯзгорон ва маркази инкишофи кӯдак мебошад.

Дар ҳудуди муассиса майдони варзишӣ барои футбол, ҳавзи зиддисӯхтор, дегхона, анбор ва манораи обфишор сохта шуда, корҳои ободонӣ ва маҳкамсозии гирду атрофи муассиса анҷом дода шудаанд. Бино бо системаи гармидиҳӣ ва таҷҳизоти зарурӣ таъмин гардидааст.

Бо ба истифода додани муассиса барои 79 нафар ҷойи кори доимӣ фароҳам оварда шуда, барои фарогирии 640 хонанда ба таҳсил шароити мусоид муҳайё гардид.

Корҳои таъмиру азнавсозии муассиса дар доираи лоиҳаи «Муҳити таълим – асоси таҳсилоти босифат» амалӣ гардиданд.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ ба рушди иҷтимоию иқтисодии Бадахшон беш аз 26 миллиард сомонӣ равона гардидааст.

ҲАФТАИ ВАЗОРАТ

Боздиди вазир аз рафти баргузории озмун

29 сентябри соли 2026 вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳим Саидзода дар муассисаи таҳсилоти томактабии №59-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе аз рафти баргузории даври ҷумҳуриявии озмуни «Мураббии соли Тоҷикистон-2026» дидан намуд.

Зимни боздид вазир бо ҷараёни озмун, фаъолияти иштирокчиёни даври ниҳоӣ ва тарзи иҷрои шартҳои озмун аз наздик шинос шуда, иштирокчиён маҳорати касбӣ, таҷрибаи педагогӣ, усулҳои кор бо кӯдакон ва малакаҳои эҷодии худро муаррифӣ карданд.

Вазири маориф ва илм бо аъзои комиссияи озмун суҳбат намуда, таъкид кард, ки баҳогузории иштирокчиён бояд бар асоси талаботи Низомномаи озмун, бо риояи меъёрҳои муайяншуда ва дар фазои шаффофу одилона анҷом дода шавад. Таъкид гардид, ки натиҷаи озмун бояд маҳз фаъолияти касбӣ, дониш, таҷриба, маҳорати педагогӣ ва дастовардҳои воқеии иштирокчиёнро инъикос намуда, ғолиб дар асоси натиҷаҳои воқеии баҳогузорӣ муайян карда шавад.

Вазир ба масъулини баргузории озмун дастур дод, ки дар тамоми марҳалаҳои озмун ба риояи талаботи муқарраргардида, шаффофияти раванди баҳогузорӣ ва муносибати баробар ба ҳамаи иштирокчиён таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир карда шавад.



Ёдовар мешавем, ки даври ҷумҳуриявии озмуни «Мураббии соли Тоҷикистон-2026» рӯзҳои 28-30 сентябр баргузор шуда, дар ҷамъбасти он ғолиби озмун дар асоси натиҷаҳои баҳогузории комиссия муайян ва бо ҷоми озмун, диплом ва мукофотпулӣ қадрдонӣ мегардад.

28 сентябри соли ҷорӣ муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Илҳомуддин Иброҳимзода аз рафти таълиму тарбия дар Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав шинос гардид.

Зимни боздид муовини вазир бо фаъолияти таълимию илмии донишгоҳ, аз ҷумла, бо шароити фароҳамовардашуда дар озмоишгоҳҳо ва лабораторияҳои таълимӣ шинос гардид.

Муовини вазир дар мактабҳои олӣ

Дар рафти боздид муовин бо таҷҳизоти мавҷуда, имкониятҳои таълимию амалӣ ва раванди истифодаи онҳо дар омодасозии мутахассисони ҷавон шинос шуд.

Таъкид гардид, ки фароҳам овардани шароити мусоиди таълимӣ, таҳкими заминаи моддию техникӣ, рушди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва истифодаи самараноки лабораторияҳои муосир дар баланд бардоштани сифати таҳсилот нақши муҳим дорад.

***

Ҳамчунин, муовини вазири маориф ва илм И. Иброҳимзода аз Донишкадаи байналмилалии Леваканти ДБССТ дидан намуд.

Зимни ташриф муовини вазир ба фаъолияти таълимию илмии донишкада, раванди баргузории машғулиятҳои таълимӣ ва шароити таҳсилу фаъолияти донишҷӯён шинос шуда, ба сифати таълим, истифодаи усулҳои муосири таълим ва рушди корҳои илмӣ-тадқиқотӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуд.

Дар рафти боздид муовини вазир оид ба масъалаҳои баланд бардоштани сифати таҳсилот, таҳкими заминаи моддию техникӣ ва омодасозии мутахассисони рақобатпазир суҳбат намуда, дар робита ба ин самт тавсияҳои судманд пешниҳод намуд.

***

29 сентябри соли равон муовини вазири маориф ва илм Илҳомуддин Иброҳимзода бо мақсади шиносоӣ бо вазъи таълиму тарбия, фаъолияти таълимӣ, илмӣ ва шароити таҳсил аз Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон боздид намуд.

Дар ҷараёни боздид муовини вазир аз як қатор синфхонаҳо ва дигар сохторҳои таълимии донишгоҳ дидан намуда, бо шароити фароҳамовардашуда барои донишҷӯён аз наздик шинос гардид. Зимни суҳбат бо донишҷӯён масъалаҳои вобаста ба раванди таълим, сифати донишандӯзӣ, истифодаи имкониятҳои таълимӣ, иштироки онҳо дар корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва риояи интизоми дохилии донишгоҳ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтанд.

Муовини вазир бо донишҷӯён суҳбати озод анҷом дода, ба омодагии донишҷӯён ва сатҳи дониши онҳо таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуд. Ҳамзамон, муовини вазир бо фаъолияти лабораторияҳо ва озмоишгоҳҳои таълимӣ шинос шуда, аз шароити мавҷуда, таҷҳизоти таълимӣ ва имкониятҳои истифодаи онҳо дар раванди таълими касбӣ огоҳ гардид.

Дар идомаи боздид ба масъалаҳои баланд бардоштани сифати таълим, таҳкими заминаи моддию техникӣ, рушди корҳои илмӣ-татқиқотӣ, истифодаи самараноки технологияҳои муосири таълимӣ ва беҳтар намудани шароити таҳсилу фаъолияти донишҷӯён таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шуд.

ОҒОЗИ ДАВРИ НИҲОИИ ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ «МУРАББИИ СОЛИ ТОҶИКИСТОН-2026»

28 сентябри соли 2026 дар муассисаи таҳсилоти томактабии №59-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе маросими ифтитоҳи даври ҷумҳуриявии озмуни «Мураббии соли Тоҷикистон-2026» баргузор гардид.

Муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Равшан Каримзода иброз намуд, ки таҳсилоти томактабӣ дар рушди ҳамаҷонибаи шахсияти кӯдак ва омода намудани ӯ ба зинаи таҳсилоти умумӣ нақши муассир дошта, маҳз аз ҳамин ҷост, ки рушди ин зинаи таҳсилот таҳти таваҷҷуҳи бевоситаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад.

Зикр гардид, ки дар заминаи таваҷҷуҳ ва дастгириҳои пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фарогирии кӯдакон ба таълиму тарбияи томактабӣ сол ба сол афзоиш ёфта, агар соли 2022 ин нишондиҳанда 15,6 фоизро ташкил медод, имрӯз ба 30,8 фоиз расидааст. Айни ҳол дар 831 муассисаи таҳсилоти томактабӣ 134 ҳазору 263 кӯдак ба таълиму тарбия фаро гирифта шуда, ҷиҳати фарогирии бештари кӯдакон дар назди муассисаҳои таҳсилоти умумӣ 3158 маркази инкишофи барвақтии кӯдак таъсис дода шудааст, ки дар онҳо 183 ҳазору 710 кӯдак фаро гирифта шудаанд.

Таъкид гардид, ки афзоиши шумораи муассисаҳои таълимии томактабӣ ва фарогирии бештари кӯдакон танҳо як ҷанбаи масъала буда, яке аз шартҳои муҳимми таъмини сифати таълиму тарбия дар ин зина ба фаъолияти мураббиёни соҳибкасб, эҷодкор, навовар ва дорои маҳорати баланди касбӣ вобаста мебошад. Аз ин рӯ, баланд бардоштани мақому манзалати мураббӣ, такмили маҳорати касбӣ ва дастгирии ташаббусҳои эҷодии онҳо аз самтҳои муҳимми сиёсати соҳаи маориф ба ҳисоб меравад.

Дар ин замина, озмуни ҷумҳуриявии «Мураббии соли Тоҷикистон» яке аз тадбирҳои муҳим барои дарёфт ва муаррифии мураббиёни боистеъдод, навовару эҷодкор, тарғиби таҷрибаи пешқадами педагогӣ ва баланд бардоштани маҳорати касбии кормандони муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ арзёбӣ гардид.

Дар даври ҷумҳуриявии озмуни «Мураббии соли Тоҷикистон-2026» панҷ мураббии ғолиби даврҳои минтақавӣ ва шаҳрӣ аз минтақаҳои гуногуни кишвар Дилрабои Ҳотамшо - мураббияи муассисаи таҳсилоти томактабии №7 «Булбулакон»-и шаҳри Бохтари вилояти Хатлон, Ҷӯраева Наргиза - мураббии муассисаи таҳсилоти томактабии хусусии «Хуршеди Истиқлол»-и шаҳри Хуҷанди вилояти Суғд, Давлатшоева Робия Қиматшоевна - омӯзгор-мураббии Маркази инкишофи барвақтии кӯдаки назди Литсей барои хонандагони болаёқати шаҳри Хоруғи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, Мадинаи Амрулло - мураббии муассисаи таҳсилоти томактабии №132-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе ва Миназарова Саъбагул Насимовна - мураббии муассисаи таҳсилоти томактабии №7-и шаҳри Турсунзода иштирок доранд.

Дар шаҳри Кӯлоб бо иштироки муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Равшан Каримзода, сардори раёсати маорифи вилояти Хатлон З. Абдулзода, муовини раиси шаҳри Кӯлоб, менеҷери лоиҳаи «Муҳити таълим – асоси таҳсилоти босифат», кормандони лоиҳа, намояндагони шуъбаи маорифи шаҳр, омӯзгорон ва хонандагон бинои муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №9 дар шаҳри Кӯлоб ба истифода дода шуд.

Ифтитоҳи мактаб дар Кӯлоб

МТМУ №9 барои 640 ҷойи нишаст пешбинӣ шуда, таъмиру азнавсозии он дар доираи лоиҳаи «Муҳити таълим – асоси таҳсилоти босифат» анҷом дода шудааст. Бинои муассиса аз се ошёна иборат буда, дар он 28 синфхона, аз ҷумла, лабораторияҳои фанҳои физика, химия ва биология, синфхонаи компютерӣ, 20 синфхонаи таълимӣ, толори варзишӣ, толори маҷлис, ошхона, ҳуҷраи кории директор, хонаи омӯзгорон ва маркази инкишофи кӯдак пешбинӣ шудааст.

Дар муассиса тамоми шароити зарурӣ барои таълиму тарбияи хонандагон муҳайё гардида, барои ташкили таҳсилоти фарогир (инклюзивӣ) низ шароити муносиб фароҳам оварда шудааст.

Ҳамзамон, дар қитъаи замини ҷудогардида майдончаи варзишӣ барои футболи хурд, ҳавзи зиддисӯхтор, дегхона, анбор ва манораи обфишор сохта шуда, корҳои ободонӣ ва маҳкам намудани гирду атрофи муассиса анҷом дода шудаанд. Бино бо системаи гармидиҳӣ ва таҷҳизоти зарурӣ таъмин гардидааст.

Баррасии масъалаҳои муҳимми соҳа

29 сентябри соли 2026 дар Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласаи навбатии ҳайати мушоварааи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Дар ҷаласа муовини якуми вазири маориф ва илм Ҳомид Ҳошимзода, муовинони вазир, сардорони раёсату шуъбаҳои дастгоҳи марказӣ, роҳбарони муассисаҳои тобеи вазорат, мудирони шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо ва дигар шахсони масъул тариқи ҳузурӣ ва маҷозӣ иштирок намуданд.

Муовини якуми вазири маориф ва илм иброз дошт, ки кормандони соҳаи маориф бо роҳнамоӣ аз сиёсати маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои рушди устувори соҳа, тарбияи насли донишманду соҳибмаърифат, ватандӯсту худшинос ва омода намудани кадрҳои ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир аз тамоми имконияту захираҳои мавҷуда самаранок истифода намуда, дар татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат саҳми арзандаи худро гузоранд. Сипас, ҳозиринро бо рӯзномаи ҷаласа шинос намуд.

Дар ҷараёни ҷаласа як қатор масъалаҳои муҳимми соҳа мавриди таҳлилу баррасии ҳамаҷониба қарор гирифтанд. Аз ҷумла, ҳисоботи сардори раёсати маорифи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон А. Мирзоқанд оид ба вазъи фарогирӣ ба таълиму тарбияи томактабӣ, таъсиси марказҳои рушди барвақтии кӯдак ва иҷрои барномаҳои давлатии марбут ба самти томактабӣ ба таври маҷозӣ шунида шуд.

Муовини якуми вазири маориф ва илм вобаста ба масъалаи мазкур таъкид намуд, ки барои боз ҳам беҳтар намудани вазъи фарогирии кӯдакон ба таълиму тарбияи томактабӣ, рушди марказҳои рушди барвақтии кӯдак ва иҷрои босифати барномаҳои давлатии марбут ба самти томактабӣ, роҳбарияти раёсати маорифи вилоятро зарур аст, ки ҷиҳати бартараф намудани мушкилоти ҷойдошта, зиёд намудани фарогирии кӯдакон ба таҳсилоти томактабӣ, беҳтар намудани шароити муассисаҳои томактабӣ ва марказҳои рушди барвақтии кӯдак тадбирҳои мушаххас андешанд.

Ҳамчунин, вобаста ба рафти иҷрои қарорҳои мушовара ва ҷаласаҳои назоратии назди вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи аввали соли 2026 Ҷ. Амиров - котиби ҷаласаи ҳайати мушоварааи Вазорати маориф ва илм ва оид ба баррасии китобҳои дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ У. Ҳасанзода - директори Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методӣ баромад намуда, иҷрои саривақтӣ ва босифати қарорҳои қабулгардида, рафъи камбудиҳои ҷойдошта, таҳкими назорати иҷрои онҳо, раванди таҳия ва таъмини муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо китобҳои дарсӣ ва адабиёти таълимию методиро мавриди баррасӣ қарор доданд.

Дар ҷамъбасти ҷаласа таъкид гардид, ки аҳли маорифи кишвар вазифадоранд фаъолияти худро ҷиҳати баланд бардоштани сифати таҳсилот, тақвияти корҳои тарбиявӣ, таъмини муассисаҳои таълимӣ бо кадрҳои соҳибтахассус, таҳкими заминаи моддию техникӣ ва татбиқи самараноки сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф боз ҳам тақвият бахшанд.

Маркази матбуоти
Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Маҷмуи маҳсулоти Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар 25 соли охир 93 баробар афзоиш ёфтааст.

Ҳар қадар ба дигарон биомӯзӣ, худ бештар соҳибхирад мешавӣ. Омӯзгорон инчунинанд.
Р. Люксембург

Коре набувад хубтар аз кори муаллим, З-он рӯ, ҳама шоданд ба дидори муаллим.

БА ИФТИХОРИ РӮЗИ ОМӮЗГОРОН



ТАРБИЯТГАРИ ЗЕБОЙ

Омӯзгор на танҳо интиқолдиҳандаи дониш, балки тарбиятгар, ташаккулдиҳандаи ҷаҳонбинӣ, ахлоқ ва зебоиписандии насли наврас мебошад. Аз ин рӯ, этика ва эстетикаи омӯзгор ҳамчун унсурҳои ҷудонашавандаи фарҳанги педагогӣ аҳаммияти хосса доранд.

Этикаи омӯзгор, пеш аз ҳама, дар риояи меъёрҳои ахлоқӣ, муносибати инсонпарварона ба хонандагон, эҳтиром ба шахсият, адолат, таҳаммулпазирӣ ва масъулияти касбӣ зоҳир мегардад. Дар ҷомеаи тоҷик, ки арзишҳои маънавӣ, анъанаҳои миллӣ ва эҳтиром ба бузургсолон ҷойгоҳи муҳим доранд, рафтори ахлоқии омӯзгор нақши меҳвариро мебозад. Омӯзгори соҳибфазилат тавассути сухан, рафтор ва муносибати худ муҳити солими таълимӣ фароҳам меорад.

Дар баробари ин, эстетикаи омӯзгор ҷанбаи зоҳирӣ ва ботинии фаъолияти педагогиро фаро мегирад. Намуди зоҳирии омӯзгор, тарзи гуфтор, фарҳанги сухан, ҳаракат, ишора ва ҳатто ҷанбаҳои гуногуни раванди дарс дорои таъсири эстетикӣ мебошанд. Эстетика дар фаъолияти омӯзгор воситаи ҷалби хонандагон ба ҷараёни таълим, бедор кардани эҳсосоти мусбат ва ташаккули завқи зебоиписандист.

Этика ва эстетикаи омӯзгор бо ҳам алоқаманд буда, якдигарро такмил медиҳанд. Омӯзгори дорои ахлоқи баланд наметавонад аз эстетикаи фаъолияти худ дур бошад, зеро зебоии рафтор ва сухан таҷассумгари фарҳанги ботинии ӯст. Омӯзгори дорои фарҳанги баланди ахлоқӣ ва эстетикӣ дар баробари ба хонандагон дониш додан, метавонад шахсияти комил, зебоипарвар ва масъули ҷомеаро тарбия намояд.

Меҳрона ОЛИМОВА,
омӯзгори МТМУ № 45-и
ноҳияи Рӯдакӣ

Дар ҳама давру замон инсон ба шахсияте ниёз дорад, ки ӯро ба роҳи дурусти зиндагӣ ҳидоят намояд, дар қалбаш меҳри дониш, ватандӯстӣ, инсондӯстӣ ва масъулиятшиносиро бедор созад. Дар ин раванд нақши омӯзгор ниҳоят бузург ва муассир аст.

Имрӯз ҷомеаи ҷаҳонӣ бо суръати бесобиқа тағйир меёбад. Рушди технологияҳои иттилоотӣ, дастрасии васеъ ба шабакаҳои иҷтимоӣ, ҷаҳонишавӣ ва пайдо шудани имконоти нави омӯзишӣ ба ҳаёти кӯдакону наврасон таъсири амиқ мерасонанд. Дар чунин шароит вазифаи омӯзгор танҳо аз додани донишҳои назариявӣ иборат нест. Ӯ бояд ба хонанда кумак кунад, ки дар миёни иттилооти фаровон роҳи дурустро интихоб намояд, андешаи мустақил дошта бошад, неку бадро фарқ кунад ва ҳамчун шахрванди масъулиятшиносу соҳибмаърифат ба камол расад.

Тарбияи насли наврас аз оила оғоз меёбад, аммо мактаб ва омӯзгор дар идомаи ин раванд нақши калидӣ доранд. Мактаб муҳитест, ки кӯдак дар он на танҳо хондану навиштан, балки муносибат ва ҳамкорӣ намудан, ба зимма гирифтани масъулият ва эҳтироми дигаронро меомӯзад.

Омӯзгори асил дар ҳар як хонанда қобилият ва истеъдоди хосро мебинад. Ӯ мекӯшад, ки истеъдоди хонанда сарфи назар аз сатҳи иҷтимоӣ, қобилияти таълимӣ ё хусусияти шахсиаш дастгирӣ карда шавад, зеро ҳар як кӯдак метавонад дар оянда мутахассиси арзанда ва хидматгори содиқи ҷомеа гардад.

Яке аз самтҳои муҳимтарини тарбияи насли наврас тарбияи ватандӯстӣ мебошад. Муҳаббат ба Ватан танҳо бо суханҳои мутантан ташаккул намеёбад. Он бояд дар қалби кӯдак тавассути шинохти таърих, фарҳанг, забон, арзишҳои миллӣ ва эҳсоси масъулият дар назди ҷомеа ҷой гирад.

Омӯзгор метавонад тавассути дарсҳои таърих, адабиёт, забон, фанҳои ҷамъиятӣ, чорабиниҳои фарҳангӣ ва корҳои беруназсинфӣ дар дили хонанда меҳри Ватанро устувор созад.

Насли имрӯз бояд дарк кунад, ки ояндаи Ватан аз дониш, маърифат ва масъулияти худи онҳо вобаста аст. Дар ташаккули чунин ҷаҳонбинӣ омӯзгор нақши муҳим дорад.

Омӯзгори муосир бояд дар баробари рушди зеҳнии хонанда, ба тарбияи ахлоқию маънавии ӯ низ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намояд. Фарҳанги гуфтор, одоби истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ, муносибат бо ҳамсолон, эҳтироми ақидаи дигарон, муносибати оқилона ба иттилоот ва масъулияти шахсӣ аз ҷумлаи масъалаҳое мебошанд, ки дар замони муосир аҳаммияти бештар пайдо кардаанд.

Омӯзгор тухми донишро дар зеҳн ва тухми ахлоқро дар қалби кӯдак мекорад. Самараи ин меҳнати бузург шояд имрӯз ба назар нарасад, аммо баъд аз солҳо он дар симои табиб, муҳандис, олим, омӯзгор, роҳбар, соҳибкор ва дигар намояндагони ҷомеа падидор мегардад.

Ҳикматой ТУРДИЕВА,
омӯзгори синфҳои ибтидоии МТМУ №6-и
ноҳияи Зафаробод

Нақши омӯзгор дар тарбияи насли наврас



Омӯзгорӣ пешаи бошараф ва ифтихоромез буда, соҳиби ин касб дар ҷомеа мақому нуфузи баландро соҳиб мебошад.

Пешаи ифтихоромез

Шогирде, ки бо роҳнамоии омӯзгор қалам ба даст гирифта, аввалин ҳарфро дар дафтар менависад, фардо метавонад табиби ҳозиқ, муҳандиси болаёқат, олими барҷаста, шоири забардаст ва ҳатто роҳбари донову пуртаҷриба гардад. Омӯзгор кох месозад, аммо на аз хишту санги одӣ, балки аз пойдевори мустаҳками донишу маърифат ва ахлоқи воло. Пас, метавон гуфт, ки муваффақият ва ояндаи дурахшони ҳар як миллат аз заҳмату ранҷҳои шабурӯзии омӯзгор сарчашма мегирад.

Омӯзгор мисли шамъ аст, худ месӯзаду ба дигарон нур мебахшад. Имрӯз омӯзгори муосир бояд, дорои масъулияти баланд ва ҳамқадами замон бошад. Ӯ на танҳо донандаи хуби фанни хеш, балки тарбиятгари насли наврас аст. Худ пайваста меомӯзад, дониши хешро мукаммал мекунад ва баҳри шогирдонаш ҳамеша дар талош аст, то онҳо бо маҳорату дониши хеш дар рушду пешрафти ҷомеа саҳм гузоранд.

Дар ҷомеаи имрӯза, ки технология ва илм бо суръати кайҳонӣ пеш меравад, нақши омӯзгор боз ҳам бештар мегардад. Технология метавонад маълумотро дастрас гардонад, аммо ҳеҷ гоҳ наметавонад ҷойи меҳр, навозиш ва тарбияти маънавии муаллимро бигирад. Маҳз омӯзгор аст, ки бо донишу илм ба шогирдон фарқ кардани некро аз бад ва ҳақиқат аз ботилро меомӯзонад.

Дар дарозои таърих ҳамеша ба мақоми муаллим ва омӯзгор эҳтироми хосса гузошта мешуд. Мутафаккирон ва шоирони бузурги мо – устод Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Мавлоно ва дигарон дар васфи омӯзгор ашъори пурмазмун сурудаанд. Бузургон гуфтаанд, ки ҳеҷ кас бе омӯзгор ба мақоме нарасидааст ва ҳеҷ миллат бе маърифат соҳиби иззат нагаштааст.

Эҳтиром ба меҳнати омӯзгор эҳтиром ба ояндаи миллат аст. Рӯзи омӯзгор рӯзи сипос, эҳтиром ва қадрдонии меҳнати содиқонаи ӯст. Ватани ободу пешрафтаро бе омӯзгори бофарҳанг, соҳибмаърифат ва фидокор тасаввур кардан имконнопазир аст. Омӯзгорон сармояи асосии маънавии кишваранд ва маҳз бо заҳмати онҳо насли нав дар руҳияи ватандӯстӣ, ифтихори миллӣ ва муҳаббат ба Ватан камол меёбад.

Аниса УНАЙТУЛЛОЕВА,
омӯзгори МТМУ №19-и
ноҳияи Айнӣ

Шарафмандон

Таҷлили Рӯзи омӯзгорон ифодаи эҳтирому арҷгузории давлат ва аҳли ҷомеа ба фаъолияти арзишманду шоистаи омӯзгор дар таълиму тадрис ва тарбияи ахлоқиву маънавии наслҳои имрӯзу фардои миллат мебошад. Омӯзгор сафобахши қалбҳо ва

Агар дар ҷаҳон набвад
омӯзгор,
Шавад тира аз бехирад
рӯзгор.

Дар ҳақиқат, миллате, ки бесавод аст, умре дар торикии ҷаҳолат хоҳад монд ва ҳеҷ василае барои пешрафт нахоҳад

МУАЛЛИМ

Азизу меҳрубони ман, муаллим,
Сафобахши равони ман, муаллим.
Чу ширинӣ ту шаҳди ҳарфҳоро
Ниҳодӣ бар забони ман, муаллим.

Зи нури меҳри ту гардид равшан
Замину осмони ман, муаллим.
Зи илми туст андар зиндагонӣ
Ҳама тобу тавони ман, муаллим.

Чӣ рангину мунаввар гашту зебо
Зи файзи ту ҷаҳони ман, муаллим.
Бимонад ёди неку рӯшани ту
Чу нуре дар ниҳони ман, муаллим.

Камол НАСРУЛЛО,
Шоири халқии Тоҷикистон

афрӯзандаи чароғи маърифат мисёни мардум аст. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ситоиши омӯзгорон иброз доштаанд: «Муаллим ақл, шараф, виҷдони ҷомеа ва симои асосии он мебошад».

Бояд зикр намуд, ки таваҷҷуҳи амиқ доштан ба омӯзгор аз замони қадим дар зеҳни мардуми шарафманди тоҷик қарор дошт ва ин шоҳбайти Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ишора ба ин гуфтаҳост:

дошт, зеро пояи рушду тамаддун танҳо дониш аст.

Рисолати омӯзгор дар баробари хату савод омӯзондани шогирдон, эҳдои донишу маърифат ба ҳамагон аст. Таълиму тарбияи насли наврас, таъмини мардум бо ғизои маънавӣ, баланд бардоштани пояҳои ахлоқии ҷомеа аз он вазифаҳое мебошанд, ки омӯзгорон шарафмандона иҷро менамоянд.

Ҷангибеки УЛФАТШОҲ,
«Омӯзгор»

Дар Бадахшон ба истиқболи ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ 1545 иншооти таъйиноти гуногун ба истифода дода шудааст.

Як умр ба торикиву дар ҷаҳл бимонад
Ҳар к-ӯ накунад гӯш ба гуфтори муаллим.

СИТОИШ



Омӯзгорон соҳибэҳтироманд

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ соҳаи маориф ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ табдил ёфт. Бунёди муассисаҳои нави таълимӣ, беҳтар шудани шароити таҳсил, афзоиши маблағгузории соҳа, омодасозии кадрҳои омӯзгорӣ ва таваҷҷуҳ ба сифати таълиму тарбия аз ҷумлаи онҳоянд.

Дар ин раванд, масъалаи мақоми омӯзгор аҳаммияти махсус касб кард. Мантиқан, ҳамон қадаре, ки низоми маориф пеш равад, дар маркази он омӯзгор қарор мегирад.

Мактаб, омӯзгор ва дониш дар раванди сохтмони ҷомеаи нав ба яке аз рукнҳои муҳимми рушди давлат табдил ёфтанд. Дар иҷрои ин вазифаи бузург нақши омӯзгор муҳим аст. Эҳтиром ба омӯзгор дар замони истиқлолро метавон идомаи ҳамон анъанаи қадимии эҳтиром ба аҳли илму маърифат донист. Имрӯз омӯзгор ба яке аз чеҳраҳои муҳимми ҷомеа табдил ёфта, мақоми иҷтимоиву маънавии ӯ бештар мавриди таваҷҷуҳи давлат қарор гирифтааст.

Дар даврони истиқлол, ҳамчунин, барои ҷалби ҷавонон ба касби омӯзгорӣ ва омода намудани кадрҳои соҳа тадбирҳои чашмрас амалӣ гардиданд.

Бунёди мактабҳои зиёд дар минтақаҳои гуногуни мамлакат низ яке аз нишонаҳои равшани ин раванд мебошад. Дар замоне ки шумораи аҳолӣ ва талабот ба таҳсил меафзояд, зиёд шудани муассисаҳои таълимӣ маънои фароҳам омадани ҷойҳои нави корӣ барои омӯзгорон ва густариши имкониятҳои фаъолияти касбии онҳоро низ дорад.

Қадами муҳим дар ин самт қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми омӯзгор» мебошад.

Дар он масъалаҳои вобаста ба ҳуқуқҳои омӯзгор, кафолатҳои иҷтимоӣ, ҳифзи шаъну шараф ва таъмини шароити фаъолияти касбӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтаанд.

Қабули қонуни мазкур ба рушди маориф ва баланд бардоштани мавқеи омӯзгор нигаронида шудааст.

Дар маҷмуъ, ташаккули заминаи ҳуқуқии мақоми омӯзгор яке аз муҳимтарин дастовардҳои даврони истиқлол дар самти таҳкими ҷойгоҳи иҷтимоии ин касб мебошад.

Ҳусейнбой АҲМЕДОВ,
номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Наҷотбахши миллат

Ҷомеаи башарӣ дар масири таърихи тӯлонӣ ва пурҳаводиси хеш марҳалаҳои гуногуни рушду таназзулро паси сар кардааст. Аммо як ҳақиқати бебаҳс ҳамеша устувор боқӣ мондааст: ҳар қавму миллате, ки ба омӯзгор ва аҳли илму маориф арҷ гузоштааст, ба қуллаҳои мурод расидааст.

Мутаассифона, рӯзҳои охир дар фазои маҷозӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ баҳсу мунозираҳое ба мушоҳида мерасанд, ки аз паст шудани эҳтироми муаллим ва камэътибор гардидани ин касби пуршараф дар байни барҳе аз қишрҳои ҷомеа дарак медиҳанд. Наворҳо ва матлабҳое, ки дар онҳо рафтори номуносиби хонандагон ва ҳатто волидон нисбат ба омӯзгорон инъикос ёфтаанд, занги хатарест барои ояндаи миллат.

Касби омӯзгорӣ на танҳо як шуғли маъмулӣ, балки рисолати муқаддас ва «осмонӣ» аст. Агар табиб ҷисми инсонро табобат кунад, муаллим руҳ ва тафаккури ӯро месозад. Дар фарҳанги тоҷику форс мақоми устод ҳамеша дар баробари падар ва ҳатто болотар аз он қарор дошт. Абдураҳмони Ҷомӣ, мутафаккири барҷастаи Шарқ, барҳақ фармудааст:

Агар дар ҷаҳон набвад омӯзгор,
Шавад тира аз бехирад рӯзгор.

Агар мо ба таҷрибаи кишварҳои мутараққии ҷаҳон, ба монанди Ҷопон, Сингапур, Финландия ва Кореяи Ҷанубӣ назар афканем, мебинем, ки асоси «муъҷизаи иқтисодӣ»-и онҳо на дар захираҳои зеризаминӣ, балки дар муносибати сатҳи олии давлат ва ҷомеа ба муаллим аст.

Пас аз расидан ба Истиқлоли давлатӣ ва гузаштан аз гирдоби ҷанги шаҳрвандӣ, масъалаи наҷоти миллат ва бунёди давлатдории миллӣ ба миён омад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз нахустин рӯзҳои сарвариашон, ҳатто дар вазнинтарин солҳои буҳрони иқтисодӣ, маорифро ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат эълон намуданд.

Мантиқи сиёсати Пешвои миллат бар он асос ёфтааст, ки наҷоти давлату миллат, пеш аз ҳама, аз мактаб ва аз муаллим оғоз мешавад. Роҳбари давлат борҳо дар суханронихои хеш мақоми устодро баланд бардошта, таъкид намудаанд: «Муаллим ақлу шараф ва виҷдони ҷомеа, инчунин, симои асосии мактаб мебошад».

Ин баҳои ниҳоят баланд ва дар айни замон масъулияти бузург аст. Вақте ки Роҳбари давлат муаллимро «виҷдони ҷомеа» меноманд, ин маънои онро дорад, ки беэҳтиромӣ нисбат ба омӯзгор ин беэҳтиромӣ ба виҷдон ва шарафи худи миллат аст.

Баҳсу мунозираҳои ахир дар шабакаҳои иҷтимоӣ набояд фақат ҳамчун як ҳодисаи маъмулии иттилоотӣ пазируфта шаванд. Вақте ки волидайн дар ҳузури фарзанд обрӯи муаллимро мерезонанд ё кӯдакон ба устодони худ беэҳтиромӣ мекунанд, онҳо на танҳо дили як омӯзгорро мешикананд, балки пойдевори равонӣ ва ахлоқии худро хароб мекунанд. Кӯдаке, ки устодро эҳтиром намекунад, фардо падару модар, қонун, давлат ва Ватанро низ эҳтиром нахоҳад кард.

Наҷоти миллат дар асри 21, ки асри технологияҳои навин, зеҳни сунъӣ ва бархӯрди тамаддунҳост, фақат тавассути сармояи инсонӣ мумкин аст. Ва сармояи инсониро танҳо МУАЛЛИМ месозад.

Воқеан, омӯзгор чароғест, ки худро месӯзад, то роҳи дигаронро равшан кунад. Ӯ боғбонест, ки ниҳолҳои наврасро бо меҳру муҳаббат парвариш мекунад, то фардо дарахтони борвари ҷомеа гарданд. Ҳар як калимаи устод тухмест, ки дар замини тафаккури хонанда кошта мешавад ва баъдан ба шакли ихтироот, асарҳои бузург, иқтисодиёти қавӣ ва давлати муқтадир ҳосил медиҳад.

Файзиддин РАҶАБАЛИЕВ,
устоди ДМТ

Ташаккур, устод!

Салом, муаллимаи азиз Замира Исматова!

Ёдам ҳаст, аз ҳамон субҳи нахустине, ки бо либоси мактабӣ ва ҷузвдони нав ба мактаб қадам гузошта, ба синфхона ворид шудам, бароям ҳама чиз нав буд: тахтаи синф, мизу курсӣ ва чеҳраҳои кӯдаконе, ки мисли ман ба атроф бо ҳайрат менигаристанд. Аммо дар миён симои шумо барои ман равшантар аз ҳама боқӣ мондааст. Шумо аввалин касе будед, ки ба ман дари ҷаҳони донишро кушодед, қаламро дуруст дар даст гирифтанро омӯхтед.

Аз ҳама бештар лаҳзаҳои аввалини навиштан дар хотирам мондаанд. Қалам дар даст ҳарфҳо гоҳе кач мебаромаданд, гоҳе аз хатти дафтар берун мерафтанд ва ман мехостам онҳоро ҳамон тавре нависам, ки шумо нишон медодед, вале дастам ҳанӯз ба ин кор одат накарда буд. Шумо бошед, бо меҳрубонӣ дастамро ба даст мегирифтед ва ҳаракати қаламро ҳамроҳи ман роҳнамоӣ мекардед...

Шумо на танҳо мисли омӯзгору шогирд, балки модарона муносибат менамудед.

Ёд дорам, охирин рӯзҳои дарсиро, ки дар синфи 4 таҳсил мекардем. Хайрухуши шумо бо ману ҳамсинфон ва ашки духтарони синф, ки дигар муаллимаи дӯстдоштаашонро танҳо ҳангоми танаффус дар саҳни мактаб метавонистанд бубинанд, дар хотирам нақш бастаанд.

Солҳое баъд мактаб ба як саҳифаи хотира табдил ёфт, ман калон шудам, таҳсил кардам, касб пайдо намудам ва ба кор даромадам. Ва ман мефаҳмам, ки инсон ҳар қадар калон шавад ҳам, дар ботини ӯ як кӯдаке ҳаст, ки аввалин омӯзгори худро фаромӯш намекунад.

Шогирд калон мешавад, мактабро хатм мекунад, соҳиби касбу кор мешавад, зиндагии худро месозад. Аммо барои устод ҳамон кӯдаке мемонад, ки рӯзе дар синф нишаста ҳарфҳои кҷу килеб дар дафтараш менавишт.

Имрӯз, ҳангоме ки тасмиме дар фаъолиятам гирифтан хоҳам, он боварие, ки нисбат ба ман доштед, ба ёдам меояду ба ман қувват мебахшад

Дар баробари ҳамаи ин хотираҳо, як чиз маро нороҳат мекунад. Ман ҳеҷ гоҳ ба назди шумо бо дастагуле нарафтаам. Ҳеҷ гоҳ наомадаам, ки рӯ ба рӯятон нишинам ва бигӯям: «Устод, ташаккур!». Бовар дорам, ки шумо инро ҳам мисли иштибоҳҳои навиштаҷоти аввалини дафтарам мебахшед.

Ман имрӯз мехоҳам он чизеро бигӯям, ки солҳои зиёд дар дилам маҳфуз мондааст.

Ташаккур, устод!

Исматулло АБДУЛЛОЕВ,
«Омӯзгор»

ОМӮЗГОР

Маърифат оина дорад дар дили омӯзгор,
Раҳнамо бошад чароғи маҳфили омӯзгор.

Ӯ суханпарварда асту худ сухан мепарварад,
Дар дили мо донаи меҳри Ватан мепарварад.

Оре, оре, дар ҷаҳон набвад агар омӯзгор,
Гардад охир аз мадори хеш берун рӯзгор.

То саҳаргаҳ рӯи дафтар баски сар хам мекунад,
Зарра-зарра нури чашми хешро кам мекунад.

Пеши мо чун ӯ азизу муҳтарамтар нест кас,
Қадри ӯ донист бояд, қадди ӯ хам гашт бас.

Ҳар замоне мекушояд ӯ вараққҳои китоб,
Дар гумонам, аз паси кӯҳ мебарояд офтоб.

Ҳарфи мо то рост гардад, эй басо шуд хам сараш,
Сар ба саҷда мебарад бар ҷонамози дафтараш...

***

Омӯз ба мо, муаллим, аз сидқ сухан,
Андар дили мо ҷой бикун меҳри Ватан.
Имрӯз Ватан ниёзманди ту бувад,
Дар номаи ман номи баланди ту бувад.

Муҳтарам ҲОТАМ,
Шоири халқии Тоҷикистон

5-9 октябр дар шаҳри Душанбе бозиҳои 20-уми Делфии ҷавонони кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил баргузор мешавад.

Омӯзгоре хуб аст, ки дар симои ҳар як шогирди кучакаш шахсияти бузургу тавонои фардоро бубинад.
М. Монтессори

Бидон, парвозгоҳи миллати мо
Бувад дар рӯйи дастони муаллим.

БА ИФТИХОРИ РӮЗИ ОМӮЗГОРОН

МАҚОМИ ОМӮЗГОР ДАР СУХАНРОНИҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ: АЗ РИСОЛАТИ ИНСОНСОЗӢ ТО МАСЪУЛИЯТИ ОЯНДАСОЗӢ

Омӯзгор дар ҳаёти ҷомеа мақоми муҳим дорад. Ӯ бо омӯзонидани хондану навиштан дар ташаккули ҷаҳонбинӣ, ахлоқ, худшиносӣ ва интихоби роҳи зиндагии инсон саҳм мегузорад. Аз ин рӯ, дар тӯли таърих устодро роҳнамо ва тарбиятгари наслҳо донистаанд. Дар ашъори адибони классик ва муосири тоҷик низ симои устоду омӯзгор бо эҳтиром тақассум ва тараннум ёфтааст. Ин қадршиносӣ ифодагари он аст, ки пешрафти ҷомеа ба сатҳи дониш ва тарбияи наслҳои он, ҳамчунин, ба ҷойгоҳи омӯзгор иртиботманд мебошад. Дар даврони соҳибистиқлолӣ рушди маориф ба яке аз самтҳои муҳимми сиёсати давлатӣ табдил ёфт. Сохтмону навсозии муассисаҳои таълимӣ, беҳтар кардани шароити таълиму тарбия ва тадбирҳои дастгирии омӯзгорон аз таваҷҷуҳ ба ин соҳа шаҳодат медиҳанд. Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми омӯзгор» низ заминаи ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқ, шаъну шараф ва дастгирии иҷтимоии омӯзгорро таҳким мебахшад. Дар суханроniҳои ҳамасолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи дониш ва Дарси сулҳ ба рисолати омӯзгор пайваста таваҷҷуҳ зоҳир мешавад. Омӯзиши ин суханроniҳо имкон медиҳад, ки симои омӯзгори муосир аз чанд ҷиҳат баррасӣ гардад: тарбиятгари инсон, роҳнамои насли наврас, посдори арзишҳои миллӣ, омодакунандаи мутахассисони оянда ва маърифатафзои ҷомеа. Дар баробари ин, омӯзгор бояд донишу маҳорати касбии худро пайваста такмил диҳад. Масъалаҳои шароити кор, дастгирии моддӣ ва ҳифзи шаъну шарафи омӯзгор низ бо иҷрои ҳамин рисолат пайванд мегирад.

Яке аз аҳдофи меҳварии суханроniҳо таъкиду тавзеҳи рисолати инсонсозии омӯзгор аст. Ин андеша дар суханронии Пешвои миллат дар Рӯзи дониш ва Дарси сулҳи соли 2024 ба таври равшан баён шудааст: кӯдак бо донишу таҷрибаи маҳдуд ба мактаб меояд ва омӯзгор дар солҳои таҳсил ба ташаккули савод, ҷаҳонбинӣ ва шахсияти ӯ мусоидат мекунад. Пешвои миллат ин заҳматро «рисолати инсонсозии омӯзгор» маънидод намуданд. Аз ин дидгоҳ, натиҷаи фаъолияти омӯзгор дар тарбияи шогирд ба қобилияти мустақилона андешидан, истифодаи дониш дар зиндагӣ, муносибати нек бо дигарон ва эҳсоси масъулият дар назди ҷомеа низ зоҳир мегардад. Омӯзгор дар суханроniҳои Пешвои миллат ҳамчун шахсе муаррифӣ мешавад, ки ҳам ба камолоти фард ва ҳам ба пешрафти ҷомеа таъсир мерасонад.

Дар суханронии соли 2013 омӯзгори дилсӯзу бомаърифат «чароғи маърифат ва боигарии миллат» арзёбӣ шудааст. Ин баҳо ду ҷанбаи касбро ифода мекунад: омӯзгор ҳам донишро паҳн менамояд ва ҳам барои миллат сармояи маънавӣ ба вуҷуд меорад. Дар суханронии соли 2016 таъкид шудааст, ки омӯзгор бояд ба таълим ва тарбия баробар таваҷҷуҳ намояд, зеро ин ду ҷузъ якдигарро такмил медиҳанд. Дидгоҳи мазкур барои муайян кардани мақоми омӯзгор аҳаммияти хосса дорад. Агар таълим ба шогирд дониш ва маҳорати амалӣ диҳад, тарбия дар истифодаи дурусти он дониш роҳнамоӣ мекунад. Аз ин нигоҳ, омӯзгори муваффақ онест, ки шавқи омӯзиш, ростқавлӣ, эҳтиром ба дигарон, масъулиятшиносӣ ва қобилияти мустақилона фикр карданро дар хонанда инкишоф медиҳад. Дар суханронии соли 2015 Сарвари давлат низ ба баробар инкишоф додани таълиму тарбия ҳамчун шарти ба камол расидани шахсиятҳои солиму соҳибмаърифат ишора намудаанд.

Дар зимн, дар суханроniҳо нақши падару модар ва ҳамкории онҳо бо муассисаи таълимӣ таъкид мегардад. Аммо омӯзгор дар ин раванд мавқеи хос дорад, зеро ӯ фаъолияти таълимию тарбиявиро бо дониш ва маҳорати касбӣ тавъам ба роҳ мемонад, пешрафти шогирдро пайваста мушоҳида мекунад ва метавонад мушкилоти ӯро сари вақт дарк намояд.

Яке аз андешаҳои умдаю меҳварӣ дар суханроniҳои Пешвои миллат вобастагии рушди кишвар ба сатҳи рушди маориф ва фаъолияти омӯзгор мебошад. Дар суханронии соли 2013 омадааст: «Миллате, ки омӯзгори асил надорад, ҳеҷ гоҳ ба ягон мартаба намерасад». Ин сухан мақоми омӯзгорро ба масъалаи оянда миллат мепайвандад. Дарвоқеъ, барои пешрафти иқтисод, тандурустӣ, сохтмон, илм, фарҳанг ва идоракунии давлатӣ мутахассисони босавод заруранд. Пояи дониш ва муносибати онҳо ба меҳнат аз мактаб ва дигар зинаҳои таҳсилот гузошта мешавад. Дар суханронии соли 2026 низ ҳамин андеша ба таври мушаххас шарҳ ёфтааст: саломатии мардум, бунёди иншоот, рушди иҷтимоиву иқтисодӣ ва дигар соҳаҳои ҳаёт аз фаъолияти мутахассисоне вобастаанд, ки низоми маориф онҳоро ба камол мерасонад.

Дар суханроniҳои Пешвои миллат ба омӯзгор ҳамчун шахси таъсиргузор дар тарбияи ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ ва эҳтиром ба арзишҳои ҷомеа назар карда мешавад ва пайваста таъкид мегардад, ки таҳкими истиқлол ва давлатдории миллӣ бо худшиносӣ, дониш ва ахлоқи ҳамида иртибот дошта, устодону омӯзгорон бояд дар ин самт намунаи ибрат бошанд. Ба ин маънӣ, аз омӯзгорон даъват шудааст, ки аҳаммияти сулҳу ваҳдати миллиро мунтазам дар раванди дарсҳо ва машғулиятҳои дигар ба шогирдон шарҳ диҳанд.



Дар суханронии соли 2026 саҳми аҳли маориф дар тақвияти истиқлол, тарғиби ғояҳои давлатдории миллӣ ва роҳнамоии мардум ба сулҳу ваҳдат муҳим арзёбиву қадршиносӣ шудааст. Омӯзгор бояд ба шогирд фаҳмонад, ки сулҳ барои таҳсил, зиндагии осоишта ва пешрафти ҷомеа чӣ имконият медиҳад, эҳтиром ба қонун, падару модар ва арзишҳои миллӣ дар рафтори ҳаррӯза чӣ гуна зоҳир мешавад.

Мақоми баланди омӯзгор дар суханроniҳо бо талабот ба маҳорати касбӣ ҳамроҳ аст. Дар суханроniҳои Пешвои миллат изҳор мешавад, ки пешрафти босуръати илму техника сатҳу сифати таълимро баланд мебардорад, зарурати аз худ кардани воситаҳои техникии таълим, китобхонаҳои электронӣ ва технологияҳои иттилоотиву коммуникатсиониро ба миён меорад. Ин талабот аз тағйир ёфтани муҳити омӯзиш бармеояд. Хонандаи имрӯз метавонад маълумотро аз сарчашмаҳои гуногун пайдо кунад. Дар чунин шароит омӯзгор бояд дорои донишу таҷрибаи васеъ бошад, ба шогирд дар фаҳмидан, муқоиса кардан ва истифодаи дурусти техонологияи рақамӣ ёрӣ расонад. Истифодаи технология вақте судманд мешавад, ки ба мақсади равшани таълимӣ хидмат кунад ва омӯзгор усули мувофиқро интихоб намояд.

Дар суханронии соли 2023 такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии омӯзгорон омили мутобиқ шудани фаъолияти онҳо ба талаботи нави иқтисодиву иҷтимоӣ арзёбӣ шудааст. Дар суханронии соли 2024 масъулият ва сатҳи касбияти омӯзгорон бо ҳадафи ба камол расидани миллати босавод ва рушди илмии кишвар муҳимму калидӣ тавсиф мешавад. Дар суханронии соли 2025 бошад, омодасозии кадрҳои омӯзгорӣ бо иқтисоди рақамӣ, рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ ва муосирсозии таҳсилот алоқаманд дониста шудааст. Ҳамин тавр, омӯзгор дар ин суханроniҳо ҳам омӯзонанда ва ҳам омӯзандаи доимӣ мебошад. Эҳтиром ба касби ӯ зарурати нав кардани дониш ва маҳорати касбиашро аз байн намебарад, баръакс, онро такмил мебахшад.

Таҳлили мақоми омӯзгор бе баррасии шароити зиндагӣ ва фаъолияти ӯ пурра намешавад. Дар суханроniҳо ин масъала низ ҷойгоҳи муҳим дорад. Аз соли 2009 дар бораи сохтмони биноҳои таълимӣ ва манзил барои омӯзгорон то таъкидҳои соли 2026 оид ба беҳтар намудани имконоти моддии аҳли маориф, ғамхорӣ нисбат ба омӯзгор ҳамчун ҷузъи рушди соҳа матраҳ шудааст.

Соли 2024 Пешвои миллат бо ишора ба кафолати қонунии шаъну шарафи омӯзгор таъкид намудаанд: «Эҳтиром ба омӯзгор эҳтиром ба ояндаи миллат аст». Дар ҳамин суханронӣ зарурати таҳияи лоиҳаи қонун «Дар бораи мақоми омӯзгор» ба миён гузошта шуд. Соли 2025 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақоми омӯзгор» қабул гардид.

Ин омилҳои созанда нишон медиҳанд, ки баланд бардоштани мақоми омӯзгор тадриҷан вусъат ёфта, ҳифзи шаъну шараф, шароити муносиби кор, дастгирии иҷтимоӣ, омодасозии кадрҳо ва имкони рушди касбӣ низ ҳамвора дар мадди назари Давлат ва Ҳукумат қарор дорад. Дар баробари ин, суханронии соли 2024 ба масъулияти худи омӯзгор ишора мекунад: муҳаббат ба касб, ирода, касбият ва рафтори намунавӣ ба обрӯи ӯ дар ҷомеа таъсир доранд. Яъне, мақоми омӯзгор аз ҳамкории ду ҷониб устувор мегардад – дастгирии давлату ҷомеа ва фаъолияти содиқонаву босифати худи омӯзгор.

Дар суханронии соли 2025 омӯзгорон «машъалафрӯзони ҷомеа» номида шуда, ба ҳайати бузурги омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва фаъолияти олимону устодони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ишора шудааст. Дар ин таъкид омӯзгорон қувваи бузурги зеҳнӣ ва маънавии кишвар муаррифӣ мешаванд. Аҳаммияту тавонмандии ин неру ба сатҳи дониш, ҳамкории устодон, пайванди мактаб бо оила ва ба он вобаста аст, ки ҳар омӯзгор то чӣ андоза метавонад қобилияти шогирдро бишиносад ва рушд диҳад. Ҳамзамон, қадр кардани омӯзгор маънои ба қадри вақт, дониш ва таҷрибаи ӯ расиданро дорад. Ҷомеае, ки аз омӯзгор натиҷаҳои баландро интизор аст, бояд барои иҷрои босифати ин вазифа шароити зарурӣ низ фароҳам оварад.

Дар асоси суханроniҳои Пешвои миллат мақоми омӯзгорро метавон чунин муайян кард: омӯзгор шахси донишманду масъулест, ки бо таълим ва тарбия инсонро ба камол мерасонад, барои ҳамаи соҳаҳои ҷомеа заминаи интеллектуалӣ ва сармояи инсониро фароҳам месозад ва дар ҳифзу рушди арзишҳои миллӣ саҳм мегузорад. Ин мақом ҳам эҳтироми ҷомеаро тақозо мекунад, ҳам дастгирии давлатӣ ва ҳам такмили пайвастаи маҳорати худи омӯзгорро.

Қазовати меҳварии суханроniҳо он аст, ки ояндаи миллат аз сатҳу сифати тарбияи насли имрӯз вобаста буда, омӯзгор дар меҳвари ин раванд қарор дорад. Ҳар қадар дониш, масъулият ва имконоти фаъолияти омӯзгорон бештар бошад, ҳамон андоза барои пешрафти ҷомеа ва ояндаи кишвар қадамҳои устувор гузошта мешавад. Ба ин мазмун, Пешвои миллат таъкид кардаанд: «Омӯзгор шаъну шарафи миллат аст ва имрӯзу фардои ҳар як кишвар ва ҷомеа аз сатҳи маърифат ва фаъолияти ӯ вобастагии калон дорад. Хироди омӯзгор ҷаҳлу хурофотро аз байн мебарад ва сарчашмаи комёбиҳо мегардад. Дар бартарафсозии тамоми мушкилоти миллату давлат, пеш аз ҳама, омӯзгорон саҳмгузоранд. Эҳтироми омӯзгор аз тарафи ҳар як фард эҳтироми худ, эҳтироми миллат ва эҳтироми ҷомеа аст. Мо мақоми омӯзгорро ҳар қадар баланд бардорем, ҷомеа ҳамон қадар муваффақу пешрафта мегардад».

Насриддин ОХУНЗОДА,
«Омӯзгор»

29 сентябр дар шаҳри Душанбе дар мавзуи «Нақши Мавлоно дар ташаккули фарҳанги сулҳ» конференсия баргузор шуд.

Фурӯзон бод умре бар сари мо Чароғи илму ирфони муаллим!

ШИНОХТ

Омӯзгор дар ҷомеа аз шахсиятҳои маъруф, муҳим ва соҳибэҳтиром ба ҳисоб меравад. Агар падару модар инсонро ба дунё оваранд, омӯзгор ба ӯ роҳи дониш, маърифат ва зиндагии дурустро меомӯзонад. Аз ин рӯ, мақоми омӯзгор дар ташаккули шахсият ва пешрафти ҷомеа хеле бузург аст.



ОМӮЗГОР ВОЛОМАҚОМ АСТ

Омӯзгор танҳо омӯзандаи фан нест. Ӯ тарбиятгар, роҳнамо ва намунаи ахлоқу одоб барои шогирдон мебошад. Дар раванди таълиму тарбия ба хонандагон дониш медиҳад, ҳисси ватандӯстӣ, масъулиятшиносӣ, меҳнатдӯстӣ, эҳтироми калонсолон ва дӯст доштани илму маърифатро ташаккул медиҳад. Сухан, рафтор ва муносибати ӯ метавонад ба ҷаҳонбинӣ ва интихоби роҳи зиндагии шогирд таъсири амиқ расонад.

Касби омӯзгор масъулияти бузург талаб мекунад. Ӯ бояд дониши мустаҳкам, ҷаҳонбинии васеъ, сабру таҳаммул ва маҳорати баланди педагогӣ дошта бошад, дониш ва малакаи худро такмил диҳад, зеро ҷомеа ва талаботи замон пайваста тағйир меёбад. Омӯзгори муосир аз технологияҳои нав истифода бурда, усулҳои самараноки таълимро бояд ҷорӣ намояд ва ба қобилияту эҳтиёҷоти ҳар як хонанда таваҷҷуҳ зоҳир кунад.

Тазаккур бояд дод, ки эҳтироми омӯзгор аз арзишҳои муҳимми ҷомеа мебошад. Шогирде, ки заҳмати омӯзгорро эҳсос ва қадр мекунад, ба донишандӯзӣ ва маърифатнокии хеш муносибати ҷиддӣ пайдо мекунад. Дар навбати худ, дастгирии омӯзгорон аз ҷониби ҷомеа ва давлат барои баланд бардоштани сифати таълим аҳаммияти калон дорад. Фароҳам овардани шароити хуби корӣ, имкониятҳои такмили ихтисос ва қадршиносии меҳнати омӯзгор метавонад ба рушди соҳаи маориф мусоидат кунад.

Нақши омӯзгор, махсусан, дар тарбияи насли наврас муҳим аст. Ҷомеаи оянда аз донишу ҷаҳонбинӣ ва ахлоқи ҷавонони имрӯз вобаста мебошад. Аз ин рӯ, омӯзгор дар бунёди ояндаи кишвар саҳми арзанда мегузорад. Бисёр шахсони маъруфу донишманд дар зиндагии худ нақши омӯзгорони аввалини худро бо эҳтиром ба ёд меоранд.

Омӯзгор меъмори маънавии ҷомеа ва роҳнамои насли ҷавон аст. Мақоми баланди ӯ, пеш аз ҳама, аз саҳмаш дар таълиму тарбия, рушди маърифат ва ташаккули шахсияти инсон сарчашма мегирад. Эҳтироми омӯзгор маънои эҳтироми дониш, фарҳанг ва ояндаи ҷомеаро дорад. Аз ин рӯ, ҳар як хонанда бояд меҳнати омӯзгори худро қадр намояд ва аз таълиму маслиҳатҳои ӯ барои сохтани ояндаи неку созанда истифода барад.

Мусаллам аст, ки маориф аз соҳаҳои муҳимми ҳаёти иҷтимоӣ ба шумор рафта, дар ташаккули захираи зеҳнӣ ва маънавии ҷомеа нақши муассир дорад. Дар маркази низоми маориф омӯзгор ҳамчун фарди пешбарандаи раванди таълиму тарбия дар ташаккули шахсияти хонанда мавқеи махсус ишғол менамояд.

Мақоми омӯзгорро на танҳо аз рӯйи вазифаи касбӣ, балки аз рӯйи масъулияти иҷтимоӣ ва маънавии ӯ низ бояд арзёбӣ кард. Омӯзгор ба хонанда дониш медиҳад, малакаҳои фикрронӣ ва муносибати мустақилона ба масъалаҳои ҳаётиро ташаккул мебахшад ва дар заминаи арзишҳои инсонӣ ба тарбияи шахсияти комил мусоидат менамояд.

Дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ, рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ ва тағйирёбии талаботи бозори меҳнат нақши омӯзгор боз ҳам муҳимтар мегардад. Аз ин рӯ, омӯзиши мақоми омӯзгор ва муайян намудани омилҳои баланд бардоштани нуфузи касбии ӯ яке аз масъалаҳои муҳимми педагогӣ ва иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад.

Омӯзгор дар раванди таълим ҳамчун ташкилкунанда, роҳнамо ва субъекти фаъоли фаъолияти педагогӣ баромад мекунад. Самаранокии фаъолияти ӯ ба сатҳи дониши касбӣ, маҳорати педагогӣ, қобилияти муошират ва муносибати масъулиятнок ба шогирдон вобаста мебошад.

Имрӯзҳо моҳияти фаъолияти омӯзгор аз интиқоли дониш фаротар меравад. Ӯ бояд дар хонанда қобилияти таҳлил, муқоиса, хулосабарорӣ ва истифодаи донишро дар ҳолатҳои воқеӣ ташаккул диҳад. Дар ин раванд омӯзгор бояд ба хусусиятҳои инфиродӣ, қобилият ва эҳтиёҷоти таълимии хонандагон таваҷҷуҳ намояд.

Ҷанбаи дигари муҳимми фаъолияти омӯзгор тарбия мебошад. Таълиму тарбия ду ҷузъи ба ҳам алоқаманди раванди педагогианд. Бе ташаккули арзишҳои ахлоқӣ ва иҷтимоӣ донишҳои академӣ наметавонанд ба рушди маънавии шахсият пурра мусоидат намоянд.

Мақоми иҷтимоии омӯзгор аз аҳаммияти фаъолияти ӯ барои ҷомеа сарчашма мегирад. Ҷомеае, ки ба рушди устувор ва пешрафти зеҳниву маънавӣ ҳавасманд аст, ба фаъолияти омӯзгорон таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд.

Омӯзгор, махсусан, дар ташаккули ҷаҳонбинии насли наврас нақши муҳим дорад. Муносибати ӯ ба меҳнат, дониш, фарҳанг, қонун, ҷомеа ва арзишҳои инсонӣ метавонад барои хонанда ҳамчун намунаи ибрат хидмат кунад. Аз ин рӯ, талаботи касбӣ нисбат ба омӯзгор на танҳо сатҳи баланди дониш, балки масъулияти ахлоқӣ ва фарҳанги волои муоширатро низ дар бар мегирад.

Баланд бардоштани мақоми иҷтимоии омӯзгор, инчунин, бо фароҳам овардани шароити муносиби меҳнат, имконияти рушди касбӣ, такмили ихтисос ва қадршиносии меҳнати ӯ алоқаманд мебошад. Дастгирии иҷтимоӣ ва касбии омӯзгор метавонад дар такмилу тақвияти рушди субот ва сифати фаъолияти педагогӣ замина фароҳам оварад.

Таҳаввули роҳи равиши муосири технологӣ, ба фаъолияти омӯзгор таъсири назаррас мерасонад. Дар шароити кунунии рушди соҳаи маориф истифодаи воситаҳои рақамӣ, манбаъҳои электронии таълим ва усулҳои интерактивӣ имкониятҳои нави педагогиро ба вуҷуд меорад. Аз ин лиҳоз, омӯзгори муосир бояд қобилияти истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, ташкили муҳити фаъоли таълимӣ ва кор бо манбаъҳои гуногуни иттилоотиро дошта бошад. Аслан, технологияҳои педагогӣ воситаи ёрирасон буда, мақоми баланди омӯзгорро пурра иваз карда наметавонад. Муносибати бошуурона, дарки эҳтиёҷоти хонанда, дастгирии равонӣ ва роҳнамоии маънавӣ аз унсурҳое мебошанд, ки нақш ва мақоми омӯзгорро баланд мебардоранд.

Такмили пайваст ва мунтазами дониш ва малакаҳои касбӣ аз шартҳои муҳимми фаъолияти омӯзгори муосир мебошад. Аз ин рӯ, омӯзгор низ бояд доимо дар ҷараёни такмили ихтисос бошад, зеро рушди касбӣ заминаи пешравӣ ва маҳорати баланди педагогӣ махсуб меёбад.

Мактаби муосир на танҳо муассисаи таълимӣ, балки аз муҳитҳои муҳимми иҷтимоишавии кӯдак мебошад. Дар ин муҳит хонанда муносибат бо дигарон, масъулияти шахсӣ, эҳтироми қонун ва арзишҳои ҷомеаро меомӯзад.

Омӯзгор метавонад дар ташаккули ҳисси худшиносии миллӣ, эҳтиром ба забон, фарҳанг, таърих ва мероси маънавӣ саҳми назаррас гузорад. Ин раванд бояд дар асоси усулҳои илмӣ, муносибати эҳтиромона ба шахсияти хонанда ва дар заминаи арзишҳои умумибашарӣ амалӣ мегардад.

Дар ин росто, тарбияи шаҳрвандии хонандагон низ аз самтҳои муҳимми фаъолияти омӯзгор мебошад. Шаҳрвандии масъул бояд ҳуқуқу уҳдадориҳои худро дарк карда, ба ҷомеа ва муҳити зист муносибати масъулиятнок дошта бошад.

Мақоми омӯзгор аз сатҳи дониш ва маҳорати касбӣ, фарҳанги педагогӣ, қобилияти истифодаи технологияҳои нав ва муносибати масъулиятнок ба таълиму тарбия вобаста аст. Ҳамзамон, барои баланд бардоштани мақоми омӯзгор танҳо фаъолияти худи омӯзгор кофӣ нест. Муҳити иҷтимоӣ, сиёсати маориф, шароити меҳнат, имкониятҳои рушди касбӣ ва муносибати ҷомеа низ аҳаммияти муҳим доранд.

Эҳтиром ва дастгирии омӯзгор, такмили пайвастаи маҳорати касбии ӯ ва фароҳам овардани шароити муносиб барои фаъолияти эҷодӣ метавонанд барои баланд бардоштани сифати таълим ва тарбияи насли босаводу масъулиятшинос заминаи устувор фароҳам оваранд.

Шодӣ САФАРОВ,
президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон,
доктори илмҳои педагогӣ,
Абдулло ОРИФОВ,
дотсенти кафедраи иқтисод ва идора дар соҳаи маорифи ДҶТИБКСМ,
номзади илмҳои химия

ҶОЙГОҲИ МАОРИФ

Азим аст тӯфони рӯҳи маориф,
Шукӯҳи Ватан аз шукӯҳи маориф.
На узву на ҷузву на ҳизбу гурӯҳам,
Маро сабт кун дар гурӯҳи маориф.
Чароғон шавад кӯҳсорони тоҷик,
Агар фатҳ созем кӯҳи маориф.
Маро бас бувад ин мақоми муборак,
Ки монам чу донишпажӯҳи маориф.

***

На ман кардаам иддаои маориф,
Ки таърих донад баҳои маориф.
Ниҳон аст иксири бемунтаҳой
Ба ҳастии бемунтаҳои маориф.
Малак рашк дорад ба фарзанди Одам
Барои саводу барои маориф.
Худованд ҳам бо тамоми шукӯҳаш
Бихондаст худро Худои маориф.

***

Нашояд на марду на зан бе маориф,
Ки натвон дигар зистан бе маориф.
Агар худ нигини ҷаҳон аст миллат,
Шавад ғофил аз хештан бе маориф.
Бузургии мо ҷойгоҳе надорад,
Ба асри ҷаҳонишудан, бе маориф.
Дар ин гирдбоди бузурги ҷаҳонӣ
Муҳол аст ҳифзи Ватан бе маориф!

***

Низоми ҳаёт аз низоми маориф,
Мақоми милал аз мақоми маориф.
Ҳамин аст киштии Нӯҳи набият,
Ки таъбир шуд аз мароми маориф.
Агар нек бинӣ рамузи суханро,
Бувад Ҷоми Ҷам низ ҷоми маориф.
Наёбем мо эътибори ҷаҳонӣ,
Магар аз раҳи эҳтироми маориф.

***

Чӣ дарди наҷиб аст дарди маориф,
Ҷаҳон ҳосили коркарди маориф.
Ба пешат гузорем зонуи хидмат,
Муаллим, ту, эй родмарди маориф!
Ҳама роҳ бояд равад сӯи мактаб
Ва ҳар роҳрав раҳнаварди маориф.
Набарди ҳаёту набарди наҷот аст
Ба майдони ҳастӣ набарди маориф.

***

Агар бардамад офтоби маориф,
Ту бинӣ шукӯҳи ҷаноби маориф.
Зи сад НОБ-и барқиву сад садди обӣ
Азим аст неруи ноби маориф.
Ҷалоли Фарангу бузургии Мағриб
Бувад ҳосилу бозтоби маориф.
Агар инқилобе бибояд Ватанро,
Бибояд ҳамин инқилоби маориф!

Абдуллоҳи РАҲНАМО

Дар минтақаи саноатии Хоруғ 3 корхонаи нави саноатӣ ба истифода дода шуд.

Оне, ки шогирди хуб набуд, устоди хуб шуда наметавонад.

Б. Дакийский

МАДЕҲАИ УСТОД



Ситоишномааш поён надорад

Чун устоде маро дар канор аст, боке аз афтодан надорам, ҳатман хоҳам бархост.

Ман пурмеҳртару пурнуртар нигоҳе чун нигоҳи устод ба шогирди шоистааш надидаам.

Ба фикрам, вожаи ифтихор бештар аз ҳама ба оне созгор аст, ки пешаи омӯзгорӣ дорад.

Ин қадар меҳрубонанд омӯзгорон! Тору пуди онҳо сиришта аз меҳрубонист.

Омӯзгор мӯй сафед мекунад, то шогирдаш роҳи сафед дошта бошад.

Онеро, ки ба қадри омӯзгор намерасад, зиндагонӣ бекадр аст.

Каломи устод калидест, ки барои шогирдон дари кохи бахтро боз мекунад.

Омӯзгорони мо тамоми умр дар канори моянд: бо сабақҳояшон, бо ҳикматҳояшон, бо раҳнамоиҳояшон.

Тамоми комёбиҳои мо дар зиндагӣ бо риштаи заррине ҳамбаста бо сабақҳои омӯзгоранд.

Гар бихоҳӣ босаодат рӯзгор,
Бош доим дар бари омӯзгор.

Зиндагии хушбахтона ба ду омил ҳамбастагӣ дорад: устоди хуб доштан ва пайрави чунин устод будан.

Нахли ҳаёти мо ҳамеша шодоб аз ҳикмати омӯзгор аст.

Бидуни сабақҳои устод мо парандае ҳастем, ки боли парвоз надорад.

Агар шарафи омӯзгорро ҳифз накунем, шарафманд нахоҳем шуд.

Имрӯз сахтгириҳои устод фардо туро аз сахтиҳои рӯзгор наҷот хоҳанд бахшид.

Борҳо овардаам имон ба ин
барҳақшиор:
Файз ёбад зиндагӣ аз ҳикмати
омӯзгор.

Агар ҳама созгор ба ҳидоятҳои омӯзгор амал мекардем, вожаи бебаҳорӣ аз зиндагиномаамон зудуда мешуд.

Ба сурогӣ омӯзори хуб рав, хушбахтӣ ба сурогӣ ту хоҳад омад.

Аз ҳарфи сахти омӯзгор набояд ранҷид: он фардо сабукиҳо дар корат бор хоҳад овард.

Хирадманде мегуфт: -Ба хати сафеде, ки устод бо бӯри сафед дар тахтаи сиёҳ мекашад, неку таваҷҷуҳманд бошед. Он фардо роҳи сафеди шумо дар зиндагӣ хоҳад буд.

Сабақи омӯзгор ба гунаи хати баркест, ки ҷодаҳои моро, хонаи дили моро, тафаккури моро мунаввар мекунад.

Аз ғазаби омӯзгор наҳароседа, ғазабаш ҳам бо меҳр иртибот дорад.

Ҳатто ба сурати омӯзгор салом бояд дод ва арзи эҳтиром кард.

Сухани омӯзгор нурполост: ҷаҳони моро мунаввар мекунад.

Агар ҳама хостаҳои омӯзгор амалӣ мешуд, хеҷ кас бадбахт намебуд.

Агар панди устод напазирӣ, гул ҳам шавӣ, бебӯй мемонӣ.

Тамоми комёбиҳои мо иртибот ба сабақҳои устодон доранд.

Ба ҳарфи оне, ки устод надорад, бовар кардан нашояд.

Муҳаббатро агарки пос дорем,
Сари таъзим бар устод орем.

Симое, ки тамоми умр, ба вижа, ҳангоми бархӯрд ба мушкилот пеши назари мо ҷилвагар хоҳад буд, симои омӯзгор аст.

Гул аз тобиши офтоб мешукуфад, омӯзгор аз комёбии шогирдаш.

Шоистатарин шахс барои ситоиш омӯзгор аст. Ситоишномаи ӯ поён надорад.

Муҳаббату садоқат, ақлу хирад, сабру тоқат ва низ дарду заҳматро ба ҳам сиришта, пешаи омӯзгориро офаридаанд.

Абдурауф МУРОДӢ,
«Омӯзгор»

ЧАШМАНДОЗ

ҶОЙГОҲИ ОМӮЗГОРОН ДАР КИШВАРҲОИ ҶАҲОН

Мақоми омӯзгор дар ҷаҳон яксон нест. Ба он эҳтироми ҷомеа ба касб, музди меҳнат, шароити кор, имконоти рушди касбӣ ва кафолатҳои ҳуқуқию иҷтимоӣ таъсир мерасонанд. Аз ин рӯ, ҳангоми муқоисаи кишварҳо бояд ҳам нуфузи иҷтимоии омӯзгор ва ҳам вазъи воқеии фаъолияти ӯ ба назар гирифта шавад.

АВРУПО

Дар кишварҳои Аврупо омӯзгорӣ одатан касби муҳим ва боифтихор дониста мешавад, аммо шароити кор ва даромади омӯзгорон дар кишварҳо гуногун аст. Дар аксари кишварҳои Аврупои Ғарбӣ ва Шимолӣ, аз ҷумла, Олмон, Фаронса ва Британияи Кабир омӯзгорӣ касби муҳтарам ва бонуфуз дониста мешавад. Аз ин ҷост, ки дар иддае аз давлатҳо, аз ҷумла, Олмон омӯзгорони мактаб мақоми хидматчии давлатӣ (Beamte) доранд. Ин мақом ба онҳо кафолатҳои махсуси иҷтимоӣ, ҳифзи баланди ҷойи кор ва таъминоти хуби нафақавӣ медиҳад. Дар зимн, қабул шудан ба мактаб низ осон нест. Дар Британияи Кабир, Фаронса ва Олмон ғайр аз маълумоти олӣ, гузаштан аз омӯзиши махсуси педагогӣ ва таҷрибаомӯзии тӯлонӣ талаб карда мешавад.

Пешрафти касбӣ ва даромад аз собиқаи корӣ, тахассус ва натиҷаҳои фаъолияти педагогӣ вобаста аст. Дар баъзе кишварҳои Иттиҳоди Аврупо барои расидан ба зинаи баландтарини музди меҳнат то 30-40 соли собиқаи корӣ лозим мешавад

АМРИКО

Вазъи омӯзгорон дар Амрикои Шимолӣ ва Амрикои Лотинӣ тафовути назаррас дорад. Дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико шароити кор ва музд вобаста ба иёлат фарқ мекунад. Сарбории корӣ, вазифаю супоришҳои маъмурӣ ва баҳсҳо дар бораи сиёсати таълимӣ аз масъалаҳое мебошанд, ки ба фаъолияти омӯзгорон таъсир мерасонанд.


Дар Канада омӯзгорӣ касби дорои талаботи муайяни тахассусӣ аст. Қоидаҳои омодасозӣ ва додани иҷозати фаъолияти касбӣ асосан дар сатҳи музофот муқаррар мешавад. Аз ин рӯ, шароити шуғл ва музди омӯзгоронро дар тамоми кишвар бо як нишондиҳанда ифода кардан дуруст нест.

Дар Амрикои Лотинӣ ва ҳавзаи баҳри Кариб норасоии кадрҳо, шароити кор ва ҷалби мутахассисони нав масъалаҳои муҳимманд. Тибқи маълумоти ЮНЕСКО, минтақа ба тақрибан 3,2 миллион омӯзгор ниёз дорад. Стратегияи минтақавии омӯзгорон барои солҳои 2025-2030 ба беҳтар кардани омодагии касбӣ, шароити кор ва эътирофи нақши омӯзгор равона шудааст.

ОСИЁ

Дар бисёр кишварҳои Осиё эҳтиром ба омӯзгор решаи фарҳангӣ дорад. Пажуҳиши Global Teacher Status Index нишон дода буд, ки дар байни 35 кишвари таҳқиқшуда Чин, Малайзия, Тайван, Индонезия, Кореяи Ҷанубӣ ва Ҳиндустон аз рӯйи мақоми иҷтимоии омӯзгор ҷойгоҳи баланд доштанд. Дар кишварҳое, чун Чин ва Малайзия мақоми иҷтимоии омӯзгор бо мақоми табиб муқоиса мешавад. Дар Осиё ҳиссаи волидоне, ки фарзандони худро ба интихоби касби омӯзгорӣ ташвиқ мекунанд, баланд аст. Масалан, дар Чин ба беш аз 50 дарсад мерасад.

Ҷопон намунаи равшани фарқи байни эҳтироми иҷтимоӣ ва сарбории корӣ аст. Ба омӯзгорон бо унвони эҳтиромии «сэнсэй» муроҷиат мекунанд. Дар баробари таълиму тарбия, онҳо ба омодасозии дарс, корҳои маъмурӣ ва фаъолияти беруназсинфии хонандагон низ машғуланд. Омӯзгорони Ҷопон аз серкортарин омӯзгорони ҷаҳон ба шумор мераванд. Онҳо бар замми дарсдиҳӣ, ба



маҳфилҳои хонандагон роҳбарӣ мекунанд, ба корҳои тозагии мактаб назорат мебаранд, бо волидон муошират мекунанд ва ҳуҷҷатҳои зиёдеро омода месозанд. Ҳангоми таътил низ омӯзгорон вақти холии зиёд надоранд, тобистон ба мактаб меоянд, ба дарсҳо омодагӣ мебинанд, ба бахшҳои варзишӣ роҳбарӣ ва навбатдорӣ менамоянд.

АФРИҚО

Дар Африқо, бахусус, дар кишварҳои воқеъ дар ҷануби Саҳрои Кабир норасоии омӯзгорон яке аз мушкилоти асосии соҳаи маориф мебошад. Бино ба гузориши ЮНЕСКО, барои таъмини таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи ҳамагонӣ то соли 2030 ба ин минтақа тақрибан 15 миллион омӯзгори иловагӣ лозим аст.

Сатҳи омодагии касбии омӯзгорон ҳамоно паст арзёбӣ мешавад. Танҳо тақрибан 64 дарсади омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ва 50 дарсади омӯзгорони мактабҳои миёна дорои тахассуси ҳадди ақали зарурӣ барои таълим мебошанд. Бар асари норасоии кадрҳо ҳукуматҳои кишварҳо аксаран маҷбур мешаванд, омӯзгорони шартномавӣ ё омӯзгоронеро, ки аз ҷониби ҷомеа ҷалб шудаанд, бе таҳсилоти омӯзгорӣ ба кор гиранд.

Вазъ дар кишварҳои қитъа яксон нест. Бо вуҷуди ин, норасоии кадрҳои соҳибтахассус, шумори зиёди хонандагон дар синфҳо, маҳдуд будани захираҳои таълимӣ ва мушкилоти музду шароити кор дар бисёр минтақаҳо ба фаъолияти омӯзгорон таъсир мерасонанд. Беҳтар кардани мақоми онҳо ба омодасозии кадрҳо, дастгирии касбӣ ва сармоягузории пайваста ба маориф вобаста аст.

ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ МАҚОМИ ОМӮЗГОР

Баъзе кишварҳо барои муайян кардани ҳуқуқ, уҳдадориҳо ва кафолатҳои омӯзгорон қонуни алоҳида қабул кардаанд.

Дар Ҷумҳурии Мардумии Чин қонун «Дар бораи мақоми омӯзгор» соли 1993, дар Қазоқистон қонун «Дар бораи мақоми омӯзгор» соли 2019 ва дар Тоҷикистон қонун «Дар бораи мақоми омӯзгор» соли 2025 қабул шудааст, ки асосҳои ҳуқуқии мақоми омӯзгор ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии ӯро муайян менамояд.

Дар кишварҳои дигар ҳуқуқу кафолатҳои омӯзгорон метавонанд тавассути қонунҳои умумии маориф, қонунгузории меҳнат ва дигар санадҳои соҳавӣ танзим шаванд. Мавҷудияти қонуни махсус муҳим аст, аммо мақоми воқеии омӯзгор, ҳамчунин, аз иҷрои қонун, сатҳи музд, шароити кор ва муносибати ҷомеа вобаста мебошад.

Таҷрибаи кишварҳо нишон медиҳад, ки мақоми омӯзгор вақте таҳким меёбад, ки омӯзгор, ҳамзамон, аз ҳуқуқҳои ҳифзшуда, музди муносиб, шароити мусоиди кор ва имкони рушди касбӣ бархӯрдор бошад.

Таҳияи Н. ОХУНЗОДА,
«Омӯзгор»

Дар ноҳияи Мурғоб майдончаҳои нави варзишӣ ба истифода дода шуданд.

Муаллим офтобе дон, ки метобад ба баҳру бар,
Зи нури илм равшан менамояд даҳрро яксар.

ҲИКМАТИ УСТОД ВА ШОГИРД



УСТОД ДАР ОИНАИ ҲИКОЯТҲО

УСТОД ВА БАРФ

Дар Чини қадим марде бо номи Ян Ши зиндагӣ мекард. Бо вуҷуди он ки худ донишманд шуда буд, барои бештар омӯхтан ҳар гоҳ назди устод Чэн И мерафт.

Рӯзе ҳамроҳи дӯсташ барои гиреҳкушоии масъалае ба хонаи устод омад. Барфи сахт меборид. Вақте ки расиданд, диданд, ки устод истироҳат дорад.

– Бедораш кунем? – гуфт дӯсташ.

Ян Ши ҷавоб дод:

– Мо барои такмили дониш назди ӯ омадаем. Чӣ гуна метавонем барои манфиати худ оромии устодро халалдор кунем?

Онҳо дар берун интизор шуданд. Барф ҳамоно меборид ва оҳиста-оҳиста то зонуяшон расид. Танҳо баъд аз бедор шудани устод вориди хона шуданд.

Солҳо гузаштанд, аммо мардум ин воқеаро фаромӯш накарданд. «Дар зери барф назди дари устод истодан» дар фарҳанги Чин рамзи эҳтиром ба омӯзгор гардид.

Ҳикмат: *Касе, ки қадри устодро медонад, қадри дониширо низ медонад.*

***

УСТОДИ МАН КИСТ?

Аз Конфутсий пурсиданд:

– Устод, шумо худ ба ҳазорон нафар дониш меомӯзонед. Лутфан бигӯед, ки устоди шумо кист?

Ӯ ба маъние посух гуфт, ки баъдҳо машҳур гардид: вақте ки бо чанд нафар ҳамроҳ мешавам, ҳатман дар миёни онҳо барои ман омӯзгоре пайдо мешавад.

Шогирдон ҳайрон шуданд.

Конфутсий шарҳ дод: аз инсони нек хислати некашро меомӯзам ва мекӯшам ба ӯ монанд шавам. Дар шахси дигар камбудие мебинам ва ба худ менигарам, то он камбудӣ дар ман набошад.

Пас ҳар инсоне, ки ба ту чизе меомӯзонад, метавонад ба гунае устоди ту бошад.

Ҳикмат: *Донишманд касест, ки аз ҳар инсон чизе барои омӯхтан меёбад.*

***

ЧАРО БА МО УСТОД ЛОЗИМ АСТ?

Донишманди бузурги чинӣ Ҳан Ю тақрибан дувоздаҳ аср пеш саволе гузошта буд:

– Агар инсон ҳама чизро медонист, ба омӯзгор чӣ эҳтиёҷ дошт?

Ва худ посух медиҳад: инсон бо дониш ба дунё намеояд. Ӯ савол дорад, шубҳа дорад, роҳро намедонад. Вазифаи омӯзгор ин аст, ки донишро ба ӯ бирасонад ва гиреҳи саволҳояшро кушояд.

Ҳан Ю андешаи ҷолибтаре ҳам мегӯяд: синну сол муайян намекунад, ки кӣ устод аст. Агар касе чизеро пеш аз ман ва беҳтар аз ман омӯхта бошад, ман метавонам аз ӯ биомӯзам, зеро дар назди дониш масъала ин нест, ки калонтар кист. Масъала ин аст, ки кӣ медонад ва кӣ омӯхтан мехоҳад.

Ҳикмат: *Эҳтироми омӯзгор, пеш аз ҳама, эҳтироми дониш аст.*

***

ЯК СУХАНИ ОМӮЗГОР

Дар мактаби Ясная Полянаи Лев Толстой писарбачае таҳсил мекард, ки дар ҳисоб хеле қобилиятнок буд. Аммо ҳамин ки омӯзгор ӯро барои ҷавоб додан мехонд, сар хам мекард ва аз чашмонаш ашк мерехт.

Ӯ ҷавобро медонист, вале сухан гуфта наметавонист.

Толстой дар бораи ин кӯдак андеша карда, ба натиҷаи муҳим расид: шояд тарси омӯзгори пешина, шояд сухани ноҷое, ки замоне шунидааст, эътимоди кӯдакро ба худ шикастааст.

Омӯзгор метавонист ӯро маҷбур кунад, сарзаниш намояд ва ҳатто тарсашро аз байн барад. Аммо Толстой ҳушдор медиҳад, ки бо шикастани ҳамин хислат мумкин аст, беҳтарин сифатҳои руҳи кӯдак низ шикаста шаванд.

Ҳикмат: *Як сухани омӯзгор метавонад шогирдро бол бахшад, сухани дигар метавонад, болашро бишканад.*

***

ОМӮЗГОРЕ, КИ ФАРОМӮШ НАШУД

Робиндранат Тагор солҳои мактабхониашро ба ёд оварда менависад, ки на ҳамаи омӯзгоронаш дар хотираш яксон мондаанд.

Аз ин миён як омӯзгор – падар Де Пенеранда ҳеҷ аз хотираш нарафт. Ӯ испанӣ буд ва ба забони англисӣ чандон равон ҳарф намезад. Аз ҳамин сабаб, баъзе хонандагон ба дарсаш аҳамияти ҷиддӣ намедоданд.

Омӯзгор ин беэътиноиро эҳсос мекард. Вале ба ҷойи хашму таҳқир онро бо таҳаммул қабул мепазируфт.

Солҳо гузаштанд. Бисёр дарсҳо аз хотираи Тагор рафтанд, аммо симои ҳамин омӯзгори орому фурӯтан дар зеҳнаш боқӣ монд. Ӯ менависад, ки хотираи он муаллим тасаввурашро дар бораи омӯзгор ба сатҳи баландтаре бурдааст.

Ҳикмат: *Шогирд метавонад мавзуи дарсро фаромӯш кунад, аммо муносибати омӯзгорро ба худ то дер фаромӯш нахоҳад кард.*

ЯК РӮЗ УСТОД – ЯК УМР ПАДАР

Дар фарҳанги Чин ҳикмати машҳуре ҳаст:

«Касе, ки як рӯз устоди ту бошад, як умр чун падар эҳтиромаш кун».

Ин ҳикматро маънӣ нест, ки омӯзгор ҷойгири падар бошад. Мақсад бузургии мақоми омӯзгор аст. Падар ба инсон зиндагӣ мебахшад, устод роҳи зиндагиро нишон медиҳад.

Шояд омӯзгоре солҳои зиёд ба ту дарс надода бошад, шояд гирди файласуфи бузурги Юнони Қадим Арасту буд.

Плутарх дар «Зиндагии Искандар» менависад, ки Искандар дар ҷавонӣ Арастуро бисёр дӯст медошт ва эҳтиром мекард. Ӯ ҳикмате гуфтааст, ки асрҳо боз вирди забон аст:

«Аз падарам зиндагӣ ёфтам, аз устодам – зиндагии шоистаро».

Филипп ба ӯ ҳаёт ва подшоҳӣ дод. Арасту бошад, дари фалсафа, ахлоқ, сиёсат, тиб ва адабиётро ба рӯяш кушод. Плутарх ҳатто менависад, ки шавқи Искандар ба дониш ва китобхонӣ зери таъсири омӯзиши Арасту рушд карда буд.

Ин сухани шогирде буд, ки баъдтар ҳокими яке аз бузургтарин империяҳои ҷаҳони қадим гардид. Бо вуҷуди қудрату шуҳрат фаромӯш накард, сол омӯхтам, ба ӯ медиҳам. Ӯ бояд аз ҷойе оғоз кунад, ки ман ба он расидаам. Агар то ҳамон ҷое расад, ки ман расидаам, пас мо чизе ба дониш илова накардаему пеш нарафтаем.

Вазифаи устод сохтани нусхаи худ нест. Вазифаи ӯ сохтани инсоне аст, ки рӯзе аз худи ӯ ҳам дуртар бинад.

Ҳикмат: *Бузургии устод дар он нест, ки ҳамеша аз шогирд боло монад, бузургии ӯ дар он аст, ки шогирдро барои болотар рафтан омода созад.*

***

ДЕВОРИ УСТОД БАЛАНДТАР АСТ

Рӯзе касе дар ҳузури мардум гуфт:

– Зигун аз устодаш Конфутсий донотар аст.

Ин сухан ба гӯши Зигун расид. Ӯ метавонист аз таъриф хушҳол шавад, аммо гуфт:

– Дониши ман мисли девори хонаест, ки то китфи одам мерасад. Ҳар кас аз берун истода, метавонад аз болои он назар кунад ва бинад, ки дар дохил чӣ ҳаст. Аммо девори устоди ман чандин баробари қади одам баланд аст. Агар дарвозаи онро пайдо накунӣ ва ворид нашавӣ, аз берун намефаҳмӣ, ки дар паси он чӣ қадар зебоӣ ва сарват нуҳуфтааст.

Сипас афзуд:

– Каманд онҳое, ки дарвозаи ҷаҳони устоди маро пайдо мекунанд.

Ин посух дар «Гуфторҳо»-и Конфутсий омадааст. Зигун бо ин сухан на худро хурд кард, балки фаҳмонд: дониши амиқ ҳамеша аз дур намоён нест.

Ҳикмат: *Барои шинохтани бузургии устод бояд ба ҷаҳони донишаш ворид шуд.*

***

УСТОДРО МУҚАДДАС БИДОН

Дар яке аз куҳантарин осори ҳикматбори Ҳинд – «Тайттирия Упанишад» саҳнаи ҷолибе ҳаст. Омӯзгор баъди ба охир расидани таҳсили шогирд ӯро ба зиндагии мустақил гусел мекунад.

Пеш аз рафтан ба ӯ васият мекунад:

– Рост бигӯ. Вазифаи худро иҷро бикун. Аз омӯхтан даст накаш. Модару падарро азиз бидон. Устодро чун шахси муқаддас гиромӣ бидор. Меҳмонро эҳтиром бинамо.

Аҷиб аст, ки дар ин таълимоти чандҳазорсола устод дар канори модару падар қарор гирифтааст, зеро инсон аз падару модар ҳастӣ меёбад, аммо барои шинохтани маънии ҳастӣ ба омӯзгор ниёз дорад.

Ҳикмат: *Дар фарҳанги Ҳинд эҳтироми устод идомаи эҳтироми падару модар доништа шудааст.*

Таҳияи
Э. САФАРЗОДА,
«Омӯзгор»

МУАЛЛИМ

Меҳроби рӯзгор чу кӯи муаллим аст,
Оби ҳаёти илм ба ҷӯи муаллим аст.

Як тӯда, ки зи хешу Худоянд бехабар,
Санге, ки афкананд, ба сӯи муаллим аст.

Ояндаи дуруст надорад замонае,
К-он ҷо тамоми халқ адуи муаллим аст.

Он ҷо ҳамоқат аст дарахти тановаре,
Ҷое, ки дасти зӯру гулӯи муаллим аст.

Бе офтоб даҳр мунаввар намешавад,
Дунё, ки босафост, зи рӯи муаллим аст!

Абдумалики АБДУҶАББОР

Ба ифтихори дохил гардидани Резервати биосферии Ромит ба Шабакаи ҷаҳонии мамнуъгоҳҳои биосферии ЮНЕСКО конференсия доир шуд.

ЭССЕ

ИРОДАТМАНДУ ҚАВИДИЛ БОШ!

(Насиҳати омӯзгори куҳансол ба фарзанд)

Писари азизам, аз рафтору гуфтор ва вазъи руҳият хуб огаҳӣ ёфтаму пай бурдам, ки кор дар дабистон бароят вазнину мушкил менамояд. Ва чанд рӯз қабл модарат ҳам бо изтиробу нигаронӣ гуфт, писарамон парешону ошуфта асту аз мактаб дилгирие дорад. Акнун ба суханони ман, қиблагоҳат, амиқ гӯш фаро деҳ ва мулоҳизаҳои маро дар мизони ақл баркашу худ хулоса барор, ки оё дар дабистон заҳмат кашидан бароят амали сангин ва дар айни ҳол бар абас аст? Ту нек медонӣ, ки ман зиёда аз 40 сол ба пешаи омӯзгорӣ машғул шудаву дар ин муддат шогирдони зиёдеро тарбия намуда, ба камол расондам. Магар ин кори осон буд? Не, албатта! Медонӣ, замоне ки донишгоҳро хатм карда, дар таълимгоҳи дурдасти кӯҳистоне ба кор оғоз кардам, аз рӯзҳои аввал дарк намудам, ки омӯзгорӣ, воқеан, пешаи сангин ва тавонкоҳе будааст шояд ман дар ин ҷода дер пойида натавонам. Аз забон ва адабиёти тоҷик дар синфҳои болоӣ дарс медодаму ҳамзамон синфи чорро баъд аз нисфирӯзӣ ба ман супурда буданд. Дар қадами нахуст ба мани ноозмудакору бетаҷриба тартиб додани нақшаи тақвимӣ-мавзуӣ ва навиштани фишурдаи дарсҳо амали мушкил менамуд. Дар асоси барномаи таълимӣ, аз рӯйи соатҳои муқарраргардида мавзуъҳои дарсиро тақсим кардан лозим буд. Дар хатми ҳар боб (масалан, «Исм», «Сифат» ва ғайра аз забони тоҷикӣ) барои диктанти санҷишӣ ва бо мақсади гузаронидани машғулиятҳои инкишофи нутқи мураттаб низ соатҳои алоҳида ҷудо кардан зарур буд. Дар назари аввал кори мушкил ҳам наменамояд. Ҳисобу рақамзанӣ мекунию зуд-зуд соатҳоро тақсим месозӣ. Аммо дар ҳар як боби калон мавзуъҳои мураккабу доманадоре ҷой доштанд, ки он мавзуъҳоро ба ҳеҷ ваҷҳ намешуд дар як соат ба хонанда фаҳмонду тавзеҳ бахшид. Ҳамин гуна душворӣ дар таҳияву омода намудани нақшаи тақвимӣ-мавзуӣ аз фанни адабиёти тоҷик пеш омада, барои саҳеҳу беғалат анҷом додани ин кор хеле зиёд мағзро об кардан лозим меомад. Ибтидо ман мустақилона нақшаи тақвимӣ-мавзуиро тартиб дода, ба омӯзгори куҳансолу собиқадори таълимгоҳ, устод Маҳмадулло Холов пешниҳод намудам. Муаллими пуркору сертаҷриба маро рӯ ба рӯяш шинонда, барои дуруст ҷо ба ҷо гузоштани соатҳои дарсӣ маслиҳатҳои падарона дод. Камбудию норасоиҳоямро, ки ҳангоми ҷудо намудани соати мавзуъҳои таълимӣ сар зада буданд, сода ва бо оҳанги нарму мулоим ошкор ва хотиррасон карда, таваҷҷуҳамро ба мавзуъҳои доманадор ва корҳои хаттӣ ҷалб намуд. Аз рӯйи маслиҳатҳои муаллими куҳансол амал карда, чанд шаб по ба фарқи хоб зада, нақшаҳои тақвимӣ-мавзуиро аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дубора таҳияву омода намуда, ба муаллим пешниҳод кардам. Вай бо ҳавсалаю батааннӣ ҳар як мавзуъро аз парвезан бехта, бо барномаи таълимӣ муқоиса намуд ва дар охир сар бардошта, аз паси айнак сӯяи нигарист.

- Дар байни мардум мақоле ҳаст: ҳафт бор чен куну як бор бур,-қаноатманд хитоб кард муаллим ва афзуд:

- Ана, дидӣ, заҳмат кашидию тират ниҳоят ба ҳадаф расид. Кӯшишу талошатро давом деҳ, омӯзгори хуб мешавӣ, писарам!

Медонӣ, писари азизам, аммо ин оғози кор будааст омӯзгорӣ паҳлуҳои зиёди дигар ҳам доштааст. Амали асосию меҳварӣ ташкил ва баргузор намудани машғулиятҳои таълимӣ ба шумор мерафт. Ростӣ, ин як ҳақиқати талхест, ки аз он ҳеҷ имкони фосила гирифтан вуҷуд надорад. Ҳангоме ки бори аввал ба ин ё он синф ворид мешавӣ, ба чашмони духтаракону писаракон нигариста, дастпоча мешавӣ, осемасару шитобзада дар кучо буданатонро фаромӯш мекунӣ. Охир, дигар ту донишҷӯйи дирӯза нестӣ, ки бепарво аз пайи сомон додани корҳои худ гардию бо наздик шудани имтиҳонҳо якбора хобу хӯрро аз ёд бурда, ба омӯзишу мутолиа ва аз худ кардани мавзуъҳои дарсӣ камари ҳиммат бандӣ. Кунун имтиҳони асосӣ



ва бардавоме пешорӯят қарор гирифта. Бояд ба хонандагон сабақ омӯзонӣ, мавзуи нави дарсиро ҳамаҷонибаю пухта ва бо дилу дидаи равшану неруи ҷозибаомӯзу калони сеҳрофарин бифаҳмонӣ. Тавре он мавзуъро бо ҷамеи ҷузъиёташ тавзеҳ бахшӣ, ки хонанда қонеъ гардаду ба ту ҳамчун ҳодию роҳнамо эътиқоду эътимод ҳосил кунад. Қобилияту дарку фаҳмиши воло, донишу ҷаҳонбинии фарох ва бартар аз ҳама, сабку шеваи баёну гуфтор ва ҳароина муносибати неку самимӣ ба шогирдон метавонад фардеро, ки омӯзгориро на ҳамчун пеша, балки ба сифати сарнавишт қабул намудааст, ба мақсаду муродаш бирасонад. Ман ин ҳолро зина ба зина, ба тадриҷ баъд аз сайқалу такмил ёфтани маҳорату малакаи дарсгузориям таҷрибаву маърифат ва дарк кардам. Дар оғоз бошад, мушкил андар пайи мушкил пешорӯям қарор мегирифт.

Медонӣ, ҳар як хонанда хӯву хислати хос, андешаваю ҷаҳонбинии худро дорад. Оре, панҷ панҷа баробар нест, ин ҳақиқати маълум аст. Вақте ки хонандагони якраву гарданшах, ки худситою сергап буданд, бо саволҳои гуногун ба ман фишор оварданию мулзамам карданӣ мешуданд, даршаст бо тамкинию оромӣ, азбаски (таъриф напиндорӣ!) китобҳои фаровонеро омӯхтаву мутолиа карда будам, посухҳои муътамаду боварбахш медодам, сар ба ҷайб кашида, аз қавле, «ба даҳан об мегирифтанд», хомӯш мемонданд. Дӯст медоштам, ки дар дарс, новобаста аз фаҳмишу бардошташон, ҳамаи шогирдон муташаккилу фаъол бошанд. Хомӯш мондани ину он хонандаро ҳеҷ хуш надоштам. Аз ин хотир, аз таҷрибаи омӯзгори синфҳои ибтидоӣ устод Нуриддин Насриддинов (руҳаш шод бод!) истифода карда, зуд-зуд ва ҳатто нохудогоҳ ҳар як хонандаро саволборон менамудам, то вақташонро беҳуда нагузаронанд. Ингуна хонандагони синфҳое, ки ба онҳо аз забон ва адабиёти тоҷик дарс медодам, ба ману машғулиятҳом меҳру рағбат пайдо карда, дар танаффусҳо низ даъватам намуда, аз шеъру моҳияти адабиёт ва маъниҳои ба фаҳмашон вазнини абёти шоирон суолҳоям медоданд.

Табиист, ки байни ману шогирдон суҳбати ширин ва гарму ҷӯшоне ба вуқуъ мепайваст. Маҳфили фаннӣ низ ҷаззобу хотирмон мегузашт, ки дар он илло хонандагон, омӯзгорон низ вақт ёфта, иштирок мекарданд. Сабақ омӯзондан ба хонандагони синфи поёнӣ ҳам лаззату кайфияти худро дошт. Дар синфи чорум бар изофаи фанҳои забони тоҷикию хониш, аз математикаю табиатшиносӣ, суруд ва мусиқӣ, таълими меҳнат ва тарбияи ҷисмонӣ дарс мегузаштам. Чи дар синфҳои болоӣ ва чи дар синфи поёнӣ ҳангоми ба роҳ мондани дарсҳо ҳақиқати маълумеро пеши худ кашф кардам: дар ҳама ҳолат омӯзгорро дар баробари сабку шева (метод)-и дарсдиҳӣ дониши ҳамаҷонибаи ӯ аз мушкилиҳо раҳоӣ мебахшад. Дар раванди кор дар он мактаби кӯҳистон бардошти дигар ва хеле заруриро ҳосил кардам: омӯзгор бояд ҳамчун инсон шикастанафсу хоксор, фурӯтан ва доиман кушодачеҳраю суҳбаторо бошад. Албатта, фарзанди азиз, ин маънои онро надорад, ки дар синф ё дар берун, ҳангоми танаффусу вақтҳои холӣ омӯзгор ба хонандагон озодии мутлақ дода, онҳоро ба майлу ихтиёри худашон гузорад. Не, ҳеҷ гоҳ ин тавр набуду нест. Виқору сарбаландӣ ва зоҳири зебою дилкаш ба атрофиён, хоса, шогирдон таъсири неку омӯзанда мерасонад. Аммо, дар ҳар сурат омӯзгор бояд дурандешу эҳтиёткор ва новобаста аз вазъи зиндагии шахсӣ болидаруҳ ва дар муносибат бо хонандагон самимию одил бошад. Манзурам ин аст, ки гоҳо (ва ин омилро ҳеҷ кас рад нахоҳад кард!) мешунавӣ, ки муаллиме хонандаеро задааст. Ҳа, ҳа ё шаппотие ҳаволааш кардааст, ё сухани ноҷоюю таҳқиромезе гуфтааст, ки овозааш аз қавле, ба қофу қайсар рафта расидааст. Ин ҳам як ҳақиқати маълум, лекин ман ба ту ба таъкид хотиррасон кардан мехоҳам, ки дар ягон ҳолат, агар дар мавриди хеле нобоб ҳам афтӣ, ба сари хонандае, ки низоми дарсро вайрон кардаву ба ту аксуламал нишон додааст, даст набардор! Бояд хештандор буду батамкин, мегӯянд-ку, санги вазнинро об набурдааст. Дигар ин ки, дар муносибату муошират бофазлу хирадоин бош! Мақсадам аз ин гуфта он аст, ки ҳеҷ гоҳ ба хонанда суханҳои дурушту таҳқиромезро раво мабин, зеро як сухани ноҷо метавонад якумр хонандаро аз туву дарсҳоят дилсард гардонад. Дар ин боб донишҳои андӯхтаат дар мактаби олӣ ба ту мадад мекунанд. Мазмун, ҳангоми баргузории машғулиятҳо бояд ба ҷанбаҳои педагогию психологии дарсҳо диққати ҳамаҷониба зоҳир намоӣ. Медонӣ, чунин манзараро дар аксар таълимгоҳҳо метавон мушоҳида кард: хонандагони синфҳо (хусусан, синфҳои поёнӣ) вақте ки таҳсил оғоз меёбад, кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки маҳз муаллими фалонӣ ба онҳо дарс диҳаду роҳбари синфашон бошад. Мепурсӣ, чаро? Зеро он муаллим бо рафтору гуфтор, донишу фаҳмиш ва амиқ дарк кардани руҳияи хонандагон ба дилу дидаи онҳо роҳ ёфта, писандашон гардидааст.

Албатта, на ҳар омӯзгор муҳибу мушфиқ ва дархӯри завқу фаҳмиши шогирдон дарс дода метавонад. Ин омил ҷанбаи фитрӣ ҳам дорад. Бисёр мехостам, то ту дар жарфои қалби хонандагон ҷою макон ёбӣ, писарам! Ҳамин тавр, ҳеҷ гоҳ аз фоҷеаю фалокат ва азобу машаққатҳои зиндагӣ, ки сарнавишт нохосту ногаҳонӣ рӯ ба рӯят месозад, наҳаросу навмед машав! Ман ин суханонро ба он хотир мегӯям, ки баъдтар давлати абаркудрати Шуравӣ барҳам хӯрду замони нав фаро расид. Ҷумҳурии азизи мо соҳибистиқлол гардид, аммо касе намедонист, ки моро оянда чӣ интизор аст. Ман ба мактаби деҳаамон ба кор даромадам. Замони пурташвишу пуртаҳлукае буд, зеро ҷанги хонабарандози дохилӣ сар задаву мардум сару калобаашонро гум карда, худро ба ҳар кӯю дар мезаданд. Ҳама дар ҳасрати як пора нон. Омӯзгорон низ дигар моҳҳо рӯйи маошро надида, хелеҳо мактабро тарк карданд. Бо вуҷуди сахтиву кӯтаҳдастӣ аз мактаб нарафтам.

Медонӣ, фарзанди ширини падар, дар байни обу оташ монда, аз хонандагон дил канда наметавонистам. Ба шогирдонам, ки ҳар пагоҳӣ ба дабистон ҳозир шуда, бо чашми умед ва ҳазорон орзуву таманно ба ман менигаристанд, раҳмам меомад, дарунакӣ сӯхта-сӯхта обу адо мешудам, вале аз сабр мадад меҷустам. Рӯзҳоро бо бурдан нони зағора ва косаи об ба шом мерасондаму ба хонандагон дарси садоқату вафо ва иродаву матонат меомӯзондам. Зиндагиамон аммо рӯз ба рӯз вазнину ҳоли шумову дигар бародарону хоҳаронат табоҳ мешуд. Орд нест, гандум нест, ҷуворӣ нест. Чӣ бояд кард? Тадбирро дар он дидем, ки модарат дар бозор нишаста, ба савдои меваю сабзавот машғул гардида, бегоҳиҳо нон харида орад. Аз мактаб дур шуда натавонистам. Пеши худ мегуфтам, ки набояд насли имрӯз, ки дар гирдоби ҷанги фоҷиабор афтодааст, бесаводу нодон ва аз илму дониш бебаҳра монад. Маърифат омӯхтану ҷонро дар роҳи фарзандони мардум фидо кардан, ки умеду муттакои имрӯзу фардои моянд, ҳадафи аслию муқаддами кору пайкари мо буд. Роҳи бозгашт нест ва нахоҳад буд. Ба таҳдиду хатарҳои камонбадастони ёғиву шӯрапушт нигоҳ накарда, мо-чанд нафар омӯзгор тан ба ризои тақдир дода, роҳ ба сӯйи маркази ноҳия пеш мегирифтем, то ба таълимгоҳ китобҳои дарсӣ орем. Зери тиру оташи ҷанг ба роҳ баромадану ба ноҳия аз чандин посгоҳ гузаштану расидан амали содаву саҳл чӣ ки, мардонагӣ ҳисоб меёфт. Ва мо бо азобҳои алим шомгоҳон, гоҳ пиёдаю гоҳ савора (ба трактору аробае часпида) шалпару хастаю лакот ба деҳа мерасидем. Ва ба ин ҳама нигоҳ накарда, фурӯғи хушбахтиву саодат дар чеҳраамон таҷаллӣ мекард: охир, мо дасти холӣ не, балки бо хазинаи маърифат – китобҳои дарсӣ баргаштем. Бад-ин ҳолу ҳаво рӯзҳо тирвор паси сар мешуданду андак-андак рӯзу рӯзгор беҳтару осоиштагӣ ба даст омаду ба ҷанг хотима бахшида шуд. Ҳамакнун маоши омӯзгорон сари вақт пардохт мешуду омӯзгороне, ки тарки кор карда буданд, ба мактаб бармегаштанд. Рӯзҳои масарратбахшу файзбор фаро расида, аз зиндагии боамну рифоҳ паём медод. Ана ҳамин хел рӯзҳоро паси сар кардем, писарам, вале ҳеҷ гоҳ шикояту заифнолӣ хоси мо набуд. Барои минбаъд бо ҷӯшу хурӯш ва азми росих ба сабақ омӯзондани шогирдон идома дода, кӯшиш мекардем, ки онҳо босаводу донишманд ба камол расанд. Воқеан, онҳо баъди хатми таълимгоҳ ба мактабҳои олӣ ҳуҷҷат супорида, сазовори номи донишҷӯ мешуданд. Дар озмуну олимпиадаҳои сатҳи ноҳиявию минтақавӣ ва ҷумҳуриявӣ иштирок карда, соҳиби ҷойҳои намоён мегардиданд.

Боре роҳбарони ҷамоату ноҳия ба мактаб омада, аз вазъи ногувори бинои куҳнаю фарсудаи дабистон афсӯс хӯрданд ва ваъда доданд, ки албатта, барои хонандагону омӯзгорон бинои нав месозанд. Дарвоқеъ, соли 2003-юм бинои нави мактаб қомат афрохту мо-омӯзгорон аз хурсандӣ ашк рехтем. Медонӣ, писарам, бо талошу иқдомҳои фидокоронаю ватандӯстонаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имрӯз тамоми шароиту имконот баҳри донишандӯзии насли наврас фароҳам оварда шудааст. Ту ҳам дар пеши назарам мактабро бо баҳои хубу аъло хатм кардию ба факултети забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ дохил шуда, онро бо сари баланд ба итмом расондӣ.

Умуман, ман бо шумо, фарзандони фарзонаю соҳибназарам, ифтихор мекунам. Ба ҳамаи азобу вазъи сангини зиндагӣ нигоҳ накарда, хондеду соҳиби маълумоти олӣ гардидед. Ман, падари шумо, ҳамвора шукрона дар лаб аз он хушҳолам, ки дар байни онҳо ту, писарам, пешаи маро интихоб кардию собитқадамона аз пайи таълиму тарбияи фарзандони сокинони деҳа ҳастӣ. Аммо ба ҳеҷ ваҷҳ беиродагӣ зоҳир накун, агар душворӣ пеш ояд, ба ман, ба падарат муроҷиат намо. Ёрӣ мерасонам, маслиҳатҳо медиҳам. Аз омӯхтан ягон лаҳза маёсой, танҳо бо китоби дарсӣ қонеъ нашаву асару сарчашмаҳои илмии олимону донишмандонро мутолиа кун.

Омӯзгорӣ, бешак, пешаи заҳматталаб аст, дар ин роҳ пайваста месӯзию месозӣ. Ранҷу заҳмат ба кас шарафу обрӯ меорад. Барои он ки дар байни мардум обрӯманду бонуфуз гардӣ, насиҳатҳои маро дар гӯш ҳалқаи зар кун! Боварию эътимод дорам, ки ба орзуҳои дилат мерасию шогирдони баору номусро, ки ҳамеша дар ҳифзи Ватан омодаанд, тарбия намуда, ба камол мерасонӣ. Муваффақиятҳо ёрат, фарзанди азизам!

Шодӣ РАҶАБЗОД,
«Омӯзгор»

Дар шаҳри Ню-Йорк омодагӣ ба Конфронси оби СММ – 2028 дар шаҳри Душанбе баррасӣ гардид.

СИМО

Субҳи барвақт аз хоб бедор шуд устод. Ин анъанаи дерини ӯст. Ба ифодаи ҳампешагон, «ҳамеша бо ситораҳо хайрухуш карда, субҳро салом мегӯяд устод». Базӯр ба по рост шуд, дарде ҳарина тамоми аъзои баданашро тазйиқ медод. Ёдаш омад байте аз ашъори дӯсти маъруфаш Лоиқи Шодравон:

Ҷамъ созам ҳар саҳар чун устухонҳои танам,
Устухоне нест, ҷамъи устухонам мондааст.

ТИМСОЛИ САДОҚАТ



Табассуме омехта ба дард дар лабонаш гул кард. «Чӣ қадар шоири бузургу тавоно буд дӯсти азизам Лоик!»-гуфт худ ба худ ва аз пайи омодагӣ шуд, омодагӣ барои ба мактаб рафтан. Набераҳояш, ки низ тараддуди мактабравӣ доштанд, дилсӯзӣ карданд:-Бобоҷон, дирӯз аз беморхона баромадед, ҳоло чандон қомат рост накардаед, ду-се рӯз истироҳат кунед, баъд ба мактаб хоҳед рафт.

Чизе нагуфт дар посух ба набераҳояш устод, танҳо як-як сарашонро сила карда, аз рухсораашон бӯсид.

Ба кӯчаи калон баромаду ҳанӯз дақиқае ҳам нагузашта, мошини сабукраве дар наздаш қарор гирифт. Ронанда чобук аз ҷояш баромада, «салом, устод» гуфт ва дари паҳлуро боз кард: «марҳамат!»

Ҳар саҳар ин ҳолат рух медиҳад; устод фурсат намеёбад, ки савори автобус шавад. Дарзамон мошине наздаш қарор мегираду кадом як шогирдаш ба нишастан даъват мекунад. Дар раҳраву бозору фурӯшгоҳу истироҳатгоҳҳо низ зуд шогирдонаш пайдо мешаванд. «Ними шаҳр шогирди шумо»,-ба ёд меорад ин лаҳзаҳо гуфтаи ба назараш, муболиғаомези дӯстонашро. Даҳ рӯзи охир дар беморхонаи «Қарияи Боло» бистарӣ буд бо «гуноҳи саркашиҳои дил». Он ҷо ҳам аксари шифокорону кормандон собиқ шогирдонаш буданд.

Солҳои охир аз чӣ бошад, ки дар роҳ ба сӯйи таълимгоҳ ҳамеша ёд аз гузаштаҳо, аз муҳимтарин рухдодҳо дар арсаи маориф ва аз шогирдони зиёдаш мекунад. Синнаш ба наваду як расидааст ҳафтод сол боз фаъолият дар арсаи таълиму тарбия дорад. Ҳаводиси зиёдеро паси сар кард дар ин давра; комёбиҳое фаровон насибаш гашт дар соҳаи маориф ва бо нокомиҳо низ бархӯрд дошт гоҳе.

Қаноатманд аз он аст, ки дар ҳама ҳолат бо шогирдон буд, пой аз мактаб, дил аз пеша наканд. Дар мактаби олӣ (ДДОТ ба номи С. Айнӣ) ҳам кор карду дар мактаби миёна ҳам ва дар гимназияю литсей ҳам. Солҳои тӯлонӣ ҷонишини директори мактаб (таълимгоҳи шуҳратёри рақами 53-и пойтахт) буду роҳбари иттиҳодияи методии омӯзгорони фанҳои дақиқ дар шаҳри Душанбе. Ҳамчун устоди эҷодкору тозаназар маъруф гашт. Силсилаи мақолаҳои методиаш пайваста дар нашрияҳои соҳавӣ ба чоп мерасиданд. Барои аҳли таълиму тарбия ба сифати дастури методию таълимӣ 15 номгӯй китоб ба нашр расонд.

Охири солҳои навадуми садаи бист дар озмуни бонуфузи «Муаллими сол» ширкат варзида, то ба даври ниҳоӣ расид ва дар ин давр низ комёб гашта, «Муаллими сол» эътироф шуд. Ба дарёфти чандин нишону унвони давлатию соҳавӣ мушарраф гашт. Солҳост, ки «устоди устодонаш» меноманд, ки дигар ин сатҳи баланди эътирофу эҳтиром аст. Ончунон дил ба мактаб баста ин устоди варзидаву солдида, ки бидуни он ҳастиашро тасаввур карда наметавонад. Ҳафтод сол ҳар рӯз, пеш аз ҳама, ба таълимгоҳ ҳозир мешуду пас аз ҳама аз ин даргоҳ берун мерафт. Ду-се соли охир бинобар фишори беморӣ омаду рафташ ба мактаб душвор шудааст. Азият мекашад, аммо ҳамеша ҳушу ёдаш ба шогирдону ҳампешагон. Шукр, фарзандони солеҳу бохираду босаҳо дорад, набераю аберагони зебою кӯшо низ, ба чизе эҳтиёҷманд нест. Эҳтиёҷаш танҳо ба дидори ҳамарӯзаи ҳамкорону шогирдон аст. Дар канори эшон ва дар оғӯши мактаб худро хушбахту осуда дармеёбад. Чанд соли охир дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №8-и ба номи Бозор Собири шаҳри Душанбе фаъолият дорад, раҳнамою мушовири омӯзгорон аст, ба дарсҳои онҳо ширкат варзида, маслиҳатҳо медиҳад, ситоишашон мекунад. «Ганҷинаи мактаб» медонанду мехонанд устоди 91-сола, куҳансолтарин омӯзгори пойтахт Тӯрақул Ҷумъаевро дар ин боргоҳи маърифат ва боз чанд тавсифи дигар аз ҷониби аҳли маориф нисбат ба ӯ садо медиҳад: «таърихи зиндаи маориф», «тимсоли бузурги садоқат ба пешаи омӯзгорӣ», «ганҷинаи тачрибаву дониш» «намунаи барҷастаи инсони накукору шарафманд», «ҷонфидои шогирдон»...

Аз мошини сабукрав бо мадади собиқ шогирдаш берун шуду пой ба ҷониби мактаб бардошт. Ҳанӯз хеле барвақт буду ягон-ягон хонандагон сӯйи таълимгоҳ меомаданд. Дар назди даромадгоҳ дусе омӯзгор суҳбат доштанд. «Дер кардам»,-аз дил гузаронд устод ва қадре қадам тез кард, дарди аъзои бадан, ба ибораи худи устод, дарди ҳарина намегузошт, ки беш аз ин шитобзада бошад. Устодон ба пешвозаш шитофтанд, бо онҳо чун ҳамеша оғӯш кушода салом кард. Дар як он дардаш хеле сабук шуд ва чун дар иҳотаи омӯзгорон вориди долони мактаб гашту худро дар муҳити дилхоҳаш, дар муҳите, ки ҳафтод сол боз аз он нафас мекашаду ҳаловат мебараду зиндагиашро нишотбору бафайз мекунад, дарёфт, дигар ҳама дардашро фаромӯш карда буд.

Абдурауф МУРОДӢ,
«Омӯзгор»

Дар ҷомеа омӯзгороне, ки тамоми умри худро ба таълиму тарбия, рушди маърифати ҷомеа ва тарбияи насли наврас бахшидаанд, ҳамеша бо эҳтиром ёд мешавад. Яке аз чунин омӯзгорони соҳибтачриба ва фидокор Мавсума Носирова мебошад, ки умри пурбаракати худро ба касби муқаддаси омӯзгорӣ бахшидааст. Фаъолияти наздик ба 50-солаи ӯ намунаи равшани садоқат ба касб, масъулияттиносӣ, меҳнатдӯстӣ ва муҳаббат ба шогирдон мебошад.

Мавсума Носирова фаъолияти меҳнатии худро соли 1978 ҳамчун омӯзгори фанни физика оғоз намуд. Физика ҳамчун яке аз фанҳои дақиқ аз омӯзгор дониши мустаҳкам, тафаккури мантиқӣ, маҳорати фаҳмонидани мафҳумҳои мураккаб ва муносибати эҷодкоронаро талаб менамояд. Муаллима бо такя ба донишу тачрибаи худ тавонист муҳити омӯзишиеро фароҳам оварад, ки дар он хонанда на танҳо қонунҳои физикаро меомӯхт, балки ба мушоҳида, андешаронӣ, ҷустуҷӯ ва дарёфти ҷавобҳои мустақилона одат мекард.

Барои М. Носирова омӯзгорӣ рисолати зиндагӣ гардид.



Дар баробари фаъолияти омӯзгорӣ, ба корҳои методӣ низ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намуда, тачрибаи андӯхтаи худро бо ҳамкорон дар миён гузошт. Дар даврахои гуногун вазифаҳои муовини директор, директор, мудири кабинети методӣ ва роҳбари муассисаҳои таълимиро ба уҳда дошт.

Тачрибаи Мавсума Носирова дар вазифаҳои роҳбарӣ нишон медиҳад, ки маҳорати омӯзгорӣ ва қобилияти ташкилотчигӣ дар фаъолияти ӯ бо ҳам пайванди ногусастанӣ дошт. Барои ӯ роҳбарӣ, пеш аз ҳама, масъулият дар назди коллектив, хонандагон, падару модарон ва ҷомеа буд.

Мавсуф дар фаъолияти худ ба интизоми касбӣ, омодагии ҳамаҷониба ба дарс, муносибати масъулона ба шогирдон ва ҳамкории созанда бо ҳамкорон аҳаммияти хос медиҳад. Дар тачрибаи ӯ як ҳақиқати одӣ, вале муҳим ҷой дорад: омӯзгори хуб ҳамеша худ низ меомӯзад, зеро илму технология, усулҳои таълим ва талаботи ҷомеа пайваста тағйир меёбанд. Омӯзгор бояд дар баробари таълим додан, пайваста дониш ва маҳорати касбиашро такмил диҳад.

Дар баробари фаъолияти пурмасъулияти омӯзгорӣ, Мавсума Носирова дар зиндагии шахсӣ низ рисолати муҳимми модариро бо сарбаландӣ ичро намуд. Ӯ модари чор фарзанд мебошад. Тарбияи фарзанд дар баробари фаъолияти заҳматталаб як мактаби бузурги сабру таҳаммул, масъулият ва муҳаббат аст. Имрӯз дидани фарзандони соҳибмаълумот, соҳибкасб ва соҳиби зиндагии мустақил барои модар мояи ифтихор мебошад.

Нуъмон РАҶАБЗОДА,
«Омӯзгор»

ФИДОИИ КАСБ

Умар Умаров соли 1983 ба факултети физикаи Донишкадаи давлатии омӯзгории шаҳри Душанбе ба номи Т. Г. Шевченко (ҳоло ДДОТ ба номи С. Айнӣ) дохил шуда, онро соли 1990 хатм намудааст.

Устод У. Умаров баъди хатми донишгоҳ ба сифати лаборанти калони кафедраи методикаи таълими физика ва соли 1991 ба ҳайси ассистенти ҳамин кафедра фаъолияти омӯзгориро оғоз кардааст.

Мавсуф аз рӯзҳои аввали фаъолият ба касби омӯзгорӣ аз таҳти дил машғул шуда, дар кафедра ба ҷустуҷӯйи методҳои беҳтар гардонидани сифати методикаи таълими физика дар донишкада камар баст. Бо ташаббуси ӯ дар факултет сафи дӯстдорони фанни физика зиёд гардида, шавқу ҳаваси донишҷӯён нисбат ба ин илми пурасрору наҷиб афзун гардид. Дарсҳои ассистент У. Умаров ҳамеша рангорангу шавқовар ва бо истифодаи методҳои навтарини таълим, навигариҳои илми методикаи таълими физика моҳирона ва хубу ҷолиб мегузаштанд. Дар ҳамин давра номбурда аз тачрибаи амалии худ дар саҳифаҳои рӯзномаву маҷаллаҳои соҳавӣ ба навиштани мақолаҳои илмӣ-методӣ шуруъ намудааст.

Дотсент У.Умаров дар кафедра аз фанҳои «Асосҳои физикаи мактабӣ», «Методикаи таълими физика», «Практикуми ҳалли масъалаҳои физикӣ», «Методикаи машғулиятҳои беруназсинфӣ», «Методика ва техникаи намоиши тачрибаҳо», «Методикаи таълими физика дар мактаби олӣ», «Методикаи ҳалли масъалаҳои мушкили физикӣ», «Ҳалли масъалаҳои физикии ғайриқолабӣ» ба донишҷӯён, магистрон ва унвонҷӯён дарс мегӯяд.

Фаъолияти омӯзгорӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиву олии касбӣ ва мутолиаи пайвастаи асарҳои илмию методии соҳаи методикаи таълими физика диққати ӯро ба корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ҷалб намуд. У. Умаров аз соли 1991 то соли 2021 дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №53 (баъдан гимназияи №53)-и шаҳри Душанбе низ ба сифати омӯзгори физика фаъолият намудааст.

Мавсуф соли 1994 ба шуъбаи рӯзонаи аспирантураи назди ДДОТ ба номи С. Айнӣ дохил шуда, тадқиқоти илмии худро доир ба мавзуи «Методикаи истифодаи маводи маҳал ҳангоми омӯзиши физика дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» оғоз намуд. У. Умаров соли 1997 шуъбаи рӯзонаи аспирантураи назди ДДОТ ба номи С. Айниро хатм намуда, пасон ба кафедраи методикаи таълими физикаи донишгоҳи мазкур баргашта, ба вазифаҳои ассистент, муаллими калон, дотсенти кафедра, мудири кафедраи методикаи таълими физика, декани факултети физика, директори Институти илмӣ-тадқиқотии илмҳои табиатшиносию риёзӣ ва такмили методикаи таълими онҳо дар назди ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ ва аз соли 2024 то ҳол дар вазифаи мудири кафедраи методикаи таълими физика фаъолият карда, ҳамзамон, солҳои 2004-2020 узви гурӯҳи ҳамоҳангсозии барнома ва китобҳои дарсии физика ва нуҷуми Шурои миллии таҳсилот дар назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, аз соли 2020 то ба ҳол раиси ҳамин гурӯҳи кориро ба уҳда дорад.

Саҳми Умар Умаров дар рушди соҳаи методикаи таълими физика басо назаррас аст. Солҳост, ки дар кафедраи методикаи таълими физика таълифи барномаҳои фанҳои тахассусӣ, дастурҳои таълимию методӣ ва китобҳои дарсӣ ба забони тоҷикӣ, ба роҳ монда шудааст. Дар ин корҳо саҳми дотсент У. Умаров ҳамчун методисту омӯзгори варзида ва муҳаррири нуктасанҷу нозукбаён бузург аст.

Дотсент У. Умаров инсони комил, омӯзгори асил, олими нуктасанҷ ва сермаҳсул мебошад. Дар давоми 36 соли фаъолияти омӯзгории худ дар донишгоҳ зиёда аз 700 номгӯй корҳои илмӣ-методӣ таълиф намудааст, ки аз он 80-тоаш васоити методию таълимӣ ва китобҳои дарсӣ мебошанд, ки имрӯзҳо донишҷӯёни донишгоҳҳои омӯзгорӣ, омӯзгорон ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, литсейҳо, гимназияҳо, коллеҷҳои омӯзгорӣ, донишкадаю донишгоҳҳои ҷумҳурӣ аз онҳо истифода мебаранд.

Дотсент У. Умаров узви Шурои диссертатсионии назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ мебошад. Таҳти роҳбарии ӯ се нафар унвончӯй рисолаи номзадӣ дифоъ намуда, соҳиби дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ шудаанд ва рисолаҳои номзадии 3 шогирди дигар дар арафаи ҳимоя мебошад.

Ӯ фидоии касби хеш буда, бо сабр, меҳр ва заҳмат наслҳои ояндаро тарбия мекунад. Чунин омӯзгор шахсест, ки на танҳо мутолиаи китоб, балки ҳаётро ба шогирдон меомӯзонад. Дар давоми фаъолияти корӣ худро ҳамчун шахси масъулияттшинос, меҳнатдӯст ва эҷодкор нишон дода, барои баланд бардоштани сатҳи дониш ва малакаҳои хонандагону донишҷӯён саҳми арзанда гузоштааст. Дарсҳои ӯ ҳамеша бо истифодаи методҳои муосири таълим, равишҳои инноватсионӣ ва муносибати инфиродӣ баргузор мегарданд.

Ҳ. ХУДОЯРЗОДА,
номзади илми педагогӣ, устоди кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ,
Ӯ. РАҶАБОВ,
дотсенти кафедраи методикаи таълими физикаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ,
Г. БОБОНИЁЗОВА,
устоди кафедраи методикаи таълими физикаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ

Дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров бунгоҳи тиббӣ, муассисаи таълимӣ ва маркази ташхисӣ ба истифода дода шуд.

Омӯзгор роҳҳои сабук кардани корҳои вазнинро ба шогирдон меомӯзонад.

Р. Эмерсон

5 ОКТЯБР – РӮЗИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

ЗАБОНИ МАТБУОТИ ТОҶИК БОЯД ЧӢ ГУНА БОШАД?

Оё забони матбуоти тоҷик имрӯз оммафаҳм аст? Дар баробари ҳамаи он тадбирҳо ва пешравиҳое, ки нисбат ба тозагии забони тоҷикӣ зоҳир гардидааст, боз чӣ корҳоеро бояд амалӣ намуд? Вобаста ба ин саволҳо ва чанд нуктаи дигари марбут ба рушди забони давлатиамон бо чанд тан аз равшанфикрони кишварамон назарпурсӣ анҷом додем.

Фарҳод Раҳимӣ – академик:

- Нахуст мехоҳам чанд нуктаеро аз ҷойгоҳ ва бузургии забони миллат таъкид намоям. Ҷойи баҳс нест, ки забони тоҷикӣ яке аз забонҳои бостонии ҷаҳон ба шумор меравад. Дар шароити имрӯзаи таърихӣ бурди мо ва тамоми мардуми ориётабор ин аст, ки бо истифода аз имконоти мавҷуда муваффақ шудем, ки дар гӯшае аз ҷуғрофияи густардаи Ориёвиҷи таърихии аз ҳам фурӯпошида давлати миллие бо номи Тоҷикистон таъсис намоем. Мавҷудияти давлати миллӣ ҳамчун дастгоҳи ҳифзи манфиатҳои миллӣ тақозо мекунад, ки забони миллие бо номи забони тоҷикӣ ва ҳувияти миллие бо унвони ҳувияти тоҷикӣ дошта бошем. Тоҷикӣ ном бурдани забон ва ҳар арзишу муқаддасоти ин миллат на тафриқаангезӣ ва гусастан аз асли хеш, балки арҷгузорӣ ва эҳёи забону тамаддуни дерин ва фарҳанги асили аҷдодии пурғановати миллати соҳибтамаддуни мо маҳсуб меёбад. Матбуот ҳам, ки яке аз воситаҳои таблиғкунанда ва истифодабарандаи ин забон аст, дар инкишофу рушду нумуъ ва пешрафти он саҳми сазоворро молик мебошад.

Воқеан, забони имрӯзаи матбуоти тоҷик нисбат ба солҳои пешин хеле хуб аст, вале ин дараҷаи ниҳоӣ нест. Матбуот бояд тарғибгари забони тоҷикии мо бошад. Ҳусусияти ҳар забон он аст, ки вай бояд аз ҳисоби вожаҳои дигар забонҳо таркиби луғавии хешро бой гардонад, аммо баъзеҳо мехоҳанд, ки аз истифодаи калимаю истилоҳҳои хориҷӣ худдорӣ намоянд. Ин, албатта, нодуруст аст. Асри бистуяк асри пешрафтаи илму техникӣ, тафаккури зеҳнӣ, тараққиёти техникист. Чӣ хел мешавад, ки аз ин гуна вожаҳо, бахусус, соҳаи техникаю технология даст кашем? Чизи дигар. Мутаассифона, баъзан истифодаи лаҳҷа дар воситаҳои ахбори омма ба назар мерасад. Мо бояд дар доираи забони адабии тоҷик хулосабарорӣ намоем.

Ба назар мерасад, ки дар навиштаҳои бархе аз рӯзноманигоронамон норасоии таркиби луғавӣ ҳис мешавад. Агар ба забонамон аз рӯйи зарурат калимаҳои ғайритоҷикӣ дохил шаванд, ки мафҳуми ашёро саҳеҳтар дода тавонанд, аз ин ҷои ҳарос нест. Масалан, дар забони англисӣ тӯли як сол қариб як миллион калима дохил мешудааст, ки бешубҳа, боигарии забонро таъмин менамояд. Матбуот метавонад, ки савияи забономӯзии аҳолиро баланд намуда, барои фаҳмидани калимаҳои хориҷӣ кумак намояд.

Боймурод Шарифзода – доктори илми филология:

- Вақте мо матбуот мегӯем, пеш аз ҳама, жанрҳои он, мавзую муҳтавои ин ё он нашрия пеши назар меояд. Забон бошад, воситаи асосии корбурди воситаи ахбор, бахусус, матбуот аст. Ин рукни миллӣ, яъне, забон, албатта, организми зинда аст ва он аз ҳисоби ворид шудани калимаҳои ғайр ғанӣ мегардад. Баъзе вожаҳое ҳастанд, ки ба забони мо бевосита бо ашёшон ворид гардидаанд. Онҳоро агар кӯшиши тоҷикӣ кардан намоем, шояд мафҳуми ашёро ифода карда натавонанд. Хусусияти ҳар гуна забон ҳамин гуна аст. Мардум забонро бештар тавассути воситаҳои ахбори омма ҳифз менамоянд. Бинобар ин, журналистонро



лозим аст, ки бештар сода нависанд, вале на ба ҳадди омиёна.

Баъзеҳо кӯшиш менамоянд, ки калимаву вожаҳои диёри худро, ба қавли устод Садриддин Айнӣ, «бе пушт – пушт» ба таркиби луғавии забон дохил намоянду дар навиштаҳояшон ҳар чи бештар истифода намоянд. Чунин амал нодуруст аст, зеро меъёрҳои забони адабӣ тамоман чизи дигар мебошад. Ба таъкиди устод Айнӣ, бояд ҳар вожаи истифодамешуда, ки ҷанбаи лаҳҷа ё шевагӣ дорад, бояд ҳатман аз «имтиҳон»-и халқ гузашта, суфта шуда, серистеъмол гардида, он гоҳ ба таркиби вожазори забони тоҷикӣ дохил гардад, на ба пиндори он, ки ин ё он калима гӯё бе таҳлилу такмил хусусияти адабӣ дошта бошад.

Сайфиддин Камолзода – номзади илми педагогӣ:

- Эҳтиром доштан ба забон, эҳтиром намудани модар аст. Ҳама кас, новобаста ба синну сол, касбу донишу ҳунараш, барои ҷилои тоза пайдо намудани калимаю ибора, мафҳумҳои забонӣ бояд заҳмат кашад. Дар ин самт, бахусус, саҳми қаламкашон бояд калон бошад. Баъзан дар забони матбуоти тоҷик тарзи навишти гуногуни калимаҳоро мебинем, ки аз камҳавсалагӣ ё аз надонистани имлои забони тоҷикӣ аз тарафи ин ё он муаллифи мақола дарак медиҳад. Забони мо, тоҷикон, умуман, ҳавзаи Мовароуннаҳру Хуросон хеле нобу тоза аст, аммо мо баъзан ба забони ҳамсояҳоямон тақлиди кӯркӯрона менамоем, ки боиси афсӯс аст.

Дар рӯзномаҳо баъзан мехонем: «садо» ва «симо», ё «Донишкадаи ҳунарҳои зебо». Чаро аз радио ва телевизион гуфтан ҳазар мекунем? Охир, мафҳумаш хеле сода ва маълум аст. Ё магар Донишкадаи ҳунарҳои безеб ҳам мешавад? Барои ҳамин ҳам, андеша дорам, ки забони матбуоти мо бояд ҳоло ҳам ташаккул ёбад. Ҳоло ҳам ба назар мерасад, ки калимаву вожаҳоро ҳар кас ба таври худ менависад, ки қобили қабул нест. Ҳар чи барвақттар сари роҳи инро гирифтан ба мақсад мувофиқ аст. Бархе аз рӯзномаҳо матнҳоеро, ки аз радиоҳои хориҷӣ мешунавем, айнан истифода мебаранд. Ба фикрам, ҳамаи ин аз кам мутолиа кардани ҳамин гуна муаллифон дарак медиҳад. Мутолиаи бештар ва доимӣ ҳам таркиби луғавӣ ва ҳам гӯиши касро суфта ва пухтаву равон мегардонад. Албатта, дар фазои матбуоти тоҷик рӯзноманигорони хушқалам ҳам кам нестанд. Аммо дар навиштаҳои баъзе аз ҷавонтарҳо ё камтаҷрибаҳо нуқсонҳо ҳаст, ки бояд ислоҳ шаванд.

Таҳияи
Ҳотам ҲОМИДЗОДА,
«Омӯзгор»

30-ЮМИ СЕНТЯБР – РӮЗИ МАВЛОНО



Дар ҳама давру замон мардони бохираду инсонҳои бузург, шоирону олимон, адибону нависандагон ва инсонҳои шариф дар ҳаёти худ саховат, накукорӣ, мардӣ, эҳсон, парҳезкорӣ ва дигар хислатҳои инсониро пеша мекунанд.

Яке аз чунин равшанзамирон, ки бо осори панду ахлоқии хеш ҷаҳон ӯро эътироф намудааст, Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ мебошад, ки бо эҷоди осори арзишманди худ на танҳо маҳбуби миллати тоҷику форс, балки дар рӯйи ҷаҳон шуҳратманд гардидааст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ

ҲОДИИ ҲАҚИҚИИ БАШАРИЯТ

Раҳмон дар бораи ин шоири бузург фармудааанд: «Орифи бузург Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ дар тамоми Шарқу Ғарб бо назми оламгири худ маъруф гаштааст ва шеъру андарзҳои фалсафии ӯро дар тамоми олам бо шавқу завқи беандоза, чи пиру чи ҷавон, чи марду чи зан, новобаста аз дину мазҳаб ва ҷаҳонбинии худ қироат мекунанд».

Имрӯз мо мебинем, ки ашъори Мавлоно Ҷалолиддини Балхиро миллатҳои гуногун, аз ҷумла, арабу турку ҳинду ва ҳатто миллатҳои аврупоию амрикоӣ ба забонҳои худ тарҷума карда мутолиа мекунанду меомӯзанд. Инчунин, ба хотири бузургдошти ин абармарди бузурги тоҷик ЮНЕСКО соли 2007-ро «Соли бузургдошти Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ» эълон кард, ки ба ин муносибат дар марказҳои илмию фарҳангии кишварҳои гуногуни олам маҳфилҳои илмию фарҳангӣ ба хотири бузургдошти ин орифи тавоно таҷлил карда шуд.

Осори Мавлоно ва панду андарзҳои ӯ дорои ғояҳои ҳикмат, фалсафа, дӯстӣ, ҳамраъйӣ, ваҳдату ягонагӣ, ватандӯстиву хештаншиносӣ ва худогоҳӣ мебошад. Ба таъкиди Мавлоно, бо дӯстони мувофиқ ва ёрони содиқ суҳбат оростан аҷаб лаззате дорад. Дар ҳақиқат, панду андарз ва ғазалиёти Мавлоно одамонро ба сулҳу салоҳ, якдигарфаҳмию ҳамзистӣ ва дӯстиву бародарӣ даъват менамояд. Ин шоири ориф ақида дошт, ки бояд дӯст аз дӯст дар дил кина нагирад ва ғаразҳову кибру ғурур, хусумату бадбиниро аз қалби худ дур созад.

Истиқлоли давлатӣ имкон фароҳам овард, ки миллати тоҷик ба омӯзиши осори баландарзиши ниёгони худ аз дидгоҳи нав рӯ орад ва онро мувофиқ ба ормонҳои деринаи миллат таҳқиқ намояд ва ба ин васила, насли наврасро дар руҳияи ифтихор, ҳувияти миллӣ ва гиромӣ доштани таъриху тамаддуни ниёгон тарбия созад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳошияи баргузории ҷашнҳои бузурги таърихӣ, ба унвони ҳодии аҳли таҳқиқ роҷеъ ба донишварону мутафаккирон, суханварону адибон мақолаву асарҳои пурмуҳтавои ба қалам овардаанд, ки яке аз онҳо асари «Мавлоно ва тамаддуни инсонӣ» ба шумор меравад. Дар пешгуфтори китоб, ки унвони рамзии «Бишнав аз най...»-ро гирифтааст, хеле бомаврид ба ҷараёни муносибати густурдаи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба афкор ва андешаҳои оламгири Мавлоно ручуъ намуда, бар пояи он сабаб ва омилҳои аслӣ, зарурати таълифи чунин як асари арзишмандро ба таври амиқ ва равшану барҷаста чунин тавзеҳ додаанд: «Бо рушди босуръат ва печидаи ҷомеаи башарӣ, таҳаввулоти навин ва амиқи иҷтимоӣ, афзоиши мушкилот ва зиддиятҳои гуногун, бахусус, зарурати таъхирнопазири робита ва ҳамкориҳои созандаи халқҳо, минтақаҳо ва башарият бештару бештар ба Мавлонои мо рӯ хоҳанд овард».

Гавҳарбӣ САИДМУҲИДДИНОВА,
омӯзгори забон ва адабиёти тоҷики мактаби Президентӣ барои хонандагони болаёқат дар ноҳияи Кӯшониён

Ҳирсу ҳасаду кина зи дил берун кун!

Осори мондагору безаволи Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, ки тахаллуси Румӣ ҳам дорад, боиси боз ҳам шуҳратманду пуровоза шудани адабиёти куҳанбунёди тоҷик гардидааст. Аз ин шоири тавоно, хушбахтона, мероси хеле бузургу ғанӣ боқӣ мондааст. Машҳуртарин ва калонтарин асари Ҷалолиддини Балхӣ «Маснавии маънавӣ» мебошад, ки аз силсилаи ҳикоёти ҷолибу пандомӯз ва фалсафию рамзӣ иборат мебошад. Барои эҷоди ин шоҳкорӣ шоир беш аз даҳ соли ҳаёти худро бахшидааст. «Маснавии маънавӣ» аз шаш дафтар иборат буда, дар қатори беҳтарин осори адабиёти классикии тоҷик мавқеи устувор дорад. Эҷодиёти Мавлоно аз нигоҳи жанрҳои адабӣ низ рангин буда, ғазал, қасида, маснавӣ, қитъа ва рубоиётро фаро мегирад. Мавзуъҳои асарҳои шоир гуногуну домана-доранд. Қисми зиёди навиштаҳои Мавлоно ҷанбаи тасаввуфию фалсафӣ дошта бошанд ҳам, ӯ ба мавзуъҳои ҷовидонии адабиёт – ишқ, одоби нек, дӯстӣ, зебоипарастӣ, садоқат, шуҷоат ва монанди инҳо таваҷҷуҳи хосса зоҳир кардааст. Аз ин нигоҳ, бештар ғазалҳои шоир имтиёз доранд ва умуман, дар эҷоди ин жанр Мавлоно ба фатҳи қуллаҳои баланд мушарраф гардидааст. Дар рубоисарой низ ӯ анъанаҳои неки гузаштагонро сарбаландона ва дар заминаи истеъдоди воло идома бахшидааст. Рубоиёти Ҷалолиддини Балхӣ дорои баёни равшан, шеърияти баланд, мазмуни олӣ ва забони ширадор мебошанду зуд роҳ ба дилҳо меёбанд. Аз ин лиҳоз, рубоии зер далели равшани ин гуфтаҳост:

Пайваста сарат сабзу лабат хандон бод,
Ҷону дили ошиқон зи ту шодон бод.
Он кас, ки туро бинаду шодӣ накунад,
Сарзеру сияҳгилему саргардон бод!

Бо мутолиаи ин рубоӣ кас гумон мекунад, ки он дар аҳди мо гуфта шудааст: ҳама калимаҳо фаҳмо, гуфтор саҳеҳу дилчасп, мушкилие дар дарки маънӣ нест, шоир таманниёти худро ба таври содаю равону самимӣ баён доштааст.

Дар рубоиёти Ҷалолиддини Балхӣ мавзуи ишқ чун дар эҷодиёти аксар шоирони бузурги тоҷик мавқеи аввалдараҷа дорад. Мавлоно ишқро ҳамдаму ҳамрози худ медонад, аз ишқ меболад ва бо садоқат изҳор мекунад:

Ҷуз ишқ набуд ҳеҷ дамсоз маро,
Не аввалу не охиру огоз маро.
Ҷон медиҳад аз даруна овоз маро,
К-эй коҳили роҳи ишқ, дарбоз маро!

Дигар аз мавзуъҳои умдаи рубоиёти Мавлоно ҳамбаста ба панду ҳикмат аст. Шоир одату хислатҳои неки инсонро тавсиф ва рафтору гуфтори бадро накуҳиш мекунад ва ҳамагонро насиҳат менамояд, ки ҳамеша накукору хушодоб бошанд:

Ҳирсу ҳасаду кина зи дил берун кун,
Хӯи баду андеша ту дигаргун кун.
Инкор зиёни туст, рав, қамтар кун,
Иқрор туро суд кунад, афзун кун.

Саломат САМАДОВА,
ҷонишини директори мактаб-интернати рақами 4 барои кӯдакони имконияташон маҳдуд дар шаҳри Душанбе

Дар Форуми дуюми байналмилалии сармоягузории Озарбойҷон имконоти сармоягузории Тоҷикистон муаррифӣ шуд.

РИЁЗӢ

ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲО ДОИР БА ОЛИМПИАДА

Машғулияти бисту ҳаштум (синфҳои 8-9)

ИСБОТИ НОБАРОБАРИҲО БО ТАТБИҚИ НОБАРОБАРИҲОИ ШОЁНИ ТАВАҶҶУҲ

Масъалаи 130. Нобаробариро исбот кунед: $1 \cdot 2 \cdot 3 \cdot \ldots \cdot 2024 < 1012{,}5^{2024}$.

Масъалаи 131. Исбот мекунем, ки агар $a > 0$, $b > 0$, $c > 0$, $d > 0$ бошад, он гоҳ $(a+b+c+d)\left(\frac{1}{a}+\frac{1}{b}+\frac{1}{c}+\frac{1}{c}\right) \geq 16$ мешавад.

Масъалаи 132. Исбот мекунем, ки агар $a > 0$, $b > 0$, $c > 0$ ва $a + b + c = 7$ бошад, он гоҳ $\sqrt{2a+3b+4c+1} + \sqrt{3a+4b+2c+2} +$ мешавад.

Масъалаи 133. Барои ададҳои ҳақиқии $x, y, z > 1$ исбот кунед, ки $\frac{x+y+z}{3} + xyz \geq (\sqrt{x-1} + \sqrt{y-1} + \sqrt{z-1})^2$ мешавад.

ҲАЛЛИ МАСЪАЛАҲО

130. Исбот. Ҳар ду тарафи нобаробарии додашударо ба дараҷаи $\frac{1}{2024}$ мебардорем:

$(1 \cdot 2 \cdot 3 \cdot \ldots \cdot 2024)^{\frac{1}{2024}} < (1012{,}5^{2024})^{\frac{1}{2024}}$;

$\sqrt[2024]{1 \cdot 2 \cdot 3 \cdot \ldots \cdot 2024} < (1012{,}5.$

Аз нобаробарии Кошӣ истифода бурда, ҳосил мекунем:

$$\sqrt[2024]{1 \cdot 2 \cdot 3 \cdot \ldots \cdot 2024} < \frac{1+2+3+\ldots+2024}{2024} =$$

$$= \frac{\frac{1+2024}{2} \cdot 2024}{2024} = \frac{2025}{2} = 1012{,}5 \ .$$

Пас, $1012{,}5 < 1012{,}5^{2024}$ аст.

Ҷавоб: Исбот шуд.

131. Исбот. Тарзи якум. Барои исботи нобаробарии мазкур ҳамчун нобаробарии такягоҳӣ нобаробариҳои зеринро татбиқ мекунем:

$\frac{a}{b}+\frac{b}{a} \geq 2$; $\frac{a}{c}+\frac{c}{a} \geq 2$; $\frac{a}{d}+\frac{d}{a} \geq 2$;

$\frac{b}{c}+\frac{c}{b} \geq 2$; $\frac{b}{d}+\frac{d}{b} \geq 2$; $\frac{c}{d}+\frac{d}{c} \geq 2$.

Тарафҳои чап ва рости нобаробариҳоро ҷамъ мекунем:

$$\frac{a}{b}+\frac{b}{a}+\frac{a}{c}+\frac{c}{a}+\frac{a}{d}+\frac{d}{a}+\frac{b}{c}+\frac{c}{b}+\frac{b}{d}+\frac{d}{b}+$$
$$+\frac{c}{d}+\frac{d}{c} \geq 12;$$
$$1+\frac{b}{a}+\frac{c}{a}+\frac{d}{a}+\frac{a}{b}+1+\frac{c}{b}+\frac{d}{b}+\frac{a}{c}+$$
$$+\frac{b}{c}+1+\frac{d}{c}+\frac{a}{d}+\frac{b}{d}+\frac{c}{d}+1 \geq 12+4.$$

Ҳамзарбҳои умумиро аз қавсҳо бароварда, ҳосил мекунем:

$$\frac{a+b+c+d}{a}+\frac{a+b+c+d}{b}+$$
$$\frac{a+b+c+d}{c}+\frac{a+b+c+d}{d} \geq 16;$$
$$(a+b+c+d)\left(\frac{1}{a}+\frac{1}{b}+\frac{1}{c}+\frac{1}{c}\right) \geq 16.$$

Тарзи дуюм. Нобаробарии $(a+b+c+d)\left(\frac{1}{a}+\frac{1}{b}+\frac{1}{c}+\frac{1}{c}\right) \geq 16$-ро аз рӯйи таъриф низ исбот намудан имконпазир аст. Қавсҳоро кушода, онро табдил медиҳем:

$$(a+b+c+d)\left(\frac{1}{a}+\frac{1}{b}+\frac{1}{c}+\frac{1}{c}\right)-16 =$$
$$= \frac{a}{b}+\frac{b}{a}+\frac{a}{c}+\frac{c}{a}+1+\frac{a}{d}+\frac{d}{a}+\frac{b}{c}+\frac{c}{b}+$$
$$+1+\frac{b}{d}+\frac{d}{b}+1+\frac{c}{d}+\frac{d}{c}-16 =$$
$$= \frac{a}{b}+\frac{b}{a}-2+\frac{a}{c}+\frac{c}{a}-2+\frac{a}{d}+\frac{d}{a}-2+$$
$$+\frac{b}{c}+\frac{c}{b}-2+\frac{b}{d}+\frac{d}{b}-2+\frac{c}{d}+\frac{d}{c} =$$
$$= \frac{(a-b)^2}{ab}+\frac{(a-c)^2}{ac}+\frac{(a-d)^2}{ad}+$$
$$+\frac{(b-c)^2}{bc}+\frac{(b-d)^2}{bd}+\frac{(c-d)^2}{cd} \geq 0.$$

Ҳамин тавр, нобаробарии маъмул пайдо гардид. Нобаробарӣ дуруст аст.

Ҷавоб: Исбот шуд.

132. Исбот. Ба сифати нобаробарии такягоҳи $\frac{a+b}{2} \geq \sqrt{ab}$ мегирем, ки дар ин ҷо $a \geq 0$, $b \geq 0$, мебошад. Ифодаҳои зери решаҳои квадратии нобаробарии матлубро ба намуди ҳосили зарб менависем:

$$\sqrt{(2a+3b+4c+1) \cdot 1} +$$
$$+ \sqrt{(3a+4b+2c+1) \cdot 1} +$$
$$+ \sqrt{(4a+2b+3c+3) \cdot 1} < 36.$$

Акнун дар нобаробарии матлуб нобаробарии Коширо татбиқ мекунем:

$$\sqrt{(2a+3b+4c+1) \cdot 1} \leq \frac{2a+3b+4c+1+1}{2};$$
$$\sqrt{(3a+4b+2c+2) \cdot 1} \leq \frac{3a+4b+2c+2+1}{2};$$
$$\sqrt{(4a+2b+3c+3) \cdot 1} \leq \frac{4a+2b+3c+3+1}{2}.$$

Тарафҳои чап ва рости нобаробарии ҳосилшударо ҷамъ карда, пайдо мекунем:

$$\sqrt{2a+3b+4c+1} + \sqrt{3a+4b+2c+2} +$$
$$+ \sqrt{4a+2b+3c+3} < \frac{2a+3b+4c+1+1}{2} +$$
$$+ \frac{3a+4b+2c+2+1}{2} + \frac{4a+2b+3c+3+1}{2};$$

Ё ки

$$\sqrt{2a+3b+4c+1} + \sqrt{3a+4b+2c+2} +$$
$$+ \sqrt{4a+2b+3c+3} <$$
$$< \frac{9a+9b+9c+6+3}{2} =$$
$$= \frac{9(a+b+c)+9}{2} \ .$$

аст.

Азбаски $a + b + c = 7$ аст, пас нобаробарии охиронро ба намуди зерин табдил медиҳем:

$$\sqrt{2a+3b+4c+1} + \sqrt{3a+4b+2c+2} +$$
$$+ \sqrt{4a+2b+3c+3} < \frac{9 \cdot 7+9}{2}$$

ё ки

$$\sqrt{2a+3b+4c+1} + \sqrt{3a+4b+2c+2} +$$
$$+ \sqrt{4a+2b+3c+3} < 35$$ мешавад.

Талаботи нобаробарӣ исбот карда шуд.

Ҷавоб: Исбот шуд.

133. Исбот. Мувофиқи нобаробарии Кошӣ-Буняковский-Шварс пайдо мекунем:

$x + xyz = x(1 + yz) =$
$= (1 + (y - 1 + 1)(z - 1 + 1))$
$\geq (x - 1 + 1)(1 + (\sqrt{y-1} + \sqrt{z-1})^2) \geq$
$\geq (\sqrt{x-1} + \sqrt{y-1} + \sqrt{z-1})^2$.

Ҳамин тавр, системаи нобаробариҳои зеринро тартиб медиҳем:

$x + xyz \geq (\sqrt{x-1} + \sqrt{y-1} + \sqrt{z-1})^2$;
$x + xyz \geq (\sqrt{x-1} + \sqrt{y-1} + \sqrt{z-1})^2$;
$x + xyz \geq (\sqrt{x-1} + \sqrt{y-1} + \sqrt{z-1})^2$;

Системаи нобаробариҳоро ҷамъ мекунем:

$x + y + z + 3xyz \geq$
$\geq 3\,(\sqrt{x-1} + \sqrt{y-1} + \sqrt{z-1})^2$.

Ҳар ду тарафи ин нобаробариро ба 3 тақсим мекунем:

$\frac{x+y+z}{3} + xyz \geq (\sqrt{x-1} + \sqrt{y-1} + \sqrt{z-1})^2$.

Нобаробарӣ исбот гардид.

Ҷавоб: Исбот шуд.

Мамадҷон МАҲКАМОВ,
профессори кафедраи методикаи таълими математикаи ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ

Феъли «to be» дар забони англисӣ ва баробармаънои он дар забони тоҷикӣ

Феъли «**to be**» яке аз феълҳои асосӣ дар забони англисӣ ба шумор меравад. Истифодаи ин феъл дар матн имкон медиҳад, ки шахс дар марҳалаи аввали омӯзиши забон бидуни мушкилӣ гуфтугӯ кунад. Феъли «**to be**»-ро ба забони тоҷикӣ вобаста ба сохтори матн метавон ҳамчун «будан», «ҳаст», «вуҷуд доштан», «шудан» ва «зистан» тарҷума кард.

Барои истифодаи васеи он дар забони гуфтугӯӣ бояд таснифи пурраи онро донист. Зимнан ёдрас мекунем, ки онро метавон асосан дар се замон тасниф кард: дар замонҳои ҳозира (**Present Tense**), гузашта (**Past Tense**) ва оянда (**Future Tense**).

Феъли «**to be**» дар забони англисӣ ягона феъле мебошад, ки шаклҳои зиёде дорад ва на ҳамаи гунаҳояш ба масдар (**be**) монанд ҳастанд. Дар замони ҳозираи номуайян (**Present Indefinite**) вай чунин гунаҳо дорад: **am / is / are**, дар замони гузаштаи номуайян (**Past Indefinite**) бошад, **was / were** ва дар замони ояндаи одӣ (**Future Simple**) гунаи **will be.** Қобили зикр аст, ки феъли «**to be**» шаклҳои саволӣ ва инкориро бидуни иштироки феъли ёридиҳандаи «**do**» месозад.

Қоидаҳои таснифи феъли «to be»:

Таснифи феъли «to be» дар замони ҳозираи одӣ

АНГЛИСӢ			ТАРҶУМА БА ЗАБОНИ ТОҶИКӢ
I	am	a nice teacher	Ман омӯзгори хуб ҳастам.
He	is	a chess player	Вай шоҳмотбоз аст.
She		a doctor	Ӯ духтур аст.
It		a nice house	Ин хонаи зебо аст.
We	are	good neighbours	Мо ҳамсояҳои хуб ҳастем.
You		very intellectual	Шумо бисёр доно ҳастед.
They		our best friends	Онҳо дӯстони беҳтарини мо ҳастанд.

Таснифи феъли «to be» дар замони гузаштаи одӣ

АНГЛИСӢ			ТАРҶУМА БА ЗАБОНИ ТОҶИКӢ
I	was	a nice teacher	Ман омӯзгори хуб будам.
He		a chess player	Вай шоҳмотбоз буд.
She		a doctor	Ӯ духтур буд.
It		a nice house	Ин хонаи зебое буд.
We	were	good neighbours	Мо ҳамсояҳои хуб будем.
You		very intellectual	Шумо бисёр доно будед.
They		our best friends	Онҳо дӯстони беҳтарини мо буданд.

Таснифи феъли «to be» дар замони оянда

АНГЛИСӢ			ТАРҶУМА БА ЗАБОНИ ТОҶИКӢ
I	will be	very famous	Ман хеле машҳур хоҳам шуд
He		a surgeon	Вай ҷарроҳ хоҳад шуд
She		a teacher	Ӯ омӯзгор хоҳад шуд
It		our aim	Ин ҳадафи мо хоҳад буд
We		glad	Мо шод хоҳем шуд
You		our best friend	Шумо дӯсти беҳтарини мо хоҳед буд
They		back again	Онҳо боз хоҳанд гашт

Таснифи феъли «to be» ҳангоми ифодаи шакли инкорӣ

ЗАМОНИ ҲОЗИРА	ЗАМОНИ ГУЗАШТА	ЗАМОНИ ОЯНДА
I am not	I was not	I will not be
You are not	You were not	You will not be
He is not	He was not	He will not be
She is not	She was not	She will not be
It is not	It was not	It will not be
We are not	We were not	We will not be
You are not	You were not	You will not be
They are not	They were not	They will not be

Шакли ихтисории феъли «**to be**» дар матни англисӣ:

ҷонишин will be = ҷонишин ’ll be
ҷонишин will not be = ҷонишин ’ll not be

Шаклҳои ихтисории феъли «**to be**» бо ҳиссачаи «**not**» дар матни англисӣ:

are not = aren’t
is not = isn’t



was not = wasn’t
will not be = won’t be were not = weren’t

Ҷадвали меҳварии таснифи феъли «to be» дар забони англисӣ:

	САВОЛ	ТАСДИҚ	ИНКОР
Оянда	**Will** i, you, we, they, he, she **be ?**	I, you, we, they, he, she **will be**	I, you, we, they, he, she **will not be**
Ҳозира	**Am** i **?**	I **am**	I **am not**
	Is he, she, it **?**	He, she,it **is**	He, she, it **is not**
	Are you, we, they **?**	You, we, they **are**	You, we, they **are not**
Гузашта	**Was** i, he, she, it **?**	I, he, she, it **was**	I, he, she, it **was not**
	Were you, we, they **?**	You, we, they **were**	You, we, they **were not**

Сохтани **шаклҳои** саволӣ ва инкорӣ бо феъли «**to be**» **вижагиҳои зайлро доро мебошанд:**

Дар забони англисӣ барои сохтани ҷумлаи саволӣ тартиби калимаҳо иваз карда мешавад. Дар ҷумлаҳои саволӣ шаклҳои вобастаи феъли «**to be**» пеш аз мубтадо меоянд.

Дар шакли инкорӣ бошад, баъд аз феъл ҳиссачаи «**not**» меояд.

I am a bank employee. – Ман корманди бонк мебошам.

Am I an engineer? – Оё ман муҳандис ҳастам?

I am not a rider. – Ман савора нестам.

He was glad yesterday. – Вай дирӯз хурсанд буд.

Was he glad yesterday? – Оё вай дирӯз хурсанд буд?

He was not glad yesterday. – Вай дирӯз хурсанд набуд.

Дар забони гуфтугӯӣ шаклҳои кӯтоҳ ё ихтисоршуда ба шакли зайл - **isn’t** [Iznt] ва **aren’t** [Rnt], ҳамчунин, **wasn’t** [wOznt] ва **weren’t** [wWnt] истифода мешаванд. «Am not» шакли кӯтоҳ надорад, ҳарчанд дар баъзе сарчашмаҳо гуфта мешавад, ки «**am not**»-ро метавон ба шакли «**ain’t**» ихтисор кард.

Ёддошт: Таркибҳои **there is / there are** дар ҷумлаҳои инкорӣ бо ёрии ҷонишини инкории «**no**» тартиб дода мешавад:

There is a tree in the garden. There is **no** tree in the garden.	Дар ин боғ *дарахт ҳаст.* Дар ин боғ *дарахт нест.*

Ва ё бо истифодаи ҳиссачаи инкории «**not**», агар пеш аз мубтадо, шумора ё калимаҳои ифодакунандаи миқдор, ба мисли many, much, enough ва амсоли ин омада бошад:

There are **not** many trees in the garden.	Дар ин боғ *дарахтони бисёр нестанд.*

Дар сохтори зерин саволҳо ва ҷавобҳои кӯтоҳ чунин сохта мешаванд:

Is there a tree in the garden? **Yes**, there **is**. **No**, there **is not** (**isn’t**).	Оё дар ин боғ *дарахт ҳаст?* **Ҳа.** **Не.**

Парвиз РАСУЛОВ,
омӯзгори забони англисии МТМУ №8-и ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ

Дар Намоишгоҳи байналмилалии сайёҳии Душанбе – 2026 зиёда аз 115 ширкату ташкилот иштирок карданд.

Омӯзгор чандин китобро варақ мезанад, то ба шогирдон як варақ сухан гӯяд.
В. А. Сухомлинский

ТАВАҶҶУҲ

ОБУНА БА ҲАФТАНОМАИ «ОМӮЗГОР» БАРОИ СОЛИ 2027

Нархи обуна барои як сол бе иловаи хидмати почта – 138 сомонӣ



Нархи обуна барои як сол бо иловаи хидмати почта: шаҳри Душанбе 184 сомонию 93 дирам ва дигар шаҳру ноҳияҳо 203 сомонию 24 дирам

Агар хоҳед, ки дар соли 2027 аз навовариҳои соҳаи маориф ва илм огоҳ бошед, амру фармоиш ва дастурҳои вазири маориф ва илм ва асноди соҳаро сари вақт дастрас намоед, аз таҷрибаи судманди ҳамкасбон огоҳ гардед, таҷриба, андеша ва дархости худро пешниҳод карда тавонед, аз эҷоди бадеии ҳампешагон огоҳ бошед, қолибтарин нигоштаҳоро оид ба умдатарин масоили рӯз мутолиа кунед ва сатҳи донишу маҳорату малакаи худро пайваста боло бардоред, ба нашрияи дӯстдоштаи худ – «Омӯзгор» обуна шавед.

СУРАТҲИСОБИ МО

КВД БА ҶТ «Амонатбонк»

с/х 20202972200817101000

ҳ/м 20402972316264

РМБ 350101626

РМА 010009400

Ба «Омӯзгор»

Маркази ҷумҳуриявии такмили ихтисоси кормандони соҳаҳои сайёҳӣ ва хизматрасонии ДБСТ барои ишғоли вазифаҳои холии зерин озмун эълон менамояд:

Шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрӣ

Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрӣ – 1 ҷой;

Сармутахассиси шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрӣ – 1 ҷой.

Шуъбаи таълимию методӣ

Мудири кафедраи фанҳои табиӣ-риёзӣ – 1 ҷой;

Мудири кафедраи фанҳои сайёҳӣ ва хизматрасонӣ – 1 ҷой;

Мутахассиси пешбари шуъбаи таълимию методӣ – 1 ҷой;

Коргузорони кафедраҳо – 2 ҷой.

Бахши коргузорӣ ва назорат

Сармутахассис – 1 ҷой;

Мутахассиси пешбар – 1 ҷой.

Бахши хоҷагидорӣ

Мутахассиси пешбар (ҳамшираи тиббӣ) – 1 ҷой.

Бахши илм ва робитаҳои байналмилалӣ

Сармутахассиси бахши илм ва робитаҳои байналмилалӣ – 1 ҷой.

Талаботи тахассусӣ барои ишғоли вазифаҳо:

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мазкурро таъмин карда метавонад;
- собиқаи корӣ дар соҳаи маориф ва аз рӯйи ихтисос на камтар аз 3 сол;
- донистани қонунҳо ва санадҳои марбут ба соҳаи маориф;
- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо зердастон;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ;
- хуб кор кардан бо компютер ва шабакаи интернет;
- донистани забони давлатӣ ва як забони хориҷӣ.

Маоши вазифавӣ тибқи ҷадвали басти вазифаҳо муқаррар карда шудааст.

Барои иштирок дар озмун ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

- ариза ба номи директори марказ;
- варақаи баҳисобгирии кадрҳо;
- тарҷумаи ҳол;
- нусхаи ҳуҷҷатҳо оид ба маълумоти олӣ (бо замимааш), унвони илмӣ ва такмили ихтисос (нусхаи диплом, шаҳодатнома ва ғ.);
- 2 адад сурати рангаи андозааш 4х6 ва 4 адад 3х4;
- дафтарчаи меҳнатӣ;
- нусхаи шиноснома (шакли соли 2014);
- нусхаи РМА (рақами мушаххаси андозсупоранда);
- нусхаи СИН (суғуртаи иҷтимоии нафақавӣ);
- дафтарчаи тиббии шакли муқарраршуда;
- маълумотномаи тиббии шакли №038 УЕ;
- маълумотнома оид ба надоштани доғи судӣ;
- нусхаи билети ҳарбӣ (барои шахсоне, ки хизмати ҳарбиро адо намудаанд);
- тавсифнома аз ҷойи кори пешина.

Ҳуҷҷатҳо аз ҷониби Маркази ҷумҳуриявии такмили ихтисоси кормандони соҳаҳои сайёҳӣ ва хизматрасонии ДБСТ дар муҳлати 15 рӯз баъди чопи эълон дар шакли хаттӣ қабул карда мешаванд.

Нишонӣ: ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. Борбад-48/5, тел.: (+992) 900889888; 902161717.

САЙҚАЛИ ЗЕҲН

МУАММОИ «ОМӮЗГОР»



1. «Агар дар ҷаҳон набвад ***, Шавад тира аз бехирад рӯзгор» (Ҷомӣ). 2. Сурх, сафед, кабуд. 3. Воситаи таълим дар дарсҳои таърих ва география. 4. Воситаи ифодаи фикр. 5. Фатҳу кушоиш. 6. Илме, ки гузаштаро меомӯзонад. 7. Асбоби аёнӣ. 8. Кабир, бузург. 9. «Роҳе, ки бе *** аст, душвор менамояд» (Соиб). 10. Бо он менависанд. 11. Муродифи вожаи «омӯзгор». 12. Макони илму таълим. 13. Ашёи таълимӣ. 14. Пешрафти хонанда дар он қайд мегардад. 15. Баробар аст ба сад сол. 16. Донаи шоҳмот. 17. Шаҳр дар шимоли Тоҷикистон. 18. Машғулияти таълимӣ. 19. Соҳаи илми заборшиносӣ. 20. Навъи хати арабӣ. 21. Вақтро мешуморад. 22. Ҷузъи либоси миллӣ. 23. Нашриёт дар Тоҷикистон. 24. Иди байналмилалӣ. 25. «*** дар даҳон, эй хирадманд чист? (Саъдӣ). 26. Калимае, ки барои муайян кардани шахсе ё чизе кор фармуда мешавад. 27. Исми Қаҳрамони Тоҷикистон.

Мураттиб
Ҳотам ҲОМИДЗОДА,
«Омӯзгор»

Ҷавоби муаммои «Мунир» («Омӯзгор», №38, 23.09.2026)

Аз чап ба рост: 2. «Дохунда». 5. Бас. 8. Муина. 9. Арабӣ. 10. Мунир. 11. Амонӣ. 12. Аср. 14. Архимед.

Аз боло ба поён: 1. Дума. 2. «Дониш-нома». 3. Астаробод. 4. Умумӣ. 5. Басра. 6. Самар. 7. Ширин. 13. Саид.

ЭЪТИБОР НАДОРАД

Шаҳодатномаи гумшудаи Т-АТУ №0398385, ки онро соли 2017 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №44-и ноҳияи Варзоб ба Сафаралиев Мавлонҷон Ҳамзалиевич додааст, эътибор надорад.

Роҳбарият ва кормандони Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз даргузашти собиқ муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва собиқ ректори Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ, профессор СОДИҚОВ ХИСРАВ РИЗОЕВИЧ андуҳгин буда, ба аҳли оила, хешону пайвандон ва ҳамкорону шогирдони марҳум таслият ва ҳамдардии амиқ баён менамоянд.

Роҳбарият ва кормандони МТМУ №9-и ноҳияи Хуросон аз даргузашти нобаҳангоми омӯзгори собиқадор, Аълочии маорифи Тоҷикистон ДОДАРБЕК САФАРОВ андуҳгин буда, ба аҳли оила ва хешону пайвандони марҳум ҳамдардии амиқ баён мекунанд.

Омӯзгорону устодони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №28-и ноҳияи Варзоб ба омӯзгори собиқадор Хайрулло Раҳимов бинобар даргузашти ПИСАРАШ изҳори ҳамдардии амиқ менамоянд.

ҲАФТАНОМА АЗ 28-УМИН НОЯБРИ СОЛИ 1992 НАШР МЕШАВАД

ОМӮЗГОР

НАШРИЯИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН www.omuzgor-gazeta.tj

МУАССИС
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР
Эҳсон САФАРЗОДА
225-81-55

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ
Анвар САФАРЗОДА
Раҳим САИДЗОДА
Ҳомид ҲОШИМЗОДА
Равшан КАРИМЗОДА
Лутфия АБДУЛХОЛИҚЗОДА
Бадриддин МУЗАФФАРЗОДА
Қобилчон ХУШВАХТЗОДА

«Омӯзгор» таҳти рақами 271/рз-97, аз 27.09.2021 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шуда, таҳти рақами 0110005977 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. Нашрия ба хотири чандандешӣ маводе низ ба табъ мерасонад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамфикр набошад ва барои онҳо масъулиятро ба уҳда нагирад.

Навиштаҳо ва суратҳои ба идораи ҳафтанома воридгашта баргардонида намешаванд. Идораи ҳафтанома навиштаҳоро дар ҳаҷми на бештар аз 4 саҳифаи компютерии андозаи 14 (фосилаи 1,5)-и ҳарфи Times New Roman Tj қабул менамояд.

ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ
Насриддин ОХУНЗОДА (ҷонишини сармуҳаррир)
Шодӣ РАҶАБЗОД
Ҳотам ҲОМИДЗОДА 225-81-57
Шаҳноза БОБОМУРОДОВА (муҳаррирон)

МУХБИРОН
Ирода ТИЛАБОВА (шаҳри Душанбе)
Ҷангибеки УЛФАТШОҲ (ВМКБ)
Сухроб АЗИЗӢ
Худододи ИСЛОМ (вилояти Хатлон)
Нуъмон РАҶАБЗОДА (вилояти Суғд)

Саодат ЭРГАШЕВА 225-81-61 (масъули обуна)
Зарнисор НИЗОМОВА (ҳуруфчин)

Ҳафтанома дар матбааи нашриёти комплексии «Шарқи озод» ба табъ расид.
Индекси обуна: 68850.
Адади нашр: 44545 нусха

Почтаи электронӣ:
n.omuzgor@maorif.tj
Сомонаи ҳафтанома:
www.omuzgor-gazeta.tj

QR - коди сомонаи расмии нашрияи «Омӯзгор»

Навбатдори шумора
Ш. Раҷабзод